**ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**УДК: 378.004 (575.3)**
**ББК: 74.0**
**А - 14**

**АБДУЛЛОЗОДА НАҶИБУЛЛО**

# ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ АСОСИИ ХОНАНДАГОН БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-КОММУНИКАТСИОНӢ

## ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот)**

**Роҳбари илмӣ: Камолзода Сайфиддин, номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи методикаи таълим, психология ва омодасозии кадрҳои илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

**ДУШАНБЕ – 2023**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА**............................................................ **3-21**

**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ** ........................................................ **22-75**

1.1 Омилҳо, шароит ва технологияи ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон дар раванди таълим.......... 22-45

1.2 Хусусиятҳои дидактикии ташаккули салоҳиятҳо дар раванди таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ................................................ 46-72

Хулосаи боби якум ....................................................... 73-75

**БОБИ II. АМСИЛАИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ АСОСИИ ХОНАНДАГОН ДАР ШАРОИТИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ**.......................................................................... **76-155**

2.1. Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун қисми асосии ташаккули салоҳиятҳои хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ................................................................ 76-94

2.2. Ташаккули салоҳияти хонандагон дар раванди таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ................................................................ 95-131

2.3. Кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз он ......... 132-146

Хулосаи боби дуюм ....................................................... 147-150

**ХУЛОСАИ УМУМӢ**....................................................... **151-157**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**................................................... **158-172**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Яке аз хусусиятҳои рушди маориф, дар шароити муосир, ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба раванди таълим ба ҳисоб меравад, зеро маҳз истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ омили муҳими рушди давлат ва ҷомеа баррасӣ карда мешавад. Рушди босуръати технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим сифат ва сатҳи тайёр намудани мутахассисони ояндаро баланд менамояд.

Ҳар як хонанда имконият дорад, ки аз воситаҳои иттилоотиву коммуникативӣ, ки қисми ҷудонопазири раванди таълим гардидаанд, васеъ истифода намояд. Истифода гардидани технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим ба хонандагон имконият медиҳад, ки тафаккури эҷодии худро тақвият диҳанд, корҳои мустақилонаро бо сифати баланд иҷро намоянд ва умуман фаъолияти таълимии худро самаранок гардонанд.

Мавриди истифода қарор гирифтани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ҳамчун муносибати инноватсионии таҳсил баррасӣ гардида, яке аз системаҳои самараноки тайёр намудани мутахассисон баромад менамояд. Дар ин замина имконияти бунёди системаи инноватсионии таълим ба миён меояд.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба самаранок намудани фаъолияти зеҳнӣ, баланд намудани сатҳ ва сифати тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат равона карда шудааст. Дар ин самт, яке аз масъалаҳои муҳим ташаккули салоҳиятҳои мухталифи хонандагон дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Дар адабиёти муосири педагогӣ мафҳуми “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” ба таври васеъ таҷассум гардидаанд. Таҳлили

сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки ин мафҳумҳо ҳамчун сифатҳои ба ҳам алоқаманди шахсӣ: дониш, маҳорат, малака ва қобилияти фаъолият; ҳамчун доро будан ба донишҳо ва қобилиятҳои муайян ва ба таври самаранок фаъолият намудан дар соҳаи муайян тасниф карда шудаанд. Салоҳият мавзуъ ва шаклҳои мухталифи фаъолияти мутахассисро тасниф менамояд, салоҳиятнокӣ бошад, ҳамчун сифати интегралии шахсият, ки дар қобилиятҳои умумӣ ва омодагӣ ба фаъолият зоҳир мегардад, баромад менамояд.

Дар асоси самтгирӣ ба натиҷаи таҳсилот, салоҳият ҳамчун омодагии субъект ба ташкили самараноки захираҳои худ дар бадастории мақсадҳо баррасӣ мегардад, салоҳиятнокӣ – ин натиҷаи таҳсилот аст, ки дар доштани маҷмуи муайяни салоҳиятҳо зоҳир мегардад.

Муносибати босалоҳият дар таҳсилот ин самтгирии таълим на танҳо ба азхудкунии донишҳои муайян, балки ба рушди шахсият, қобилияти маърифатӣ ва бунёдкорӣ, иҷтимоигардии бомуваффақ ба ҷомеа ва мутобиқгардии фаъол дар бозори меҳнат ба ҳисоб меравад.

Салоҳият ва салоҳиятнокии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионии хонандагон яке аз унсурҳои таркибии ихтисосмандии ӯ ба ҳисоб меравад. Таҳлили таҳқиқотҳои педагогӣ нишон медиҳад, ки дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ салоҳиятнокии хонандагон дар соҳаи технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ нақш ва мавқеи муҳим дорад. Хусусияти таҳсилоти умумӣ дар он зоҳир мегардад, ки малакаву маҳорати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ бояд дар алоқамандӣ бо қобилиятҳои психологиву педагогии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим дар асоси таҷрибаи хонандагон ташаккул ёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти системаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба бунёди шароити ташаккули муносибати босалоҳият ба таълим равона карда шудааст. Ба даст овардани сатҳи баланди сифати

маълумот танҳо дар ҳолати истифодаи мақсаднок ва васеи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ имконпазир аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ истифодаи воситаҳои иттилоотиву коммуникативӣ яке аз масъалаҳои муҳими стратегӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити Тоҷикистон ворид ва мавриди истифода қарор додани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар барномаҳои миллӣ дар соҳаи сиёсати давлатӣ таҷассум ёфтаанд: Барномаи давлатии компютеркунонии мактабҳои маълумоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015; Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022; Барномаи давлатии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015; Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои то 2020.

Дар ин ҳуҷҷатҳо мақсади асосии маориф рушди ҳаматарафаи қобилияти зеҳнӣ тариқи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ муайян гардидааст. Вазифаи муҳим бошад баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати тайёр намудани мутахассисони босалоҳият, баландихтисос, рақобатпазир, ки ба талаботҳои ҷомеаи муосир мувофиқанд, ба ҳисоб меравад.

Қайд намудан зарур аст, ки амалӣ намудани ин вазифа саводнокии компютерӣ ва ташаккули салоҳиятҳои мухталифи хонандагон, аз он ҷумла салоҳияти иттилоотиву коммуникативиро тариқи модернизатсия ва мукаммал намудани маориф, талаб менамояд.

Ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба раванди таълим ба баланд бардоштани сифат ва сатҳи маълумот мусоидат менамояд. Дар ин самт метавон чунин ҷанбаҳо, ба монанди истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим; таъмини дастрасии васеъ ба иттилоот, донишҳо, рушди таҳсилоти фосилавӣ; азхуднамоии қобилият ва маҳорати кор бо

иттилооти мухталиф; коркард ва истифодаи технологияҳои самараноки ташкил ва идоракунии раванди педагогиро махсусан қайд намуд.

Ҳамин тариқ, ҳалли масъалаҳои зикргардида тағйироти ҷиддии раванди педагогиро пешниҳод менамояд, ки бояд ба тайёр намудани мутахассиси оянда бо маҷмуи муайяни салоҳиятҳо равона карда шавад. Қайд намудан зарур аст, ки дар шароити имрӯза тайёр намудани мутахассисони оянда бо маҷмуи муайяни салоҳиятҳо яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ки ҳалли сариваҷтиро талаб менамояд.

Қайд намудан зарур аст, ки масъалаи тайёр намудани мутахассисони босалоҳият дар истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар касби оянда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд. Дурнамо ва аҳамияти тайёрии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар аксарияти ҳолатҳо аз доираи таҳқиқотҳои педагогӣ берун мондаанд.

Таҳлили ворид намудан ва мавриди истифода қарор додани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди педагогии муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки чунин вориднамоӣ ва истифодабарӣ дар аксарияти ҳолатҳо ба таври эҳтимолӣ сурат мегирад, ки бо мавҷуд набудани асоси ягонаи назариявӣ-методологии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ алоқаманд аст.

Чунин мешуморем, ки ҳалли ин масъалаҳо танҳо дар асоси гузаронидани таҳқиқи ҷанбаҳои дидактикии тайёрии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар фаъолиятиояндаашон имконпазир аст.

Дар кори диссертатсионии мазкур кӯшиш карда шудааст, ки ба масъалаи мазкур равшанӣ андохта шавад, асосҳои дидактикии тайёрии хонандагони муассисаҳои таълимӣ ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолиятиояндаи он таҳқиқ карда

шавад, инчунин шароити педагогии таъминоти дидактикии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар системаи тайёрнамоии мутахассисони оянда муайян карда шавад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот.** Ҷанбаҳои мухталифи назариявӣ, амалӣ ва методологии воридгардӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар маориф аз ҷониби муҳаққиқони мухталиф мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Масъалаҳои мухталифи иттилоотонии маориф, истифодаи иттилоот дар раванди таълим, асосҳои назариявӣ ва амалии масъалаҳои педагогиву психологии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, истифодаи воситаҳои мултимедиявӣ дар раванди таълим аз тарафи О.А.Козлов, И.В.Роберт, В.В.Гусев, А.А.Андреев, Т.А.Матвеев, И.Г.Захарова, А.В.Хуторская, Л.Н.Горбунова, Е.С. Полат, Т.С. Ильин, В.П. Беспалько, Е.А. Науменко, М.В.Каймакова, Е.В.Батаев мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Ҷанбаҳои амалии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим аз тарафи муҳаққиқони тоҷик, ба монанди С.С.Афғонов, А.Р.Додихудоев, К.Б.Қодиров, Ф.С.Қосимов, М.Муллоҷонов, Ф.Шарипов, И.Олимов мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Ҷиҳатҳои мухталифи салоҳият ва салоҳиятнокии касбии омӯзгорон ва хонандагон аз тарафи мактабҳои мухталифи педагогӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар ин самт метавон таҳқиқотҳои М.И Станкин, И.П. Подласий, Н.В. Баздовская, И.Ф. Исаев, В.И. Андреев, Д.А. Белухин, Т.В. Мишаткин, В.И. Писаренко, И.Я. Писаренко, П.К. Холмогорцев, В.Н. Чернокозова ва И.И. Чернокозовро махсусан қайд намуд. Ин муаллифон дар таҳқиқотҳои худ ба масъалаи таснифоти мафҳуми “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ”; роҳҳо ва воситаҳои ташаккули самараноки салоҳият ва салоҳиятнокӣ, шароити педагогии ташаккули салоҳиятнокӣ, нақши салоҳиятнокӣ дар фаъолияти мутахассиси оянда бо

истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ рӯй овардаанд.

Дар муносибатҳои илмии пешина салоҳиятнокӣ ҳамчун дониш ва таҷриба дар ин ё он соҳаи фаъолият; ҳамчун имкониятҳои асосии мансабдор, дониш ва таҷрибаи ӯ, ки имконият медиҳад масъалаҳои гуногун бо иштироки ӯ ҳал карда шаванд, тасниф карда мешуд.

Муҳаққиқони тоҷик М. Лутфуллозода, Қ. Қодиров, И.Х. Каримова, Ф. Шарифзода, Ғ.Бобизода, М.Аҳмадов, Д.Расулов, С.Туронов, Д.Имомназаров, А.Байзоев ва дигарон ба масъалаҳои мухталифи салоҳият ва салоҳиятнокии касбии омӯзгорон ва хонандагон дахл намуда, ҷиҳатҳои алоҳидаи онро мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор додаанд. Ин муаллифон оид ба таснифоти мафҳуми “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” роҳҳо ва воситаҳои таъмини ташаккул ва инкишофи салоҳиятнокии хонандагон дар раванди таълим, муносибати босалоҳият ба таълим ва ғайраҳоро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё лоиҳаҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи фанҳои табиию риёзӣ ва технологияи иттилоотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021 дар мавзуи “«Роҳҳои татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълим фанҳои табиатшиносию дақиқ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” ва муқаррароти асосии Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои итгилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солхои 2018-2022 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2017, № 443) иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** омӯзиш ва таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ-методологии шароитҳои педагогии ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва санҷишу озмоиши он.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

- муайян сохтани омилҳо, шароитҳо ва технологияҳои ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, роҳҳои такмили методҳои ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии хонандагон, сохтор ва тарҳи ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон;

- асоснок кардани ҷанбаҳои дидактикии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ – коммуникатсионии хонандагон дар раванди таълим;

- ба таври маҷмуӣ баҳогузории амалӣ ва объективии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон;

- асоснок кардани нақш ва мақоми салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун замина ва пойгоҳи асосии ташаккул ва инкишофи шаклҳои дигари салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон ;

- коркард кардани маҷмуи роҳҳо ва воситаҳои ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ – коммуникатсионии хонандагон дар раванди таълим, ки ба рушди самараноки салоҳиятнокии хонандагон мусоидат менамоянд;

- асосноксозии муносибатҳои педагогии ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, таҳияи хулоса ва тавсияҳо, ки рушди салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагонро дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ таъмин менамоянд.

**Объекти таҳқиқот:** раванди ташаккул ва рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ.

**Фарзияи таҳқиқот:** Сифат ва сатҳи тайёр намудани мутахассисон дар муассисаҳои таълимӣ самаранок мегардад, агар:

- муассисаҳои таълимӣ бо технологияҳои муосири иттилоотӣ-компютерӣ таъмин карда шаванд;

- роҳу воситаҳои ташаккули салоҳияти хонандагон дар раванди таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ омӯхта шаванд;

- шароитҳои педагогии самараноки тайёр намудани хонандагон ҷиҳати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ таъмин ва ба инобат гирифта шаванд;

- салоҳиятнокии иттилоотиву коммуникатсионии омӯзгорон ва хонандагон дар раванди таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ таъмин карда шавад;

- шароити педагогии тайёрнамоии хонандагон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар фаъолияти касбӣ ошкор карда шавад.

- салоҳияти коммуникативӣ-иттилоотӣ ҳамчун қисми асосии ташаккули салоҳиятҳои хонандагон таҳқиқ карда шавад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқот дар се марҳилаи бо ҳам алоқаманд гузаронида шуд:

*Дар марҳилаи аввал* (сс.2017-2018) ҷамъоварии мавод, ташхису таснифот ва банизомдарории онҳо, интихоби далелҳои педагогӣ, ғояҳо, назарияҳо, муайян намудани натиҷаҳои ҷустуҷӯҳоро дар иртибот ба мавзуи таҳқиқот ташкил медиҳад;

*Дар марҳилаи дуюм* (сс. 2019-2020) омӯзиши мавод ва ташхиси онҳо идома ёфта, натиҷаҳои ба даст овардашуда, бо натиҷаҳои ибтидоӣ муқоиса карда шуданд. Аз ҷумла, натиҷаҳои бадастомада қисман дар шакли мақолаҳо ба чоп расонида шудаанд.

*Дар марҳилаи сеюм* (сс. 2021-2022) хулоса ва пешниҳодҳо дақиқ гардонида шуда, натиҷаҳои бадастомада дар қолаби рисола, яъне диссертатсияи номзадӣ, ба анҷом расонида шудааст.

**Асоси назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро осори дар ин самт таълифнамудаи олимони хориҷӣ ва ватанӣ:

а) О.А.Козлов, И.В.Роберт, В.В.Гусев, А.А.Андреев, Т.А.Матвеев, И.Г.Захарова, А.В.Хуторская, Л.Н.Горбунова, Е.С. Полат, Т.С. Ильин, В.П. Беспалько, Е.А. Науменко, М.В.Каймакова, Е.В.Батаев, М.И Станкин, И.П. Подласий, Н.В. Баздовская, И.Ф. Исаев, В.И. Андреев, Д.А. Белухин, Т.В. Мишаткин, В.И. Писаренко, И.Я. Писаренко, П.К. Холмогорцев, В.Н. Чернокозова и И.И. Чернокозов ва дигарон;

б) М. Лутфуллозода, Қ. Қодиров, И.Х. Каримова, Ф. Шарифзода, Ғ.Бобизода, М.Б. Каримзода, А. Мирзоев, М.Аҳмадов, Д.Расулов, С.Туронов, Д.Имомназаров, А.Байзоев, А.Р. Додихудоев, Ф.С.Қосимов, М.Муллоҷонов, Ф.Шарипов, И.Олимов ва дигарон;

в) қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияву стратегия ва барномаҳои давлатии рушди маориф, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва ғ. ташкил доданд.

**Асоси методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқот аз муқаррароте иборат мебошад, ки дар доираи муносибати системавӣ, назарияи педагогикаи умумӣ нуҳуфтаанд, инчунин аз муқаррароти назариявӣ аз педагогика ва психологияи муҳити таълимӣ, таҳқиқоту тафсирҳо оид ба назария ва методикаи иттилоотикунонии таҳсилот, истифодабарии технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълим, истифодабарии технологияҳои иттилоотию компютерӣ дар таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин назарияҳо оид ба муносибати фаъолонаю салоҳиятнок ва ғайра иборат мебошанд.

Дар кори илмӣ инчунин принсипу усулҳои умумиилмӣ: принсипҳои мунтазамӣ, маҷмуӣ, таърихӣ, илова ва бардавомӣ, муносибати субъективию фаъолиятӣ, инчунин усулҳои илмӣ ба мисли таҳлил, синтез, индуксия, тарҳ ва ғ. истифода шудаанд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Осори фалсафию таърихӣ ва психологию педагогӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ дар соҳаи маориф; монографияҳо, мақолаҳо ва диссертатсияҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ, маводи шабакаи Интернет, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то солҳои 2030 ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорон ва ғ.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот дар асоси ҳамкории бевоситаи амалии муҳаққиқ бо объекти таҳқиқшавандаи дорои вижагиҳои умумиилмӣ ва махсус: таҳлили назариявии адабиёти илмӣ-педагогӣ, таҳлили стандартҳои таълимӣ, барномаи тайёрӣ аз рӯи фанҳои иттилоотӣ ва касбӣ, таҳияи барномаи таҳқиқот, ташкили мушоҳида ва гузаронидани озмоиш, тавсиф ва натиҷагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, таснифи онҳо ва ҷаъбасткунӣ бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ - арзёбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия ва ғ.; дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои микдорӣ, дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди оқилонаи онҳо рӯи кор омадаанд.

**Пойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот.** Таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот дар муассисаи таҳсилоти миѐнаи умумии №80-и шаҳри Душанбе гузаронида шуда, дар он 250 нафар хонандагон ба

корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ ҷалб карда шуданд. Дар раванди корҳои озмоишӣ, асосан, хонандагони синфҳои болоӣ ҷалб карда шуда буданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки:

- ба таври маҷмуӣ роҳҳо ва воситаҳои ҷорӣ намудани принсипҳои ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим муайян карда шудаанд, ки ба рушди самараноки салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон мусоидат менамоянд;

- роҳҳои такмили усулҳои ташаккули салоҳиятнокии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии хонандагон, сохтор ва амсилаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию коммуникатсионӣ пешниҳод шудаанд;

- ба таври маҷмуӣ баҳогузории амалӣ ва объективии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар ташаккули салоҳиятҳои азхудкунии хонандагон собит карда шудааст;

- нақш ва мақоми салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун замина ва пойгоҳи асосии ташаккул ва инкишофи шаклҳои дигари салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон асоснок карда шудааст;

- муносибатҳои педагогии ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ асоснок шуда, бо озмоиши педагогӣ санҷида шудаанд ва дар ин замина хулоса ва тавсияҳо коркард ва пешниҳод шудаанд, ки рушди салоҳият ва салоҳиятнокии асосоии хонандагонро дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ таъмин менамоянд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- дар шароити имрӯза салоҳияти касбӣ ба сифати омили воқеии рақобатпазирӣ баромад менамояд. Рақобатпазирӣ, қобилияти касбӣ, салоҳияти касбӣ - сатҳи баланди доштани ин ё он фаъолият, низоми донишҳо, қобилият ва маҳорат, ташаккули ҷаҳонбинии дохилии

шахсият: талаботҳо, муқаррарот, ангезаҳои фаъолият, тасаввурот оид ба худ ба ҳисоб меравад. Ташаккул ва инкишфи салоҳият ва салоҳиятнокӣ аз хусусиятҳои ҳавасмандӣ ва шахсиятии хонанда; ташхис ва таҳлили донишҳо, маҳорат, қобилият ва инчунин талаботҳову имконияти хонанда; мавриди истифода қарор додани корҳои мустақилона, корҳои лоиҳавӣ, шароити педагогӣ бо таъсири муҳити таълимӣ вобаста аст. Илова бар ин, салоҳият ва салоҳиятнокӣ на танҳо дар доираи раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ, балки зери таъсири арзишҳои оилавӣ, доираи муносибатҳои рафиқона, унсурҳои динӣ ва арзишу анъанаҳои фарҳангӣ ташаккул меёбад;

- дар тарҳи раванди ташаккули салоҳияти хонандагон принсипҳои дидактикӣ муҳим мебошанд, зеро маҳз онҳо дар муайян намудани мазмуну мундариҷаи таълим, дар интихоби метод ва шаклҳои таълим таъсир мерасонанд. Имкониятҳои асосии дидактикии технологияҳои компютерӣ ба ҷанбаҳои зерин ворид карда мешаванд: амалисозии муколамаи интерактивӣ, иттилооти визуалии таълимӣ, моделсозии равандҳо ва зуҳуроти воқеӣ ё виртуалӣ, нигоҳдории миқдори зиёди иттилоот дар формати рақамӣ,  автоматикунонии ҷараёни фаъолияти ҳисоббарорӣ, автоматикунонии идоракунии фаъолияти таълимӣ. Дар ташаккули салоҳият ва салоҳитянокии хонандагон шартҳои муаяни дидактикӣ, ба монанди ба инобат гирифтани нақши пешбари донишҳои назариявӣ; ягонагии вазифаи  таълимӣ, тарбияви ва инкишофдиҳандаи таҳсилот; ҳавасманднамоӣ ва ангезиши муносибати мусбӣ ба таълим; мушкилот; пайваст намудани корҳои таълимии коллективӣ бо муносибатҳои инфиродӣ дар таълим нақши муҳим доранд;

- яке аз самтҳои асосии беҳтар ва самараноки тайёр кардани хонандагон ташаккули мақсадноки салоҳияти коммуникативии онҳо ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир зарур аст, ки дар раванди таълим барои рушди маҳорати таҳлил ва таснифоти иттилоот дар доираи ҳамкориии

субъектҳо тамоми шароитҳо таъмин карда шаванд. Он бо сатҳи азхудшудаи маҳорат ва малакаҳои нутқӣ, ки вазъияти рафтори кории нутқиро муайян менамояд, тасниф карда мешавад. Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун қобилияти интегративӣ, ки дар сифатҳои гуманистии шахсият асос ёфта, ба таъмини натиҷанокии фаъолияти коммуникативӣ равона гардидааст ва аз таҷрибаи муошурати байнишахсӣ, сатҳи омӯзиш, тарбия ва рушд бармеояд, муайян карда мешавад. Дар ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон технологияи бозӣ васеъ истифода карда мешаванд. Ташаккул ва рушди салоҳиятҳои коммуникативии хонандагон аз салоҳияти зеҳнӣ вобаста аст, зеро маҳз он ҳамчун заминаи азхудкунии донишҳо дар саҳаҳои мухталиф баромад менамояд. Салоҳияти зеҳнӣ ва коммуникативӣ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои камолоти зеҳнӣ ва ташаккули шаклҳои дигари салоиҳият ва салоҳиятнокӣ баромад менамоянд;

- ташаккули салоҳиятҳои асосӣ дар давраи таҳсил дар муассисаи таълимӣ амалӣ мегардад, зеро дар марҳилаи худогоҳӣ ва ҷаҳонбинӣ ташаккули шавқу рағбати он ба миён меояд, ангезаҳои маърифатӣ қувват мегиранд, қарорҳои мустақил қабул мешаванд, худмукаммалнамоӣ ва худинкишофдиҳии шахсӣ амалӣ мешаванд. Истифодаи технология, шакл ва методҳои нав дар раванди таълим ба ташаккул ва инкишофи мустақилият, худташкилнамоӣ, худомӯзӣ, худинкишофдиҳии хонанда мусоидат намуда, муқаррароти илмию арзишӣ пайдо мешавад. Ин ба мутахассис имконият медиҳад, ки вазифаҳои касбиро дар асоси донишҳо, малакаву маҳорат, мавзуъ ва модулҳои фаъолияти касбӣ, услубҳо, воситаҳо ва технологияҳои азхудшуда ҳал намояд. Таҳқиқотҳо дар самти истифодаи технологияҳои компютерӣ дар таълим нишон медиҳанд, ки истифодаи онҳо дар раванди таълим нисбатан самаранок аст. Ҳолати мусбӣ дар он зоҳир мегардад, ки хонандагон метавонанд, миқдори зиёди вазифаҳои иловагии

инфиродиро иҷро намоянд, вазифаҳо шавқовар ва диққатҷалбкунанда буда метавонандбошанд. Илова бар ин истифодаи технологияи компютерӣ хонандагонро ба ташаббускорӣ ҳавасманд менамояд, ки дар доираи таълимоти анъанавӣ ғайриимкон аст.

- мақсади корҳои озмойиши аз муайян намудани самт ва марҳилаҳои кор нисбати ошкор намудани ташаккули салоҳияти хонандагон бо истифода аз технологияи компютерӣ; ошкор намудани нишондиҳандаҳои баҳогузорӣ ва муайян намудани сатҳи аввалини ташаккули салоҳияти хонандагон; таҳлил ва ҷамъбаст намудани натиҷаҳои ниҳоии корҳои санҷишиву озмойишӣ иборат аст. Солҳои охир саъйу кӯшиш карда мешавад, ки методҳои мувофиқи ташхиси салоҳият ва салоҳиятнокӣ коркард карда шавад. Ташхиси педагогӣ – ин муайян намудани сифат, маҳсулнокии раванди таълимӣ-тарбиявӣ, таркиб ва натиҷаҳои он таҳлили сабаб ва натиҷаи алоқаҳо ва баҳогузорӣ дар асоси нишондиҳандаҳои муайян сатҳи бадастории мақсад ва вазифаҳои таълим ва тарбия мебошад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки мушкилоти ташаккули салоҳияти хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Тарҳи маҷмуии раванди таълимӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ коркард ва асоснок карда шудааст. Илова бар ин, асосҳои илмиву методӣ ва дидактикии тайёрнамоии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ҷиҳати истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар фаъолияти ояндаи онҳо васеъ гардонида шудааст.

**Аҳамияти амалии тадқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки маводҳои онро метавон ҳамчун васоити методӣ барои рушди салоҳият ва салоҳиятнокиии хонандагон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, инчунин, дар муасисаҳои таълимӣ ба сифати маводи

иловагӣ дар омӯзиши фанҳои блоки педагогӣ истифода намуд. Ҳамчунин, дар кор тавсияҳои методӣ оид ба инкишофи салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ва маводҳои ташхисӣ барои ошкор намудани мушкилилот дар ин самт коркард шудаанд, ки метавон онҳоро дар раванди таълим ва низоми таҳсилоти умумӣ истифода кард.

**Дараҷаи эътимоднокии** натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада бо методологияи донишҳои илмӣ, консепсияҳои ташхиси педагогӣ, бо такя ба як қатор методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ, натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, инчунин тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшуда ва таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот): *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни ба воярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо;).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми муаллиф дар таҳқиқоти мазкур аз баррасии вазифаҳои дар пеш гузошташуда ва санҷиши фарзияҳои ибтидоӣ зимни истифодаи маҷмуи методҳои тадқиқотии зерин мавриди истифода қарор дода шудаанд: методҳои ташхиси назариявӣ – муқоисавӣ, ретроспективӣ, моделсозӣ; методи ташхисӣ – саволномаҳо, методи баҳогузориҳои санҷишӣ; ташхиси маҳсули фаъолият, омӯзиши таҷрибаи психологиву педагогӣ; методҳои таҳқиқоти озмоишӣ; методҳои коркарди омории маълумотҳои таҷрибавӣ оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ,

ҷамъоварии маълумоти озмоишӣ, таҳлил ва ҷамъбасткунии натиҷаҳо, пешниҳоди хулосаҳои асосии диссертатсия иборат мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар Пажуҳишгоҳи рушди маориф а номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар семинару мизҳои мудаввар ва дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ироа ва тасвиб шудаанд. Мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ба табъ расида, ҳамин тариқ тасвиби худро ѐфтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, ба теъдоди 4 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳаҷми диссертатсия 163 саҳифаи чопи компютериро ташкил мекунад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

## 1.1 Омилҳо, шароит ва технологияи ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон дар раванди таълим

Соҳаи касбии ҳар як фаъолияти инсони муосир ба таври босуръат тағйирёбанда тасниф карда мешавад, ки бешубҳа дар ин дигаргуниҳо талабот ба мутахассис таҷассум мегардад. Омили пешбарандаи рушди маълумоти умумӣ гузариш аз муқаррароти мақсадноки дониш ба муқаррароти ташаккули қобилият ва тайёрии мутахассис ба ҳалли самаранок ва мустақили вазифаҳои дар ҳолатҳои мухталиф дар доираи муносибати босалоҳият ба ҳисоб меравад.

Ташаккули салоҳиятҳои умумифарҳангӣ ва касбии мутахассисони оянда, ки дар ҳуҷҷатҳои намунавии давлатӣ таҷассум ёфтаанд, ба пуррагӣ дигаргуншавии мақсади маълумоти миёнаи асосиро ифода менамояд ва аҳамияти таҳқиқи назариявӣ ва амалиро доро мебошад.

Дар адабиёти педагогӣ то ба имрӯз як қатор таснифоти пешбари мафҳумҳои салоҳият ва салоҳиятнокӣ мушоҳида карда мешавад. Аввалин маротиба мафҳуми салоҳият (компетенсия) аз тарафи Н.Хомский мавриди истифода қарор дода шудааст. Мувофиқи таснифи Н.Хомский мафҳуми “салоҳият” барои ифода намудани қобилият, ки дар иҷроиши фаъолияти муайян, хусусан фаъолияти забонӣ зарур буд, истифода карда шудааст. Ӯ мафҳуми “салоҳият”-ро ҳамчун системаи қобилиятҳои зеҳнӣ, системаи донишҳо ва ақидаҳо, ки дар таъсиррасониҳои мутақобила бо дигар омилҳо рушд менамояд, тасниф намудааст [137, 123].

Дар шароити имрӯза дар педагогика зери мафҳуми “салоҳият” падидаҳои мухталиф, ба монанди маҳорат ва қобилияти амалӣ, сифатҳои шахсӣ, хусусиятҳои ҳамкории байнишахсӣ, равандҳои тафаккурӣ ва зеҳнӣ, самтгириҳои арзишӣ фаҳмида мешавад. Таснифотҳои мухталифи

мафҳуми салоҳият имконият медиҳад, ки масъалаи мазкур аз мавқеъ ва назари мухталиф мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Мафҳуми "салоҳият" на танҳо унсурҳои маърифатӣ ва амалиётиву технологӣ, балки унсурҳои ҳавасмандкунӣ, этикӣ, иҷтимоӣ ва рафториро низ фарогир аст. Он натиҷаи омӯзиш, системаи арзишҳо, одатҳоро дарбар мегирад. Салоҳият натанҳо дар раванди таҳсилот дар муассисаи таълимӣ, балки зери таъсири оила, рафиқон, дин, фарҳанг ташаккул меёбад. Барои ҳар як салоҳият метавон сатҳҳои мухталифи рушдро ҷудо намуд.

Б.А. Райзенберг, Л.Ш. Лозовский, Е.Б. Стародубсева салоҳиятро ҳамчун маҷмуи ваколатҳо, ки мақомот ё шахс мувофиқи қонунҳо, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, оиннома ва муқарраротдоро мебошад, тасниф намудаанд [110, 70].

Д.А.Мешеряков ва А.В.Хуторский салоҳиятро ҳамчун талаботи пешакӣ муайянгардидаи тайёрнамоии таълимии хонанда, хусусияти нақши ояндаи ӯ тасниф намудаанд [18, 132].

М.Минко салоҳиятро ҳамчун системаи донишҳо, маҳорат, қобилият, арзишҳо, ки барои иҷроиши самараноки фаъолияти асосӣ дар асоси нишондиҳандаҳои иҷроиши кор ва барои рушди шахсии доимӣ ва мукаммалгардонӣ тасниф намудааст [89, 23].

Мафҳуми "салоҳият" нисбат ба мафҳумҳои "дониш", "малака" ва "таҷриба" васеъ аст, гарчанде мо оид ба салоҳият ва салоҳиятнокӣ ҳамчун маҷмуи умумии дониш, малака ва таҷриба ҳарф намезанем. Ин нуқтаро муҳаққиқони тоҷик М.Лутфуллозода ва Ғ. Бобизода баррасӣ намуда, қайд менамоянд, ки мафҳуми "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ" дар забони тоҷикӣ нав нестанд, гарчанде доираи истифодаи ин мафҳумҳо маҳдуд гардида буд. Ба ҷои мафҳуми "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ" аз мафҳумҳои "дониш", "маҳорат" ва "малака" истифода мешуд. Аз ин хотир, баъзеҳо чунин мешумориданд, ки истифодаи мафҳуми "салоҳият"

ва “салоҳиятнокӣ” шарт нест, чунки мафҳумҳо маънои онро медиҳанд. Лекин доираи салоҳият ва салоҳиятнокӣ васеътар аст [82, 3].

Муҳаққиқони тоҷик М.Лутфуллозада ва Ғ. Бобизода салоҳиятро ҳамчун ҷабидани дониш, маҳорату малака, таҷрибаи амалӣ, технологияи педагогӣ, маънавиёт ва фарҳанг, ки дар мустақилияти иҷтимоӣ - коммуникативӣ, ахбор, тафаккури интиқодӣ, таҳқиқотӣ, тафаккури эҷодӣ, эҳсос, арҷгузорӣ ва ғайра ифода мегардад, тасниф намудаанд [82, 7-8].

Ҳамин тариқ, таҳлили мазмуну мундариҷаи мафҳуми “салоҳият” имконият медиҳад, ки як қатор ҳолатҳои калидии таркиби онро ҷудо намоем:

- мавҷудияти системаи муайяни донишҳо, малака, маҳорат;
- хусусиятҳо ва сифатҳои шахсӣ, мотивҳо;
- ҳавасмандӣ, қобилият, омодагӣ ба иҷроиши доираи муайяни вазифаҳо дар асоси системаи донишҳо, малака, маҳорат ва нерӯи шахсӣ.

Қайд намудан зарур аст, ки дар як қатор таҳқиқотҳо мафҳуми “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” ҳамчун синоним баррасӣ карда шудаанд. Лекин, дар таҳқиқоти худ зарур мешуморем, ки мафҳуми “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” ҷудо карда шаванд. Мувофиқи таҳқиқотҳои А.С.Белкин, С.Е.Шишов ва Л.М.Сурков метавон муқаррар намуд, ки салоҳият - ин меъёрҳои пешниҳодшуда ба тайёр намудани мутахассис аст, ки барои фаъолият дар соҳаи муайян зарур аст. Салоҳият ҳамчун қобилият ва омодагии шахсият ба фаъолияти бомуваффақи маҳсулнок, ки дар донишҳо ва таҷриба асос ёфтааст, баррасӣ карда мешавад. Салоҳиятнокӣ бошад, ҳамчун сифатҳои аллакай ташаккулёфтаи шахсият, ҳамчун “барнома” фаҳмида мешавад, ки дар асоси он салоҳият рушд менамояд. Салоҳиятнокӣ нисбат ба салоҳият васеъ буда, маҷмуи сифатҳои шахсиро пешниҳод менамояд, ки аз таҷрибаи фаъолияти шахс дар соҳаи муайян бармеояд ва амалӣ гардидани салоҳиятро таъмин менамояд.

Муҳаққиқони тоҷик М.Лутфуллозода ва Ғ.Бобизода низ фарқияти байни мафҳуми “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ”–ро нишон дода, аз ҷумла қайд намудаанд, ки салоҳиятро ба омӯзгор сазовор медонанд, салоҳиятнокиро бошад омӯзгор дар асоси заҳматҳои зиёд, кӯшишу тамринҳо мунтазам ба даст меорад [82, 7-8].

Ғ.Бобизода, Д.Имомназаров, Ш.Исрофилниё, А.Байзоев дар дастури методии “Муносибати босалоҳият ба таълим” мафҳуми “салоҳият”-ро ҳамчун маҷмуи дониш, малака ва маҳорати амалии ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, маърифатӣ; маҷмуи маҳорат дар асоси маърифат ва таҷриба; натиҷаи таҳсил, қобилияти истифода намудани дониш, малака ва маҳорат тасниф намудаанд. Мафҳуми “салоҳиятнокӣ”-ро бошад, ҳамчун қобилияти маҷмуии инсон, ки барои мустақилона истифода намудани унсурҳои мухталифи дониш, малака, маҳорат ва усули фаъолият дар ҳолатҳои муайян равона гардидааст, муайян намудаанд [91, 18-19].

Дар доираи илми педагогика пештар муносибатҳои илмӣ ҷой доштанд, ки мувофиқи онҳо “салоҳиятнокӣ” (ба даст овардан, мувофиқ будан)  ҳамчун илм ва таҷриба дар ин ё он соҳа, ҳамчун имкониятҳои шахсии мансабдори муайян, дониш ва таҷрибаи ӯ, ки имконият медиҳад дар коркарди доираи муайяни қарорҳо иштирок намояд ё масъаларо худ ҳал намояд, тасниф карда мешуд.

Л.Н.Давидов салоҳиятнокиро ҳамчун мутобиқ будан, қобилият доштан, сатҳи маълумотнокӣ, қобилияти ҳалли вазифаҳо дар соҳаҳои мухталифи фаъолият дар асоси донишҳои назариявии азхудшуда баррасӣ намудааст [34,5-8]. М.А. Горюнов чунин таснифотро пешниҳод намудааст: “салоҳиятнокӣ ҳамчун қобилияти шахсият дар ҳалли доираи васеи вазифаҳо; омодагии исботшуда ба фаъолият” [34,9]. А.В. Хуторский таъкид менамояд, ки салоҳиятнокӣ ин доштани салоҳиятҳои мувофиқи инсон аст, ки муносибати шахсӣ ӯро ба он ва мавзуи фаъолият дарбар мегирад [138,170].

Салоҳиятнокӣ натиҷаи омӯзиш, системаи арзишҳо ва самтгириҳо, одатҳоро муттаҳид менамояд. Илова бар ин, фаҳмиши салоҳиятнокӣ на танҳо ҳамчун мавҷудияти дониш ва таҷриба, балки қобилияти истифодаи онҳо фаҳмида мешавад. Ҳамин тариқ, метавон таъкид намуд, ки мафҳуми “салоҳиятнокӣ” дар муайян намудани сатҳи касбияти инсон истифода гардида, салоҳиятнокии асосии мутахассисро пешниҳод менамояд. Салоҳиятнокӣ - ин қобилияти шахсият ба амалҳои фаъол ва масъулиятноки ҳаётӣ, ки дар асоси худмуайянкунии арзишӣ, қобилияти ҳамкорӣ бо муҳит ва дар раванди ҳамкорӣ дарк намудан ва тағйир додани муҳит амалӣ мегардад, ба ҳисоб меравад.

Таҳлили муносибатҳои мухталифи муайяннамоии мафҳуми “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” имконият медиҳад, ки чунин хулосабарориҳо намуд:

- муҳаққиқон фаъолият, моҳияти салоҳият ва салоҳиятнокиро аз хусусиятҳои дониш ҷудо менамоянд;

- аксарияти муҳаққиқон ҳавасмандиро ҳамчун унсури таркибии салоҳиятнокӣ ҷудо менамоянд;

- муҳаққиқон дар асоси муайяннамоӣ ва баҳогузорӣ характери мураккаби салоҳият ва салоҳиятнокиро таъкид менамоянд.

Ҳамин тариқ, дар асоси муносибатҳои мухталифи таснифоти мафҳуми “салоҳият”, онро ҳамчун қобилияти шахсият дар амалӣ намудани салоҳиятнокӣ баррасӣ менамоем.

Л.Н.Давидов қайд менамояд, ки салоҳият ин доираи масъалаҳое мебошад, ки нафаре бо онҳо ба таври мушаххас ва бо донистани кор ошно; дониш, таҷриба дар ин ё он соҳа мебошад [34,7].

Мувофиқи таҳлили сарчашмаҳои мавҷуда, дар психология ва педагогикаи муосир масъалаҳои муҳими мукаммал намудани салоҳиятҳои асосии хонандагон муносибати гуногунсамтаро талаб менамояд. Метавон хусусиятҳои ҳавасмандӣ ва шахсиятии салоҳияти асосиро баррасӣ намуд. Қайд намудан зарур аст, ки салоҳияти асосии

хусусияти интегративӣ дошта, динамика ва гуногунмаъногии он мушоҳида карда мешавад, ки мураккабӣ ва мухталиф будани натиҷаи онро муайян менамояд.

Дар доираи таҳқиқоти мазкур моҳият ва хусусиятҳои ташаккули салоҳияти асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Таҳлили таҳқиқотҳои педагогӣ имконият медиҳад, ки ҷанбаҳои зерини салоҳияти асосӣ ҷудо карда шавад:

-дониш, қобилият ва маҳоратӣ;

- тайёрии маърифатӣӣ, яъне қобилияти азхудкунии донишҳо ва маҳорати технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;

-омодагии коммуникативӣ, яъне қобилият ва маҳорати ба роҳ мондани муошират бо забони модарӣ ё хориҷӣ;

- омодагии бунёдӣ, яъне қобилияти ҷустуҷӯи муносибатҳои нави ҳалли масъалаҳои нав;

-дарки самтҳои асосии рушди соҳаи технологӣ дар мутобиқат бо равандҳои маънавӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ;

- сифатҳои устувор ва рушдкунанда, ба монанди масъулиятшиносӣ, мақсаднокӣ, ҷиддият, тоқатпазирӣ.

Дар шароити имрӯза салоҳияти асосӣ ба сифати омили воқеии рақобатпазирӣ баромад менамояд. Мувофики ақидаи олимон, дар асоси омӯзиши муносибатҳои мухталифи масъалаи мазкур, метавон қайд намуд, ки рақобатпазирӣ, қобилият, салоҳият - ин сатҳи баланди доштани ин ё он фаъолият, системаи донишҳо, қобилият ва маҳорат, ташаккули ҷаҳонии дохилии шахсият: талаботҳо, муқаррарот, мотивҳои фаъолият, тасаввурот оид ба худ ба ҳисоб меравад.

Аксарияти муаллифон, ба монанди Г.Ю.Богдан, Г.А.Кручинин, Л.А. Шевтсова, Т.В. Паншин масъалаи тайёрии кадрҳои педагогӣ, ки қобилияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро дар

раванди таълим доранд, таҳқиқ намуда, мафҳуми омодагии касбиро истифода намудаанд.

Мафҳуми “салоҳиятҳо” аз рӯи мазмуну мундариҷаи худ ба мафҳуми “тайёрӣ” наздик аст. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки як қатор муаллифон, ба монанди Г.А.Кручинин ва Т.В.Паншин омодагии касбиро ба фаъолият ҳамчун хусусияти устувори шахсият, маҷмуи умумӣ, ки аз унсурҳои ҳавасмандӣ, маърифатӣ, эҳсосотӣ иборат буда, ба талаботҳои фаъолият ҷавобгӯ мебошанд [68,25].

Фарқияти ин мафҳумҳо дар он зоҳир мегардад, ки тайёрӣ вазъиятро муайян менамояд, ки дар он ҳанӯз ҳама чӣ ба фаъолият омода аст (дониш, қобилият, маҳорати зарурӣ дар назар дошта шудааст), салоҳиятнокӣ бошад, ин амалӣ намудани тайёрӣ мебошад, ки дар раванди фаъолият бо назардошти хусусиятҳои шароити фаъолият танзим карда мешавад.

Таҳлили сарчашмаҳои назариявӣ нишон медиҳад, ки аксарияти муаллифон дар муайян намудани мафҳуми “салоҳиятнокӣ” ба сифати ҷанбаи калидӣ – истифодаи донишро дар фаъолияти амалии инсон ҷудо менамоянд. Мутобиқан, дар шароити таълим сифатҳои асосиро метавон унсурҳои омодагии асосӣ шуморид, дар шароити фаъолияти асосӣ бошад – ин қисми таркибии салоҳиятнокии асосӣ ба ҳисоб меравад:

- ҳавасмандӣ, яъне талабот ба иҷроиши бомуваффақи вазифаи гузошташуда, шавқу рағбат ба фаъолият, саъйу кӯшиш дар бадастории муваффақият;

-маърифатӣ, яъне дарки масъулият, вазифаҳо, баҳогузории аҳамияти он, донистани воситаҳои бадастории мақсад, пешниҳоди дигаргуниву тағйиротҳои вазъият;

- эҳсосотӣ, яъне ҳиссиёти масъулиятшиносӣ, боварӣ ба муваффақият;

-иродавӣ, яъне идора намудани худ ва сафарбар намудани қувва, бодиққат будан ба вазифа, дурӣ ҷустан аз таъсиррасониҳои халалрасон, бартараф намудани шубҳа.

Дар сатҳи аққал хонанда бо мафҳумҳо ва категорияҳои иттилоотигардонии маълумот дар сатҳи таснифот, навъбандӣ шинос буда, дорои талаботи ташаккулёфта дар бадастории системаи донишҳо аст, ки имконияти истифодаи технологияҳои нави компютериро дар фаъолияти асосӣ таъмин менамояд. Хонанда бо методҳо ва шаклҳои асосии истифодаи технологияҳои компютерӣ дар ҳалли вазифаҳо шинос аст, лекин дар амалия душвориҳоро эҳсос менамояд.

Дар сатҳи миёна фаъолияти хонанда ба омӯзиш ва истифодаи имкониятҳои функсионалии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти асосӣ равона карда шудааст.

Дар сатҳи олӣ хонанда донишҳои назариявӣ, методологӣ ва технологиро аз худ менамоянд. Фаъолияти онҳо ба истифодаи нави бунёдии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти аосӣ равона гардида, онҳо дорои системаи қобилияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ - ба сифати воситаи маърифат ва таҳқиқ дар фаъолияти таълимӣ ва асосӣ мебошанд. Онҳо далелҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти худро барои дигаргуннамоии раванди таълимӣ ва тарбиявӣ истифода менамоянд [111,32].

Дар намунаҳои амалкунандаи насли имрӯза салоҳияти асосии хатмкунанда ҳамчун маҷмуи салоҳиятҳои умумифарҳангӣ ва асосӣ тасниф карда мешавад.

Салоҳиятҳои умумифарҳангӣ ҳамчун сифати шахсияти хатмкунанда, салоҳиятҳои асосӣ ҳамчун қобилияти мутахассис дар соҳа тасниф карда мешавад. Дар шароити имрӯза, яке аз таснифотҳои паҳнгардидаи салоҳияти асосӣ қобилияти мутахассис дар ҳалли доираи муайяни вазифаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад.

Маҷмуи салоҳиятҳои азхудшуда бо мафҳуми салоҳиятнокии асосӣ ҳамчун сифатҳои шахсии хатмкунанда - мутахассиси оянда интегратсия мешавад. Ин бо он исбот карда мешавад, ки дар сарчашмаҳои педагогӣ салоҳиятнокии асосӣ дар ду ҷанба ташхис карда мешавад: ҳамчун

мақсади таҳсил, мақсади тайёрӣ; ҳамчун натиҷаҳои ҷорӣ, ки ҳолати мутахассис, ва фаъолияти касбии худро амалӣ менамояд, тасниф менамояд.

Аксарияти муаллифон қайд менамоянд, ки салоҳиятҳои асосӣ ҳамчун хусусияти интегралӣ ва серҷанбаи шахсияти мутахассис аст, ки сифати баланди фаъолияти меҳнатиро дар асоси донишҳо, қобилият ва донистани воситаҳои иҷроиши фаъолият таъмин менамояд. В.В.Сериков қайд менамояд, ки салоҳияти мутахассис бо хусусияти ихтисос алоқаманд аст, ки дар маҷмуъ ба донишҳои асосӣ заруранд. Чунин таснифоти салоҳиятнокӣ моҳияти онро дар қобилияти инсон дар истифодаи донишҳои илмӣ ва амалӣ нисбат ба фаъолияти асосӣ ифода менамояд [118,272].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таснифоти нисбатан бомуваффақи салоҳиятнокии асосӣ, муайяннамоии зерин ба ҳисоб меравад: салоҳияти асосӣ - ин саъйу кӯшиш, омодагӣ ва қобилияти амалӣ намудани нерӯи худ барои фаъолияти маҳсулнок, бомуваффақ ва эҷодӣ аст. Дар чунин ҳолат зарурати унсурҳои ҳавасмандӣ ва аксиологии салоҳиятнокӣ ҳамчун дарки аҳамияти иҷтимоӣ ва масъулияти шахсӣ дар натиҷаи фаъолияти худ, рушд ва мукаммал гардидани он махсусан таъкид карда мешавад [125,21-26].

Муаллифон хусусияти фаъолиятии салоҳиятнокиро ҳамчун системаи ҷамъбастнамоии қобилият дар мутобиқат бо қобилиятҳои мавзуӣ ва донишҳо дар соҳаи мушаххас, инчунин салоҳият дар қобилияти амалӣ намудани интихоб дар вазъияти мушаххас таъкид менамоянд. Дар асоси дарки омодагӣ ҳамчун раванди рушд, раванди азхудкунии фаъолияти касбии оянда, метавон қайд намуд, ки мутахассиси салоҳиятнок ба оянда саъйу кӯшиш менамояд, дигаргуниҳоро мебинад, ба таҳсилоти мустақилона рӯй овардааст, салоҳиятнокӣ имрӯз амалӣ гардида, ба оянда равона карда шудааст [63,98].

Дар шароити имрӯза, муаллифон, як қатор сифатҳоро ҷудо менамоянд, ки барои фаъолият дар соҳаҳои мухталиф зарур мебошанд. Ба доираи чунин сифатҳо метавон сифатҳои зеринро ворид намуд: қобилияти фаъолияти мустақилона бе роҳбарии доимӣ; омодагии мустақилона ба душ гирифтани масъулият; зоҳир намудани ташаббускорӣ; мустақилона пайдо намудани мушкилот ва имкониятҳои бартараф кардани онҳо; қобилияти истифодаи дониш ва таҷриба дар вазъияти нав ва ғайримуқаррарӣ; мустақилона азхуд намудани донишҳои нав бо назардошти таҷриба ва алоқаи ҷавобӣ бо муҳити иҷтимоии мавҷуда; қобилияти қабули қарорҳо дар асоси таҳлил ва баррасӣ дар ҳолати ҷой надоштани иттилооти зарурӣ.

Чунин мешуморем, ки дар қатори ин сифатҳо, дар шароити имрӯза, метавон қобилияти истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро низ ворид намуд, зеро ин технологияҳо ба тамоми соҳаҳои фаъолияти асосӣ ворид гардида, самаранокии онро таъмин менамоянд. Аз ин хотир, зарур аст, ки дар марҳилаи тайёр намудани мутахассисон, ба ташаккули салоҳияти истифодаи технологияҳои компютерӣ диққати махсус равона карда шавад.

Дар асоси таҳлили таснифотҳои мухталифи салоҳиятнокии асосӣ, имконият пайдо мешавад, ки ҷанбаҳои мухталифи он ҷудо карда шавад:

- истифодаи мувофиқи қобилиятҳои худ, ки самаранокии фаъолияти таълимиро таъмин менамояд;

- мустақилона ва ба таври доимӣ баланд намудани сатҳи донишҳо ва маҳоратҳо, мукаммал намудани қобилиятҳо, ки барои иҷро намудани вазифаҳо зарур мебошанд;

- зоҳир намудани мобилият ва мухторият дар ҳалли масъалаи таълимии пайдошуда;

- ҳамкории фаъол бо ҳамсинфон дар муҳити омӯзиш, баррасии масъалаҳои мухталифи таълимӣ бо ҳамсинфон;

- қобилияти интегратсия ва сафарбар намудани дониш, маҳорат, таҷриба, муқаррарот ва қобилият, ки ба ҳалли вазифаҳои муҳим мусоидат менамоянд;

- рушди қобилияти худтанзимнамоӣ, худбаҳодиҳӣ, ки ба мутобиқат гардидан ба вазъияти тағйирпазирро таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, салоҳиятнокӣ ин маҷмӯи салоҳиятҳои асосӣ ва умумифарҳангӣ мебошад, ки ба амалӣ намудани фаъолияти асосӣ мусоидат намуда, самаранокии онро таъмин менамояд.

Мазмуну мундариҷаи мафҳум ва сохтори салоҳиятҳои аосӣ имконият медиҳад чунин шуморид, ки ташаккул ва инкишофи он дар раванди таълим ба миён меояд. Чунин муносибат марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои аосиро дар раванди маълумоти аосӣ муайян менамояд.

В.Д. Шадриков чунин мешуморад, ки азхудкунии фаъолият дар он маъно иловагӣ ба ҳисоб намеравад, ки дар аввал танҳо унсурҳои алоҳидаи он ташаккул меёбанд ва сипас унсурҳои дигари он ташаккул меёбанд [45,6]. Мувофиқ ба ин консепсия фаъолият ба таври умумӣ шакл мегирад, лекин танҳо рушди як қатор унсурҳои он ба инкишофи дигар унсурҳо ва умуман система мусоидат менамояд.

Дар асоси консепсияи мазкур метавон қайд намуд, ки салоҳияти асосӣ ба таври мустақил бо истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ ва иттилоотӣ дар фанни алоҳида ташаккул намеёбад. Ташаккули салоҳиятҳои асосӣ, мукамаалгардии минбаъдаи он дар доираи тамоми фанҳо дар раванди таҳсилоти асосӣ бо назардошти алоқаҳои байнифаннӣ амалӣ мегардад.Чунин муносибат имконият медиҳад, ки марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи салоҳитяҳои асосӣ, бо назардошти он, ки рушди ҳар як унсури он дар давраи алоҳида боиси рушди унсурҳои дигари салоҳияти асосӣ мегардад, ҷудо намуд.

Дар асоси таҳлилҳо метавон марҳилаҳои зерини ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои асосиро ҷудо намуд:

- марҳилаи ташхисӣ: муайян намудани ташаккули маҳорати умумитаълимӣ, ки барои азхудкунии салоҳиятҳои асосӣ заруранд; ташхиси ҳавасмандӣ, арзишҳо ва мақсадҳои таҳсилоти асосӣ; ташхиси хусусиятҳои фардӣ, ки самаранокии фаъолияти таълимиро муайян менамоянд;

- марҳилаи ҳавасмандиву арзишӣ: ташаккул ва рушди ҳавасмандӣ ба маълумоти асосӣ, ташаккули муносибати арзишиву маъногӣ ба таълимоти асосӣ;

- марҳилаи назариявӣ: ташаккули системаи донишҳо, маҳорати амалӣ, ки самаранокии салоҳиятҳои асосиро таъмин менамоянд;

- марҳилаи амалӣ: истифодаи дониш, маҳорат, амалҳо дар таълим ва ҳолатҳои таълимию асосӣ ва ғайримуқаррарӣ.

Қайд намудан зарур аст, ки ташаккули салоҳиятҳои асосӣ аз ташхис ва таҳлили донишҳо, маҳорат, қобилият ва инчунин талаботҳову имконияти хонанда оғоз мегардад. Номуваффақии хонанда дар азхудкунии салоҳиятҳо одатан аз сатҳи пасти ҳавасмандӣ, ҷой надоштани хоҳиши устувори бадастории малакаву маҳорати муайян бармеояд. Аз ин хотир, метавон қайд намуд, ки ташаккули салоҳиятҳои асосӣ хонандагон аз системаи ҳавасу шавқмандӣ бармеояд.

Марҳилаи мундариҷавӣ ва амалӣ ба ташаккули системаи донишҳо, маҳорат, амалҳо дар доираи салоҳиятҳои мушаххаси ба фанни мушаххас дар асоси алоқаҳои байнифаннӣ равона карда шудаанд. Дар барномаҳои корӣ омӯзгорон ба донишҳо ва малакаҳои мавҷуда, ки дар марҳилаи тайёрии умумии таълимӣ ташаккул ёфтаанд ё ба дигар фанҳо такя намуда, алоқаи мавзуъҳои алоҳидаро нишон медиҳанд ва бо ин восила салоҳиятҳоро бо дигар фанҳо ташаккул менамоянд. Инчунин, дар барномаҳои корӣ муайян карда мешавад, ки кадом донишҳо, малака, маҳорат бояд пас аз омӯхтани фанни мазкур ташаккул ёбанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар педагогика то ба имрӯз муносибат ва механизми ягонаи баҳогузории сатҳи ташаккули салоҳият

ва салоҳиятнокии асосӣ пешниҳод нагардидааст. Як қатор муаллифон, ба монанди Н.В.Пахаренко ва И.Н.Золников, душворӣ ва мураккабӣ дар баҳогузории сатҳи ташаккули салоҳият дар он аст, ки салоҳият ҳамчун ҷамъи донишҳо ва маҳорату малакаи фаннӣ тасниф карда намешавад [98,310].

Масъалаи муайян намудани нишондиҳандаҳои салоҳияти асосӣ ва сатҳҳои рушди он аз тарафи муаллифони мухталиф баррасӣ шудааст, ки боиси ташаккули муносибатҳои мухталифи омӯзиши масъалаи мазкур гардидааст. Дар ин самт метавон таҳқиқотҳои И.Ф.Исаев, Т.В.Макарова, А.А. Реанро махсусан қайд намуд, ки дар муайян намудани сатҳи ташаккули салоҳияти асосӣ аз нишондиҳандаҳои мухталиф истифода намудаанд.

Дар консепсияи В.Д.Шадрикова сатҳи ташаккули салоҳиятҳои асосро пас аз омӯзиши фанни алоҳида баҳогузорӣ намудан ғайриимкон аст, зеро дар доираи ин консепсия, омӯзиши як фан барои ташаккули унсурҳои дигари салоҳияти асосӣ ҳамчун замина баромад менамояд.

Л.Ф.Спирин механизми панҷзинавии баҳогузории ташаккули қобилият ва маҳорати касбиро пешниҳод менамояд: сатҳи токасбият, сатҳи азхудкунии ибтидоии маҳорат ва қобилият, сатҳи ташаккули маҳдуди қобилият ва маҳорат, сатҳи ташаккули кофии қобилият ва маҳорат, сатҳи соҳибии бомуваффақи амалҳои касбиву педагогӣ. О.В.Лебедева дар таҳқиқоти худ ҳаракати мутахассиси ояндаро дар раванди ташаккули салоҳияти асосӣ аз сатҳи эмпирикӣ то сатҳи эҷодӣ исбот намудааст.

Сатҳи эмпирикӣ сатҳи ҷамъи донишҳоро тасниф менамояд, лекин дар фаъолияти амалӣ, талаботи роҳбарият, тавсияҳо ва дастурамал дорои мустақилияти кофӣ нест. Инчунин дар сатҳи ибтидоӣ зоҳир намудани мустақилияти қобилияти таҳлил ва бунёди раванд мавҷуд набуда, дар ҳалли вазифаҳои таълимӣ-асосӣ ба асоснокнамоии назариявӣ такя карда мешавад. Дар сатҳи бунёдӣ, мутахассиси оянда

дарки мақсади амалҳои худро нишон медиҳад, натиҷаҳоро ба нақша мегирад, шароити иҷроиши амалҳоро интихоб менамояд, лекин тамоми амалҳоро дар асоси тавсияҳо иҷро менамояд. Дар сатҳи эҷодӣ бошад, хонанда ҳамчун бунёдгари мустақили раванд баромад менамояд, ки мустақилона қарор қабул намуда, дар фаъолияти амалӣ, аз он ҷумла дар фаъолият тамоми мушкилотҳои пайдошударо ҳал менамояд [86,37-74].

Ҳамин тариқ, салоҳияти асосӣ, ҳамчун сифати интегративии шахсии хатмкунанда мебошад, ки ба амалӣ намудани нерӯи худ дар фаъолияти асосӣ омода аст. Дар сохтори салоҳият мо унсурҳои ҳавасмандгардонӣ-арзишӣ, маърифатӣ, фаъолиятӣ, шахсиятӣ ва рефлексивиро ҷудо менамоем. Бо назардошти мавҷудияти тайёрии ояндаи тахассусӣ метавон пешниҳод намуд, ки унсурҳои номбаршуда ба сохтори ноустувори салоҳият—мансубанд, унсури тағйирёбанда метавонад мундариҷаи ихтисос ва хусусиятҳои шахсии хонандаро пурра намояд.

Албатта, нишондиҳандаи муҳимтарини салоҳияти асосии хонанда қобилияти мустақилона ҳал кардани мушкилоте мебошад, ки бо шароити фаъолияти воқеӣ муайян карда шудааст. Самаранокии ташаккули салоҳияти асосӣ дар маҷмӯъ ва тамоми унсурҳои таркибии он бо мавқеи субъективии хонанда муайян карда мешавад, зеро фаъолнокӣ, ҳавасмандӣ, мутамарказии хонанда омили асосии муваффақият аст. Арзиши муайянкунандаи мавқеи субъективии хонанда дар таҳсилоти умумӣ фаъолияти мустақилонаи маърифатии хонанда мебошад. Фаъолсозӣ ва ҳавасмандкунии маърифатии мустақили хонандагон, пеш аз ҳама, дар доираи кори мустақилона самти афзалиятноки модернизатсияи раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Ҳар як навъи салоҳият қобилияти мутахассисро дар мустақилона гузоштан ва ҳалли вазифаҳои таълимӣ, маърифатӣ ва асосӣ тасниф менамояд. Мувофиқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд ба корҳои мустақилонаи хонандагон

равона карда шавад, зеро хонанда дар шароити имрӯза на танҳо бояд дорои маҷмӯи муайяни донишҳо, маҳорат ва малака бошад, балки ба мустақилона қабул намудани қарор, ба даст овардани донишҳои иловагӣ, дар раванди тамоми фаъолият минбаъда тайёр бошад.

Кори мустақилонаи хонанда ҳамчун асоси ташаккули салоҳияти асосии мутахассисони оянда баррасӣ карда мешавад. Дар стандартҳои давлатӣ нақши кори мустақилонаи хонандагон махсусан қайд карда мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки дар стандартҳои пешина кори мустақилонаи таълимӣ  пас аз корҳои дуюминдараҷа ҳисобида мешуд, лекин дар стандартҳои имрӯза миқдори вақти фаъолияти мустақилона мувофиқ аст.

Ба миқдори зиёди таҳқиқотҳои педагогӣ оид ба мушкилоти ташкил ва мазмуну мундариҷаи корҳои мустақилонаи хонандагон муносибати ягонаи дидактикӣ ва ташкилии моҳияти ин раванд то ба имрӯз пешниҳод нагардидааст. Ба ин нигоҳ накарда нақш ва аҳамияти кори мустақилона дар тайёрнамоии мутахассисони оянда бузург аст.

Дар таҳқиқотҳои Н.В.Соловова ва О.Ю.Калмикова шаклҳо ва навъҳои мухталифи вазифаҳо барои корҳои мустақилонаи хонандагон пешниҳод карда мешавад. Муаллифон вазифаҳоро аз рӯи мақсадҳои дидактикӣ навъбандӣ намудаанд: азхудкунии донишҳо, мустаҳкам ва банизомдарории донишҳо, ташаккули маҳорат, ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокӣ.

Ба гурӯҳи аввали шаклҳои кори мустақилона муаллифон кор бо китобҳои дарсӣ, адабиёти иловагӣ, санадҳои меъёрӣ ва қонунгузорӣ, сабтҳои аудио ва видео, мақолаҳои касбиро дохил намудаанд. Ба хонандагон тартиб додани нақша, диаграмма, ҷадвали муқоисавӣ, корҳои ҷустуҷӯӣ бо захираҳои электронии иттилоотӣ ва захираҳои интернети пешниҳод карда мешавад.

Ба гурӯҳи дуюми вазифаҳо барои корҳои мустақилона оид ба мустаҳкам ва банизомдарории донишҳо чунин шаклҳои корҳои

мустақилона пешниҳод карда шудааст: коркарди конспекти лексия, мақолаҳо; коркарди нақшаҳо, ҷадвалҳо, кроссвордҳо барои банизомдарории маводи таълимӣ; иҷро намудани вазифаҳои тестӣ; ҷавоб ба саволҳои назоратӣ; тартиб додани номгӯи сарчашмаҳо, аз он ҷумла захираҳои электронӣ оид ба мавзӯи омӯзишӣ; кор бо барномаҳои компютерӣ ва ғайраҳо.

Ташаккули малакаҳо дар ҷараёни кори мустақилона ҳангоми иҷрои вазифаҳо ва машқҳои сатҳҳои гуногуни мураккабӣ имконпазир аст; сохтани ҷадвалҳо, нақшаҳо, диаграммаҳо; иҷрои корҳои ҳисоббарорӣ ва графикӣ; омода кардани рӯзнома, муаррифии электронӣ, вебсайт, намоиши телевизионӣ, намоишгоҳ; татбиқи лоиҳаҳо, тарҳҳо; тартиб додани ёддоштҳо, тавсияҳо, маслиҳатҳо, рамзҳо, шарҳҳо ва ғайра.

Ташаккули салоҳиятҳо дар раванди корҳои мустақилонаи хонандагон, дар ҳолати иҷроиши вазифаҳои зерин имконпазир аст: навиштани эссе; тартиб додани хабарҳои мавзуӣ ба семинар, гузориш дар конференсия; иҷро намудани рефератҳо; ҳалли вазифаҳои таълимӣ; иштирок дар бозиҳои мухталиф; иштирок дар конфронсҳои омӯзишӣ ва илмиву таълимӣ; лоиҳакашӣ ва моделсозии навъҳои гуногуни фаъолияти асосӣ, корҳои таҷрибавӣ; таҳлили мунтазами инъикос намудани малакаи асосӣ тавассути барномаҳои аудио, видео ва таҳлили компютерии семинарҳои электронӣ; таҳияи лоиҳаҳо ва мақолаҳо [64,88].

Хонандаи салоҳиятнок ин на танҳо хонандаест, ки воситаҳои фаъолияти асосиро медонад ва истифода менамояд, ин ҳамон нафарест, ки ба ҳалли мустақилонаи проблемаҳо дар шароит ва вазъияти нав омода аст, дар ин самт имкониятҳои мухталифро дар ҷустуҷӯи мушкилот ва тақвияти илмӣ истифода менамояд [46,45].

Ҳамин тариқ, метавон як қатор идеяҳоро таъкид намуд, ки ба ташаккули самараноки салоҳият мусоидат менамоянд ва имконият медиҳанд, ки мақсадҳои зерин ба даст оварда шаванд:

- интегратсияи натиҷаҳои мухталифи таълим ва худомӯзӣ дар ҳалли мушкилоти ҷойдошта;

- ташаббускорӣ, худинкишофёби, худназоратнамоӣ;

- самтгирӣ ба дурнамои мақсадҳои шахсӣ.

Мувофиқи ин идеяҳо шароити психологӣ ва дидактикии ташаккули салоҳиятҳои умумӣ ҷудо карда мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки ин шароитҳо ташаккул ва инкишофи тамоми унсурҳои салоҳиятро дарбар мегиранд.

Ба шароити психологии ташаккули салоҳиятҳои умумӣ, пеш аз ҳама, ҳавасмандии хонанда нисбат ба азхудкунии салоҳиятҳо дохил мешавад. Маҳз ҳавасмандӣ ҳамчун талаботи даркгардидаи шахсият фаъолнокии ӯро дар ин раванд таъмин менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки ҳавасмандӣ ба ҳар як марҳилаи ташаккули салоҳиятҳо аз нуқтаи назари шахсӣ бармеояд.

Арзиши шахсӣ ё касбии салоҳият доштан яке аз ангезаҳои дохилии маънофар ба ҳисоб меравад, ки ба бадастории натиҷаи дилхоҳ дар фаъолияти муайян мусоидат менамояд. Дар аввал аҳамияти шахсӣ ё касбии ташаккули салоҳияти мушаххасро дар фаъолияти таълимӣ омӯзгор шарҳ медиҳад, сипас ин амалро бояд худи хонандагон ба сомон расонанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ангезандаи аҳамияти касбии донишҳо ва воситаҳои фаъолият бартарӣ дорад. Махсусан, аҳамияти қобилият ва маҳорати иттилоотӣ бузург аст, зеро онҳо барои ҳар як навъи фаъолият зарур ва ҳатмӣ ба ҳисоб меравand.

Раванди ташаккули салоҳиятҳоро ҳамчун падидаи ягонаи педагогӣ баррасӣ намуда, шароити дидактикии ташкили раванди ташаккули салоҳиятҳоро муайян менамоем:

- мақсадгузории салоҳиятиву самтгирӣ: бо мақсади таълими фан бояд мақсади ташаккули салоҳиятҳои умумӣ ворид карда шавад;

- коркарди барномаи ташаккули салоҳиятҳо, ки мазмуну мундариҷаи он бояд вариантивӣ ва гуногунсатҳа бошад;

- диққати асосӣ ба ташаккули салоҳиятҳои алоҳида аз таркиби салоҳиятҳои умумӣ дар омӯзиши фанҳои мушаххас бояд бо назардошти хусусияти соҳа ба роҳ монда шавад;

- дар қисмати тартиботӣ бояд ба кори мустақилонаи хонандагон ва методҳои фаъоли таълим – методҳои проблемавӣ, гуфтугӯӣ ва ҷустуҷӯӣ диққат дода шавад;

- бунёди муҳити иттилоотии таълим, ки барномаи ташаккули салоҳият, хазинаи китобхонавӣ, шабакаи дохилӣ, захираҳои шабакавии интернетро муттаҳид менамояд, мақсаднок аст;

- коркарди нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои ташаккули салоҳиятҳои умумӣ барои тасҳеҳи раванд ва муайян намудани самаранокии он зарур аст.

Дар раванди ташаккули салоҳияти касбии хонанда шароити педагогӣ муҳим ба ҳисоб меравад. Хусусияти мафҳуми “шароити педагогӣ” дар он зоҳир мегардад, ки он тамоми унсурҳои раванди таълим ва тарбия - мақсад, мазмуну мундариҷа, методҳо, шакл ва воситаҳоро дарбар мегирад.

В.И.Андреев чунин мешуморад, ки шароити педагогӣ ин ҳолати раванди таълим, ки натиҷаи интихоби мақсаднок, бунёд ва истифодаи унсурҳои мундариҷавӣ, методҳо ва инчунин шаклҳои ташкилии таълим барои бадастории мақсадҳои муайяни дидактикӣ аст,  ба ҳисоб меравад. Шароити педагогӣ - ин шарти зарурӣ аст, ки бевосита раванди таълимро таъмин менамояд [6,58].

Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ-педагогӣ ва таҳлили амалияи раванди таълим, шароитҳои педагогӣ, ки раванди ташаккули салоҳияти асосии хонандагонро таъмин менамояд, муайян карда шудаанд. Яке аз шароитҳои муҳими педагогӣ - истифодаи технологияи таълими модулӣ ба ҳисоб меравад. Ин технология ба мукаммал намудани сохтори

мундариҷавии таълим мусоидат менамояд, чандирии тасҳеҳи нақша ва барномаҳои таълимии тайёрнамоиро таъмин менамояд, ки омили калидии ташаккули мутахассиси рақобатпазир ба ҳисоб меравад.

Таҳсилоти модулӣ ин системаи машғулиятҳои таълимӣ-амалӣ ба ҳисоб меравад, ки дар асоси принсипҳои ҳамгирой бунёд гардида, имконияти бадастории ташаккули салоҳияти хонандагонро бо сарфи ками саъйу кӯшиши ҷисмонӣ ва психикӣ аз ҳисоби чандирии ташкил намудани раванди таълимӣ ва таъминоти методии он таъмин менамояд.

Модули таълимиву методӣ дар ҷанбаи ташкилӣ аз блокҳо иборат аст: блоки даромад, блоки иттилоот, блоки умумӣ, блоки баромад. Ҳар як блок дорои мазмуну мундариҷа ва таъиноти худ мебошад. Дар блоки даромад дониши назариявии хонанда, доштани маҳорат ва малакаи зарурӣ, имконияти истифодаи онҳо дар амалия дар ҳолати иҷроиши вазифаҳои сатҳҳои мухталифи мураккабӣ муайян карда мешавад. Дар натиҷаи назорат омӯзгор ҷадвали ҷамъбастии камбудиву норасоиҳои таълимиро тартиб медиҳад ва бо хонандагон корҳои инфиродӣ ва машваратиро муайян менамояд.

Чунин муносибат имконият медиҳад, ки мушкилоти таълимӣ ошкор карда шаванд, ки ба таври мусбӣ ба сифати дониш ва муваффақият таъсир расонида, имконият медиҳад, ки раванди ташаккули салоҳиятҳои умумӣ махсус идора карда шавад. Чӣ тавре ки қайд намудем, шаклҳои инфиродӣ ва машваратии кор ҷудо карда мешавад. Дар машваратҳо омӯзгор ҳаҷми вазифаҳои таълимиро, ки хонандагон бояд иҷро намоянд, хабар медиҳад.

Унсури дигар - блоки иттилоотӣ ба ҳисоб меравад, ки асоснокнамоии идеяи асосии модули таълимӣ-методӣ, муайян намудани мақсади фаъолияти таълимӣ аз тарафи хонанда дар доираи мақсади ҳамгироишуда, гузориши мушкилотӣ таълимӣ, бунёди вазъияти проблемавӣ, муайян намудани сатҳи даркнамоии назариявии хонандагон,ислоҳи раванди таълимиро дарбар мегирад. Дар доираи ин

унсур чунин шаклҳои кор, ба монанди лексияҳои хулосавӣ, шаклҳои инноватсионии машғулиятҳо, машваратҳои мавзуӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.

Блоки иттилоотӣ бо назорати ҷорӣ ба итмом мерасад, ки мақсади он санҷиши сатҳи назариявии дарки вазъияти проблемавӣ аз ҷониби хонанда ба ҳисоб меравад. Камбудиҳои ошкоргардида дар назария ба ҷадвали ташхисӣ бо назардошти ислоҳи раванди таълимӣ дар блоки умумӣ ворид карда мешавад, инчунин корҳои мустақилонаи инфиродии хонандагон нисбати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта пешниҳод карда мешавад.

Дар блоки умумӣ баромад ба сатҳи амалӣ, ҳалли мушкилот, дарки эҷодии шахсии мушкилот, ворид намудани он ба асоси таҷрибаи хусусии субъект, ташаккули салоҳиятҳои калидӣ амалӣ мегардад. Дар ин блок шаклҳои зерини кор истифода карда мешаванд: корҳои мустақилонаи эҷодии хонандагон, фаъолияти амалӣ, семинарҳо, корҳои лабораторӣ, корҳои амалӣ дар истеҳсолот, тренингҳо. Дар ин марҳила мақсади асосӣ - ҷалби ҳар як хонанда ба ҷустуҷӯи фаъоли эҷодии ҳалли мушкилот ҷамъи тамоми корҳои пешина, самтгирии он ба бунёди маҳсули мушаххаси эҷодӣ ва истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад.

Шакли фаъоли ташаккули салоҳиятҳо дар доираи ин марҳила корҳои лоиҳавӣ ба ҳисоб меравад. Корҳои лоиҳавӣ ба хонандагон имконияти зоҳир намудани донишҳоро дар бунёди лоиҳаи мушаххас пешниҳод карда, онҳоро дар ҳалли мустақилонаи мушкилотӣ пайдошуда мусоидат менамояд.

Блоки мазкур бо назорати ҷорӣ ба итмом мерасад, ки мақсади он дар санҷиши сатҳи амалии азхудкунии мушкилот зоҳир мегардад. Дар ин марҳила ба хонандагон корҳои амалӣ пешниҳод карда мешавад, ки баҳогузории онҳо имконият медиҳад, ки сатҳи ташаккули салоҳиятҳои муайян карда шавад.

Назорати охирин аз назорати ҷамъбастӣ ва ҳисобот иборат аст. Ин як навъ рафтори коллективонаи натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ, таҳлили дастовардҳо ва камбудиҳо, инчунин вақти хубтаҳлилнамоии ҳар як хонанда ба ҳисоб меравад.

Дар блоки баромад ҷадвали ташхисии сатҳи ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон тартиб дода мешавад. Чунин муносибат ба хонандагон ва омӯзгорон имконият медиҳад, ки раванди ташаккули салоҳиятҳоро мушоҳида намоянд. Дар мундариҷаи ин технологияи педагогӣ шаклҳои мухталифи фаъол ва методҳои таълим таҷассум ёфтаанд.

Шароити дигари педагогӣ - муносибати ҳавасмандиву арзишии хонандагон-донишҷӯёни оянда оянда ба фаъолияти мустақили таълимиву маърифатӣ дар раванди омодагӣ ба ҳисоб меравад. Амалӣ намудани ин шароити педагогӣ дар ташкил намудани намоишҳо, ки дар онҳо саҳмгузориҳо, дастовардҳо, натиҷаи фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон; ташкил ва гузаронидани озмунҳои маҳорат дар байни хонандагон ифода мегардад.

Муносибатҳои устувори ҳавасмандиву арзишии хонандагон ба фаъолияти мустақилонаи таълимиву маърифатӣ дар раванди тайёрӣ бо саъйу кӯшиш ба азхудкунии дониш ва таҷриба, хоҳиши машғул шудан ба фаъолият дар оянда, худинкишофдиҳӣ, мукаммал намудани маҳорат ва малака тасниф карда мешавад.

Баланд бардоштани салоҳиятнокии омӯзгорон шароити дигари педагогӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз воситаҳои баланд бардоштани салоҳиятнокии касбиву методии ҳайати омӯзгорон оид ба ташаккули салоҳиятҳои асоси хонандагон ворид намудани технологияҳои самараноки баҳогузории омӯзгорон ба ҳисоб меравад. Дар ин самт, ба сифати нишондиҳандаҳои чунин баҳодиҳӣ ҷанбаҳои зеринро истифода намуд: иштироки омӯзгорон дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, дастовардҳои хонандагон, маҳорати педагогӣ ва методии омӯзгор,

системаи маҷмуаҳои таълимиву методӣ ва мутобиқати онҳо ба стандартҳои давлатӣ ва талаботҳои муосири педагогика ва методика, дастовардҳои омӯзгор.

**Хулоса.** Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза, дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим, масъалаи таснифоти мафҳумҳои "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ" ба миён омадааст. Салоҳият ҳамчун қобилият ва омодагии шахсият ба фаъолияти бомуваффақи маҳсулнок, ки дар донишҳо ва таҷриба асос ёфтааст, баррасӣ карда мешавад. Салоҳиятнокӣ бошад, ҳамчун сифатҳои аллакай ташаккулёфтаи шахсият, ҳамчун "барнома" фаҳмида мешавад, ки дар асоси он салоҳият рушд менамояд. Салоҳиятнокӣ нисбат ба салоҳият васеъ буда, маҷмӯи сифатҳои шахсиро пешниҳод менамояд, ки аз таҷрибаи фаъолияти шахс дар соҳаи муайян бармеояд ва амалӣ гардидани салоҳиятро таъмин менамояд.

Мувофиқи таҳлили сарчашмаҳои мавҷуда, дар психология ва педагогикаи муосир масъалаҳои муҳими мукаммал намудани салоҳиятҳои асосии хонандагон муносибати гуногунсамтаро талаб менамояд. Метавон хусусиятҳои ҳавасмандӣ ва шахсиятии салоҳияти асосиро баррасӣ намуд. Қайд намудан зарур аст, ки салоҳият хусусияти интегративӣ дошта, динамика ва гуногунмаъногии он мушоҳида карда мешавад, ки мураккабӣ ва мухталиф будани натиҷаи онро муайян менамояд. Ташаккули салоҳиятҳои умумифарҳангӣ ва асосии хонандагон оянда, ки дар ҳуҷҷатҳои намунавии давлатӣ таҷассум ёфтаанд, ба пуррагӣ дигаргуншавии мақсади маълумоти касбии муосирро ифода менамояд ва аҳамияти таҳқиқи назариявӣ ва амалиро доро мебошад.

Дар шароити имрӯза салоҳият ба сифати омили воқеии рақобатпазирӣ баромад менамояд. Мувофики ақидаи олимон, дар асоси омӯзиши муносибатҳои мухталифи масъалаи мазкур, метавон қайд намуд, ки рақобатпазирӣ, мобилият, салоҳият - ин сатҳи баланд доштани ин ё он фаъолият, ин системаи донишҳо, қобилият ва маҳорат,

ташаккули ҷаҳонии дохилии шахсият: талаботҳо, муқаррарот, мотивҳои фаъолият, тасаввурот оид ба худ ба ҳисоб меравад.

Салоҳият ҳамчун хусусияти интегралӣ ва серҷанбаи шахсияти мутахассис аст, ки сифати баланди фаъолияти меҳнатиро дар асоси донишҳо, қобилият ва донистани воситаҳои иҷроиши фаъолият таъмин менамояд. Салоҳият ба таври мустақил бо истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ ва иттилоотӣ дар фанни алоҳида ташаккул намеёбад.

Ташаккули салоҳиятҳои асосӣ, мукаммалгардии минбаъдаи он дар доираи тамоми фанҳо дар раванди таҳсилоти умумӣ бо назардошти алоқаҳои байнифаннӣ амалӣ мегардад. Чунин муносибат имконият медиҳад, ки марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои асосӣ, бо назардошти он ки рушди ҳар як унсури он дар давраи алоҳида боиси рушди унсурҳои дигари салоҳияти асосӣ мегардад, ҷудо карда шавад.

**Хусусиятҳои дидактикии ташаккули салоҳиятҳо дар раванди таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ**

Имрӯз рушди ҷомеа бо таъсири бузурги технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, ки ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон ворид гардидааст, тасниф карда мешавад. Онҳо паҳн кардани ҷараёнҳои иттилоотиро дар ҷомеа таъмин менамоянд, фазои глобалии иттилоотиро ташаккул медиҳанд. Қисми ҷудонашаванда ва аҳамиятноки ин равандҳо компютеркунонии таҳсилот ба ҳисоб меравад. Лекин хонандагон асосан технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсиониро барои вақтхушӣ истифода менамоянд. Дар чунин ҳолат ангезаҳои маърифатӣ ва таълимии кор бо компютер аввалиндараҷа ҳисобида намешавад.

Яке аз сабабҳои чунин вазъият бо он алоқаманд аст, ки технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ ҳанӯз ба таври зарурӣ дар таълим мавриди истифода қарор нагирифтаанд. Ин, пеш аз ҳама, бо сатҳи пасти дониш ва салоҳияти омӯзгорон алоқаманд аст, ки “намехоҳанд” методикаи солҳо коркард гардидаи таълими фанро бо сатҳ

ва стандартҳои нави таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ иваз намоянд. Илова бар ин, аксарияти омӯзгорон бо технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ шиносанд ва оиди воситаву роҳҳои истифодаи онҳо дар таълим тасаввурот надоранд.

Мувофиқи таснифоти дар ЮНЕСКО қабулгардида, технологияи иттилоотӣ - ин маҷмуи фанҳои илмӣ ва технологии ба ҳам алоқаманд аст, ки методҳои ташкили самараноки меҳнати одамони ба коркард ва нигоҳдории иттилоот машғул; техникаи ҳисоббарор ва методҳои ташкил ва ҳамкорӣ бо одамон ва таҷҳизоти истеҳсолӣ, муқаррароти амалии онҳо, инчунин мушкилотӣ иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии бо ин ҷанбаҳо алоқаманд ба ҳисоб меравад [43].

Ба сифати воситаҳо дар таълим метавон навъҳои паҳнгардидаи маҳсулоти барномавиро барои компютерҳои инфиродӣ истифода намуд: редактори матнӣ, системаҳои нашриявӣ, ҷадвалҳои электронӣ, системаи идоракунии манбаи маълумот, дафтарҳои электронӣ, тақвимҳои электронӣ, системаҳои функсионалии иттилоотӣ (молиявӣ, баҳисобгирӣ, маркетинг ва ғайра), системаҳои коршиносӣ ва ғайра.

Технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба таври васеъ ба раванди таълим ва тарбия ворид гардида, мавриди истифода қарор дода шудаанд. Ба монанди дигар ҷанбаҳои таълимиву тарбиявӣ, ворид гардидан ва мавриди истифода қарор гирифтани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба раванди таълим муносибати махсусро талаб менамояд. Зарур аст, ки барои мутобиқ намудани мақсад ва вазифаҳо, методҳо ва муносибатҳои таълиму тарбия ба технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ омӯзиш ва таҳқиқотҳои маҷмуии илмӣ гузаронида шаванд.

Албатта, мавриди истифода қарор гирифтани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, аз бисёр ҷиҳат самаранокии таълим, мукаммал ва тақвияти метод ва шаклҳои таълимро таъмин менамоянд. Чунин тағйироту дигаргуниҳо дар системаи муассисаҳои таҳсилоти

миёнаи умумӣ ба самаранок гардидани тайёрнамоии мутахассисони босалоҳияти баландихтисос оварда мерасонад. Воситаҳои мухталифи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, ба монанди видеоконференсияҳо, воситаҳои мултимедӣ, сомонаҳо барои иҷро намудани вазифаҳои мухталифи омӯзгор ва хонандагон истифода гардида, ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон мусоидат менамоянд. Ворид гардидани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба системаи таълим ба тағйироту дигаргуниҳои куллӣ оварда мерасонад, ба мукаммал гардидани раванди таълим ва тайёрнамоии мутахассисони оянда мусоидат менамояд.

Масъалаи фаъолгардии раванди таълим дар доираи истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ аз тарафи В.Г.Афанасев, Е.П.Велихова, А.П.Ершов, О.К.Тихомирова, Э.И Кузнетсов, Р.Вилямс, Д.Воттс, Б.Хантер мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Тариқи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дастрасӣ ба ҳаҷми бузурги иттилоот, коркард, қувват гирифтани имкониятҳои маърифатӣ ва таҳқиқотӣ, ташкили ивазнамоии иттилоот дар асоси мазмуну мундариҷаи фаъолият таъмин карда мешавад. Фаъолияти таълимӣ дар асоси истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ аз унсурҳои зерин, ба монанди вазифаи таълимӣ, системаи амалҳои таълимӣ, моделсозии мундариҷаи объектҳои азхудшуда, дигаргунамоии тарҳ, амалҳои худбаҳогузорӣ ва назорат иборат аст.

Гузориши вазифаи таълимӣ, шарҳу эзоҳи методҳои ҳал ва назорати роҳҳои он аз ҷониби омӯзгор амалӣ карда мешавад. Дар ин самт зарур аст, ки ба ҳавасмандӣ диққат дода шавад. Дар истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, зарур аст, ки вазъияти ҳавасмандии хонанда муайян карда шавад. Зеро маҳз бо чунин роҳ

имконият пайдо мешавад, ки хонандагони нисбатан нобовар ва норозӣ дастгирӣ карда шаванд.

Сохтори асосҳои ҳавасмандии хонанда тамоми унсурҳои фаъолияти таълимиро дар шакли марҳила пешниҳод менамояд. Дар марҳилаи якум диққати хонанда ба вазъияти таълимӣ ҷалб карда мешавад, ба хонанда иттилоот оид ба муҳиммият ва аҳамияти амалии мавзуъ пешниҳод карда мешавад, саъйу кӯшиш ба бадастории донишҳои нав инкишоф дода мешавад. Дар марҳилаи дуюм масъалаҳо мушаххас гардонида мешаванд, ки ба азхудкунии воситаҳои ратсионалии фаъолияти таълимӣ кӯмак намуда, тафаккури назариявиро инкишоф медиҳад. Дар марҳилаи сеюм роҳи ҳал интихоб карда мешавад, зарур аст, ки муқаррароти нави инфиродӣ барои фаъолияти  мазкур бунёд карда шавад. Дар марҳилаи чорум хонандагон амалҳои худро баҳогузорӣ намуда, ба он ислоҳот ворид менамоянд. Ба хонандагон пешниҳод намудани имконияти интихоби кӯмак зарур аст.

Иттилоотигардонии маориф, яке аз самтҳои афзалиятноки раванди иттилоотигардонии ҷомеа ба ҳисоб меравад, ки ба сифат ва сатҳи тайёрии мутахассисони оянда, ба ҷанбаҳои методӣ ва ташкилии истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ талаботҳои навро пешниҳод менамояд. Иттилоотигардонии фазои таълимӣ бо риояи талаботҳо ва технологияҳои педагогӣ метавонад ба таври назаррас ба самаранокии раванди педагогӣ, ки ба рушди шахсият ва тафаккури эҷодӣ равона гардидааст, таъсир расонад.

Дар таълим технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ маҷмӯи метод ва воситаҳои омӯзиш, ки ба ташаккули донишҳои алоҳида, қобилият, маҳорат ва салоҳият равона гардидааст, пешниҳод менамоянд. Дар шароити компютеркунонии таҳсилот дар раванди таълим боз як иштирокчии дигар - компютер пайдо мешавад, ки бо таъминоти барномавии зарурӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Сатҳи фарҳанги

иттилоотии хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти миёна ин қобилияти кор кардан бо иттилоот дар компютер бо истифодаи метод ва воситаҳои муосир ба ҳисоб меравад.

Зарурати ташаккули мутахассисони сатҳи зарурии тайёрӣ ба тағйир ёфтани мазмуну мундариҷа ва технологияи таълими мутахассисон ба ташаккули салоҳиятҳои умумифарҳангӣ оварда расонид. Дар шароити муосир муносибати босалоҳият ба сифати яке аз муқаррароти муҳими консептуалӣ таҷдиди мазмуну мундариҷаи таҳсилот баррасӣ карда мешавад.

Муносибати босалоҳият ин самтгирии афзалиятнок ба мақсад - омӯзиш, худмуайяннамоӣ, рушди фардият ба ҳисоб меравад. Салоҳиятнокӣ, дар фарқият аз дониш, дорои характери амалкунӣ, амаливу самтгирӣ мебошад, яъне салоҳиятнокӣ ин маҷмуи донишҳо дар амал мебошад [45,23-30].

Мутахассиси оянда бояд ба истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ омода бошад. Дар раванди тайёр гардидан дар муассисаи таълимӣ хонанда бояд салоҳиятҳои мувофиқро аз худ намояд. Дар асоси таҳлилҳо, ба салоҳиятҳои умумифарҳангӣ ҷанбаҳои зеринро ворид намуд: қобилияти истифодаи донишҳо дар бораи тасвири муосири табиатшиносии ҷаҳонӣ дар фаъолияти таълимӣ истифодаи усулҳои коркарди математикии иттилоот, таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ; омодагӣ ба истифодаи методҳои асосӣ, воситаҳои гирифтан, ҳифз кардан, коркарди иттилоот, кор бо компютер ба сифати воситаи идоракунии иттилоот; омодагии истифодаи методҳои асосии ҳифз аз оқибатҳои эҳтимолии садама, офатҳои табиӣ; қобилияти дарк кардани моҳият ва аҳамияти иттилоот дар рушди ҷомеаи муосири иттилоотӣ, шинохти хатар ва таҳдидҳое, ки дар ин раванд ба вуҷуд меоянд, риояи талаботи асосии амнияти иттилоотӣ, аз ҷумла ҳифзи сирри давлатӣ.

Ба салоҳиятҳо метавон ҷанбаҳои зеринро ворид намуд: қобилияти истифодаи методҳо ва технологияҳои муосир, аз ҷумла технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ барои таъмини сифати раванди таълим дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар муассисаи мушаххаси таълимӣ; омодагӣ ба истифодаи имкониятҳои муҳити таълимӣ, аз ҷумла фазои иттилоотӣ барои таъмини сифати раванди таълим; қобилияти таҳия ва татбиқи барномаҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ барои табақаҳои гуногуни аҳолӣ, аз ҷумла бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникативӣ.

Ба сифати нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ҷанбаҳои зерин истифода карда мешаванд:

- дарки воридшавии системаи маориф ба равандҳои иттилоотии глобалӣ;

- тайёр намудан ба азхудкунии дастрасии самаранок ба ҳаҷми бемаҳдуди иттилоот, таҳлил ва коркарди иттилоот;

- ташаккул ва рушди сифатҳои шахсӣ, ки имконияти омезиши ғояҳоро дар муҳити нави иттилоотӣ бо мақсади бадастории натиҷаҳои инноватсионӣ пешниҳод менамояд;

- мавҷудияти сатҳи баланди фарҳанги коммуникативӣ, яъне робита ва алоқаҳо тариқи воситаҳои иттилоотӣ, тасаввуроти назариявӣ ва таҷрибаи амалии ташкили ҳамкорӣ, ки дар доираи гуфтугӯи фаъол амалӣ мегардад;

- аз худ намудани таҷрибаи илмӣ ва иҷтимоии фаъолияти якҷоя;

- аз худ кардани фарҳанги интихоб, нигоҳдорӣ, таҷдид ва ҳамгироии иттилоот дар соҳаи интихобшуда;

- истифодаи технологияҳои муосири интерактивӣ ҳамчун ҷанбаи зарурии рушди асоси дар ҷараёни таҳсилоти асоси дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ.

Л.Н.Горбунова ва А.М.Семибратов салоҳиятнокии хонандагон нисбат ба технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсиониро ҳамчун тайёр будан ва қобилияти хонандагон нисбати истифодаи мустақил ва масъулиятноки ин технологияҳо дар фаъолияти минбаъда баррасӣ менамоянд. Аз тарафи ин муҳаққиқон, инчунин, имкониятҳои маҳдуднамоӣ ҷудо карда шудаанд, ки аз нишондиҳандаҳои технологии технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ва хусусиятҳои муҳити иттилоотии таълимӣ бармеояд. Инчунин онҳо вазифаҳои таълим ва тарбияро мушаххас намудаанд, ки бо хусусиятҳои асосии шахсии хонандагон алоқаманд мебошанд. Дар чунин ҳолат сохтори салоҳияти хонандагон нисбат ба технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ чунин тарҳрезӣ карда мешавад.

- донистани имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, истифода ва маҳдудияти онҳо, ҳалли вазифаҳо;

- қобилияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар фаъолияти минбаъда;

- таҷрибаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар фаъолият, зоҳир намудани мустақилият ва ташаббускорӣ;

- мукаммал намудани қобилият, пурра намудани донишҳо ва инкишофи таҷриба дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ;

- тайёрӣ, ҷустуҷӯ ва коркарди иттилоот дар шакли электронӣ;

- баланд бардоштани салоҳиятнокии худомӯзишӣ бо ёрии истифодаи захираҳои таълимӣ;

- гузаронидани машғулиятҳои амалӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ;

- истифодаи захираҳои шабакаи интернет, ҷамъбастнамоӣ ва истифодаи технологияҳои коммуникативӣ дар ташкили фаъолияти таълимӣ ва илмиву таҳқиқотии хонандагон [30,91-96].

Мафҳуми “салоҳиятҳои калидӣ” бо интизориҳои ҷомеа ва таҳлили талаботи корфармоён алоқаманд аст. Аз тарафи Шӯрои Аврупо панҷ салоҳияти калидӣ муайян карда шудааст, ки бояд ҷавонон чунин салоҳиятро дошта бошанд:

- салоҳиятҳо, ки бо болоравии иттилоотонии ҷомеа алоқаманд мебошанд;

- салоҳиятҳои қобилияти коммуникатсияи хаттӣ ва шифоҳӣ;

- салоҳиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ;

- салоҳиятҳо, ки бо ҳаёт ва фаъолият дар ҷомеаи сермиллат алоқаманд мебошанд;

- қобилияти идома додани омӯзиш дар тули тамоми ҳаёт [113,44].

Муваффақияти таълим бояд рушди мукаммали эҳсосотӣ, ҷисмонӣ ва зеҳниро пешниҳод намояд. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар машғулиятҳо ба фаъол гардидани диққат, ирода, тафаккур, тасаввурот, хотира, қобилиятҳои эҷодӣ ва шавқу рағбати маърифатӣ мусоидат менамояд.

Мақсади муҳим ва асосии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омода намудани хонандагон барои таҳсили минбаъда дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки қобилияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсиониро дорад ва омода аст, ки донишҳои худро дар фаъолияти минбаъда бомуваффақият истифода намояд, ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вазифаи ташкили раванди таълиму тарбия бо назардошти иттилоотигардонии маориф ва тамоми ҷомеа гузошта шудааст.

Дар таҳқиқотҳои мухталиф шарту шароити муайянкунандаи қобилияти системаи маориф дар қабул ва истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ошкор карда шудааст:

- мавҷудияти воситаҳои муосири техникӣ ва таъминоти барномавӣ дар муассисаи таълимӣ;

- сатҳи коркард гардидани мазмуну мундариҷаи маълумот, методҳо ва шаклҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ барои баланд бардоштани самаранокии раванди таълим;

- сатҳи зарурии тайёрии касбии омӯзгорон, шиносоии онҳо бо имкониятҳои эҳтимолии технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ва қобилияти истифодаи ин технологияҳо дар фаъолияти минбаъдаи худ;

- мавҷудияти саводнокии заминавии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна, сатҳи зарурии азхудкунии мазмуну мундариҷаи фанҳои ҳамгиро бо информатика;

- чандирии системаи идоракунии муассисаҳои таълимӣ. Омодагии он ба тағйироту дигаргуниҳо дар мазмуну мундариҷаи маълумот [104,72].

Қайд намудан зарур аст, ки дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ бозсозиву дигаргуниҳо дар раванди таълим ба миён меоянд. Аксарияти муҳаққиқон ба нақш ва таъсири эҳтимолии технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ бо роҳу воситаҳои бадастории маълумот диққат дода, таҳқиқотҳои худро амалӣ намудаанд.

О.Г.Стартсева ба ин масъала рӯй оварда, аз ҷумла чунин қайд менамояд, ки дигаргуниҳои назаррас дар тамоми соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти инсон, тарҳҳои нави фаъолият дар алоқамандӣ бо тағйироти шароити иҷтимоӣ, аз мутахассисон сатҳи мувофиқи тайёриро талаб менамояд, ки бояд ба талаботҳои ҷомеаи иттилоотӣ ҷавобгӯ бошанд. Аз ин хотир зарурати бунёди системаи нави маориф ба миён омадааст, ки дар технологияҳои муосири бадастории донишҳо, муносибатҳои педагогӣ ва методҳои таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ асос ёфта бошад [53,122].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои ташаккул ва инкишофи салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ таъмин намудани шароитҳои зерини ташкиливу педагогӣ мувофиқи мақсад аст:

-барои истифодаи ҳаматарафаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ мавҷудият ва рушди муҳити иттилоотиву таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ зарур аст;

- барои ташаккули салоҳиятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионии омӯзгор, ки на танҳо қобилияти додани дониш ва маҳоратро дорад, балки раванди таълимро идора мекунад, тамоми шароит барои модернизатсияи корҳои методии муассисаи таълимӣ бунёд карда шудааст;

- барои мустақилона зиёд намудани донишҳи умумифарҳангӣ, ки талаб карда мешавад, тамоми имкониятҳои таълими фосилавии инсон дар тули тамоми умр бунёд карда мешавад, ки дар доираи он омӯзгор метавонад муайянкунандаи самтгириҳо бошад;

- коркард ва амалӣ намудани тарҳи раванди ташаккули салоҳияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз он ҷумла моделсозӣ, бунёдкорӣ ва азхудкунии раванди таълимӣ-тарбиявӣ.

Муҳаққиқон Т.С.Илина ва О.Н.Шилова қайд менамоянд, ки барои ворид намудани муваффақонаи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ ба раванди таълим, баланд бардоштани фарҳанги иттилоотии омӯзгорон зарурати бунёди муҳите, ки бо таҷҳизот ва воситаҳои барномавии технологияҳои иттилоотиву компютерӣ ҷамъ оварда шудаанд, зарур аст [53,120]. Имконияти ин муҳит бояд аз тарафи омӯзгорони фанҳои мухсус барои рушди салоҳияти иттилоотӣ ва фарҳанги иттилоотии хонандагон, барои рушди касбии худ истифода карда шавад. Ин амал муҳим аст, зеро салоҳияти иттилоотӣ ва компютерии хонандагон яке аз салоҳиятҳои калидӣ ба ҳисоб меравад, ки бояд дар муассисаи таълимӣ ташаккул ёбад.

Дар асоси таҳлили барномаҳои тайёрнамоӣ А.А.Андреев қайд менамояд, ки диққати асосӣ то ба имрӯз ба тайёр намудан дар соҳаи воситаҳо, технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ равона мегардад, ки

он дар заминаи ба таври самаранок дар раванди таълим истифода гарданда асос ёфтааст [31,114].

Омӯзгор дар муҳити таълимӣ бояд чунин тааccуротро дошта бошад:

- дар кадом системаи таълимӣ фаъолият менамояд;

- маводи таълимӣ-методиро чӣ тавр омода намояд;

- оид ба нақши нави омӯзгор, ки тамоми боигарии имкониятҳои дидактикӣ, барномавӣ-технологӣ ва дигар имкониятҳои системаро истифода менамояд.

Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки мафҳуми "муҳити таълимии иттилоотӣ" ҷанбаҳои зеринро таҷассум менамояд:

- афзалияти мақсадҳои таълимии педагогӣ дар ҳолати ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба системаи маориф нисбат ба худи технологияҳои иттилоотӣ, ки дар аксарияти ҳолатҳо ҳамчун воситаи бадастории мақсадҳо хизмат менамоянд;

- аҳамияти таъсири субъектҳои муҳит ба инкишоф дар як қатор бо таъсири муҳит ба субъектҳои он.

Дар шароити бунёди ҷомеаи иттилоотӣ рушди муҳити ягонаи таълимиву иттилоотӣ вазифаи муҳими модернизатсияи маориф ба ҳисоб меравад. Субъекти пешбаранда дар муҳити таълимии иттилоотӣ омӯзгор ба ҳисоб меравад, зеро маҳз омӯзгор ба кадом сифат, ҳаҷм ва барои кадом мақсадҳо истифода гардидани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсиониро дар раванди таълим муайян менамояд, то ки салоҳиятҳои зарурӣ ташаккул дода шаванд.

Е.Ю.Кулик таъкид менамояд, ки муҳити таълимии иттилоотии таҳсилоти мавзуӣ ин маҷмуи таъсиррасонии системавии иттилоотӣ, таъсири сарчашмаҳои муҳити иттилоотии ба соҳаи алоҳида аст, ки ба ташаккули салоҳиятҳои барои ҳамкории мустақил бо муҳити табиии иттилоотии соҳаи муайян равона карда шудааст [13,37].

Дар тарҳи раванди ташаккули салоҳияти хонандагон принсипҳои дидактикӣ муҳим мебошанд, зеро маҳз онҳо дар муайян намудани

мазмуну мундариҷаи таълим, дар интихоби метод ва шаклҳои таълим таъсир мерасонанд. Тарҳи пешниҳодшуда алгоритми амалҳоро дар тамоми сатҳҳо ва унсурҳо пурра ва мушаххас менамояд, роҳи бунёди муҳити иттилоотиву коммуникатсиониро бо ёрии методҳо, воситаҳо, нишондиҳандаҳои ташаккули салоҳиятҳо пешниҳод менамояд.

Хонандагон, ки мехоҳанд ба талаботи муосири раванди таълим мувофиқ бошанд, таҳсилоти бефосиларо дар давоми тамоми фаъолияти минбаъда афзал мешуморанд. Қайд намудан зарур аст, ки бо салоҳият ва салоҳиятнокии иттилоотӣ дар сатҳҳои мухталиф тамоми салоҳиятҳои дигар алоқаманд мебошанд. Ба пуррагӣ технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсиониро надониста, мутобиқат намудан ба салоҳитяҳои дигар мушкил ва дар баъзе ҳолатҳо ғайриимкон аст.

Салоҳиятнокии иттилоотӣ ин сифати интегративии шахсият, маълумоти системавии донишҳо, маҳорат ва қобилияти субъект дар соҳаи иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ва таҷрибаи истифодаи онҳо, инчунин қобилияти мукаммал намудани донишҳо ва маҳоратҳои худ, қабули қарорҳои нав дар шароити тағйирёбанда ва вазъияти тасодуфӣ бо истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ - коммуникатсионӣ мебошад. Дар сохтори салоҳияти субъект унсурҳои зерин ҷудо карда мешавад:

- ҳавасмандиву мақсаднокӣ, ки бо мавҷудияти шавқу рағбат ба кор бо технологияҳои компютерӣ ва технологияҳои коммуникативӣ, мотиви омӯзиши онҳо, дарки мақсади фаъолияти иттилоотӣ;

- маърифативу мундариҷавӣ ҳамчун мавҷудияти маҷмуи донишҳо оид ба методҳо ва воситаҳои кор бо иттилоот, қобилияти истифодаи онҳо дар фаъолияти минбаъдаи худ ошкор карда мешавад;

- амалиётиву фаъолиятӣ дар худ истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ, дарки прнисипҳои кор бо онҳо, имконият ва маҳдудияти воситаҳои технологиро таҷассум менамояд;

- рефлексивӣ ҳамчун истифодаи донишҳои азхудшуда барои ҳалли масъалаҳо ва вазифаҳои пайдошудаи ислоҳи фаъолияти иттилоотӣ дар асоси худтаҳлилнамоӣ ва худтанзимнамоӣ фаҳмида мешавад [30,91-96].

В.Г.Первутинский мафҳуми салоҳиятноки иттилоотиро ҳамчун пайвасти донишҳо ва қобилиятҳои мавзуи махсус, ки ба фаъолияти мақсаднок бо иттилооти босуръат тағйирёбанда имконият медиҳад ва қобилияти ҳалли вазифаҳои ғайримуқаррарӣ дар асоси донишҳои мавҷуда дар фаъолияти педагогӣ муайян намудааст [100].

Дар сарчашмаҳои илмӣ мафҳуми “салоҳиятноки иттилоотӣ”, “салоҳиятнокии компютерӣ” истифода карда мешавад, лекин як қатор муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки мантиқан истифодаи салоҳият дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дуруст аст, зеро ин мафҳум ҳамон калимаҳои калидиро фарогир аст, ки нисбатан пурра мазмуну мундариҷаи худи мафҳумро ошкор менамояд.

Салоҳият дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ яке аз салоҳиятҳои калидии инсони муосир ба ҳисоб меравад ва дар фаъолият дар ҳалли вазифаҳои мухталиф бо ҷалби компютер, воситаҳои коммуникативӣ ва интернет зоҳир мегардад.

Қайд намудан зарур аст, ки зери мафҳуми салоҳияти иттилоотӣ системаи донишҳо ва қобилиятҳои компютерӣ, ки сатҳи зарурии бадасторӣ, коркард, пешниҳод, нигоҳдории иттилоотро дар касби мушаххас таъмин менамояд. Мақсади асосӣ дар ин марҳила рушди омодагии компютерӣ ҳамчун ташаккули салоҳияти иттилоотӣ дар шакли системаи донишҳои заминавӣ ва умумӣ муайян карда мешавад.

Истифодаи маҷмуи мултимедиявии таълим мақсаднок аст, ки барои ҳалли вазифаҳои зерин равона карда шудааст:

- пурзӯр кардани таълим дар шароити маҳдуд будани вақт;

- фароҳам овардани муҳити таълимии баланди технологии ба воқеият монанд;

- баланд бардоштани фаъолияти коммуникативии субъектҳои ҷараёни таълим дар шароити фаъолиятҳои таълимӣ;

- самаранокии таҷдиди мундариҷаи таълим тавассути ворид кардани унсурҳои нав дар он, ба низом даровардан, ҷамъ овардан ва бунёд намудан;

- ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии педагогӣ ва воситаҳои дидактикӣ;

- рушди мухторияти хонандагон, бунёди доираи инфиродии таълим;

- таҳия ва истифодаи назорати мувофиқ ба натиҷаҳои таълим [48,62-71].

Тайёр намудани хонандагон - мутахассисони оянда дар асоси маҷмуи мултимедиявии таълим имконият медиҳад, ки хонандагон салоҳиятҳои зеринро ба даст оранд:

- консепсияҳои асосӣ, донишҳои назариявӣ ва амалиро, ки барои фаъолият заруранд, азхуд карда мешаванд;

- воситаҳои муошироти байнифарҳангӣ ва касбиро аз нигоҳи одоб истифода барад;

- оид ба мавзуъҳо баҳс намояд, захираҳои интернетиро барои ҳалли масъалаҳои соҳибкорӣ истифода барад, ҳуҷҷатҳои корӣ тартиб диҳад;

- азхуднамоии таҳлили вазъияти мушаххас бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ва қабули қарорҳои ба он мувофиқ [49,54].

Ба хотири он ки маҷмуи мултимедиявии таълим аз маводҳои таълимӣ, вазифаҳои истифодаи интернетро талаб менамояд, инчунин миқдори зиёди вазифаҳо ва лоиҳаҳои иловагиро дарбар мегирад, омӯзгор метавонад, ки ҳам коркардҳои тайёр ва ҳам маводҳои электронӣ ва ёрирасони худро истифода намояд.

Интихоби захираҳои таълимии электронӣ бояд бо назардошти талабот ба баҳогузории сифат ва мутобиқати онҳо ба мақсадҳои таълим амалӣ карда мешавад. Нишондиҳандаҳои умумии баҳогузории

захираҳои аслии навъҳои гуногун мутобиқат ба талаботҳои пешниҳоди иттилоот дар шакли электронӣ, инчунин мавҷудияти далелҳо, эътимоднокӣ ва аҳамияти иттилооти пешниҳодшавандаро тасдиқ менамояд, ба ҳисоб мераванд.

Захираҳои электронӣ, ки барои истифода пешниҳод мешаванд, бояд ба сатҳи омодагии хонандагон дар соҳаи иттилоотиву коммуникативӣ мувофиқ бошад. Илова бар ин, онҳо бояд қисми алоҳидаи машғулият буда, мувофиқ ба навъи вазифа дар марҳилаи муайяни омӯзиши мавод ворид карда мешаванд.

Ҳамаи ин ба самаранок гардидани ҷараёни таълим тавассути фароҳам овардани имкониятҳо барои раванди инфиродии таълим, истифодаи пешниҳоди иттилоот, фаъолсозии стратегияҳои маърифатӣ ва таълимии хонандагон, такмили малакаҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникативӣ ва рушди малакаҳои муошират бо истифодаи ин технологияҳо мусоидат мекунад.

Маҷмуи муосири мултимедиявӣ ин маҷмуи таълимӣ бо пешниҳоди рушднамудаи маводҳои таълимӣ дар шакли электронӣ аст. Аз нигоҳи функсионалӣ маҷмуи муосири мултимедиавӣ бояд ба ҳалли масъалаҳои зерин мусоидат намояд:

- фароҳам овардани ҳавасмандӣ ба фаъолияти мустақили таълимӣ бо назардошти манфиатҳо ва талаботҳои мутахассиси оянда;

- таъмини амалӣ гардидани таълим дар соҳаи фаъолияти касбии интихобкарда дар сатҳи зарурӣ;

- роҳнамоӣ намудан ба фаъолияти таълимии хонандагон;

- таъмини ивазшавии (гуногунии) таълим вобаста ба самтгирӣ;

-идора намудани раванди ташаккули донишу малакаҳо вобаста ба натиҷаи азхудкунии онҳо;

- назорат намудани дастовардҳои хонандагон дар ҳар марҳилаи раванди таълим;

- назорати дастовардҳо;

- тасҳеҳи раванди тайёрнамоӣ вобаста ба натиҷаҳои ҷорӣ;

- ҳавасманд намудани хонандагон ҳангоми иҷрои вазифаҳо [48,62-71].

Воситаҳои таълимӣ барои баланд бардоштани шавқу рағбат ба фанни таълимӣ, беҳтар кардани воситаҳои аёнӣ ва тамаркузи хонанда ба маводи таълимӣ муҳим ё мураккаб истифода мешаванд. Ба воситаҳои таълимии айёнии анъанавӣ китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ, ҷадвалҳо, тарҳҳо, воситаҳои таълимӣ-техникӣ, дастурҳои таълимӣ, таҷҳизоти лабораторӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд. Ин воситаҳо ба воситаҳои шарҳу эзоҳи маводи нав, мустаҳкам ва такрор намудани маводи назорат тақсим карда шуданд. Истифодаи ҳамаи ин воситаҳо дар раванди таълим имкон медиҳад, ки ба сатҳҳои мухталиф ҳавасмандӣ, муваффақияти таълим ва рушди зеҳнии хонандагон таъсир расонида шавад, аммо ҳеҷ яке аз ин воситаҳо дорои имкониятҳои беназири дидактикӣ, ки воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ доранд, нестанд.

Технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсиониро дар замони мо метавон ҳамчун як ҷузъи банизомдароваранда, пайвасткунанда ва амалии ҷараёни таълим баррасӣ кард. Таъсиси китобхонаҳо, ҳуҷҷатҳо ва кори эҷодии хонандагон ба мо имкон медиҳад, ки раванди таълимро ба низом даровarда, корҳои эҷодӣ ва илмии хонандагонро ташкил кунем. Воситаҳои электронии ҷустуҷӯ, ташкил ва коркарди иттилоот аз нуқтаи назари вақт, арзиш ва меҳнатталаби раванди кор дорои як қатор афзалиятҳо мебошанд. Қобилияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба қисми ҷудонашавандаи ҳар як кори илмӣ табдил ёфтааст ва ин нақши пайвасткунандаи мавзуи технологияи иттилоотӣ, имкониятҳои татбиқи амалии корҳои эҷодӣ ва лоиҳавии хонандагон ва ҷойгиркунии онҳо дар Интернет мебошад.

Ба имкониятҳои асосии дидактикии технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ҷанбаҳои зерин ворид карда мешаванд:

- амалисозии муколамаи интерактивӣ, ки бо алоқаи ҷавобӣ байни истифодабаранда ва воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ таъмин карда мешавад. **Интерактивӣ** дар тарҷума аз забони англисӣ маънои ҳамкорӣ, таъсиррасонӣ ба ҳамдигарро дорад. Интерактивияти муколама ба хонанда имконият медиҳад, ки бо система фаъолона кор кунад, ҳар як дархости ӯ вокунишро дар система ба вуҷуд меорад ва баръакс, нусхаи охирин вокуниши истифодабарандаро талаб менамояд.

- **иттилооти визуалии таълимӣ** дар бораи объект ва раванди омӯхташуда, тасаввуроти омории аёниро дар экрани компютери объекти омӯхташуда ва ё ҷузъҳои он, ҳамагуна раванд ё тарҳи он бо имконпазирии дар экран амиқтар гузаштан, баррасии мукаммали объект, ё қисмро пешниҳод менамояд. Баъзе барномаҳо равандҳоеро пешкаш мекунанд, ки дар микро ва макро олам ба амал меоянд ва инчунин равандҳое, ки бо истифода аз стендҳои лабаратории таълимӣ омӯхтан номумкин аст. Шарҳи графикии қонунияти омӯхташаванда низ имконпазир аст.

- моделсозии равандҳо ва зуҳуроти воқеӣ ё виртуалӣ, тақлид ба кори стендҳо, асбобҳо ва мошинҳо, тафсири маълумот дар бораи объектҳои омӯхташаванда ё таҳқиқшаванда дар шакли ҷадвалҳо, графикҳо (масалан, моделсозии равандҳо ва зуҳуроти дар ҳарорати баланд ё паст дар фазои кайҳонӣ рухдода; эҷоди мавзӯъ; муҳити маҷозӣ барои таълим дар омодагӣ ба фаъолияти касбии оянда).

- нигоҳдории миқдори зиёди иттилоот дар формати рақамӣ бо дастрасии осон ба он, нусхабардорӣ ва интиқол дар ҳама гуна масофа; автоматикунонии ҷамъоварӣ, захиракунӣ, нигоҳдорӣ, коркарди иттилоот ва корҳои ҷустуҷӯии иттилоот.

- автоматикунонии ҷараёни фаъолияти ҳисоббарорӣ, инчунин коркарди натиҷаҳои санҷишҳои таълимӣ (аз ҷумла дар вақти воқеӣ) бо истифода аз стендҳои махсуси лабораторӣ дар асоси технологияи

микропросессор, системаҳои барномавӣ ва дастгоҳӣ, ки бо сенсорҳои бо компютер пайвастшуда муҷаҳҳаз шудаанд, ки имкон медиҳад маълумоти дар давоми таҷриба ба даст омада ва коркарди омории онҳо, сохтани графикҳо, ҷадвалҳо, диаграммаҳо дар экрани компютер намоиш дода шавад.

- автоматикунонии идоракунии фаъолияти таълимӣ ва назорат аз болои азхудкунӣ, пешравӣ дар таълим, омӯзиш, санҷиш; автоматикунонии фаъолияти иттилоотии ҳамкориҳои иттилоотӣ байни иштирокчиёни раванди таълим дар шабакаҳои компютерии маҳаллӣ ва глобалӣ бо мақсади такмили идоракунии раванди таълим дар муассисаи таълимӣ [54,65].

Воситаҳои муосири технологияҳои компютерӣ ба хонандагон ва омӯзгорон имкон медиҳанд, ки захираҳоеро, ки дар ҷараёни таълим истифода мешаванд, ба монанди презентатсияҳои омӯзишӣ, тестҳо, дастурҳо, барномаҳои таълимӣ ва дигар воситаҳо, ки дар доираи фаъолият дар синфи компютерӣ заруранд, эҷод намоянд. Ҳамаи ин воситаҳоро хонандагон таҳти роҳбарии омӯзгор барои истифодаи минбаъда сохта метавонанд, ки имкон медиҳад малакаҳои амалии дар дарсҳо ҳосилшударо тақвият бахшад.

Воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ имконият медиҳад, ки шаклҳо ва услубҳои нави методикаи таълими лоиҳавӣ барои эҷоди лоиҳаҳои байнисоҳавӣ пайдо карда шавад. Инчунин барои ташаккул ёфтани таҷрибаи фаъолияти илмии хонандагон мусоидат намояд. Хусусияти чунин лоиҳаҳо дар вазифаи пешниҳоди иттилоот, интихоби восита ва методҳо мувофиқи мавзуи лоиҳа зоҳир мегардад. Хонанда бояд на танҳо иттилоотро ҷамъоварӣ намояд, балки онро барои ҷойгиркунӣ дар захира ба қолаби муайян дарорад ва мувофиқи талаботҳои лоиҳаи мултимедиявӣ ба танзим дарорад. Одатан, дар ҷойгиркунии иттилоот дар интернет, хонанда худ хатогиҳои худро

мебинад ва онҳоро бартараф менамояд ва бо ин васила, тамоми марҳилаҳои фаъолияти таҳқиқотиро паси сар менамояд.

Нақши захираҳои иттилоотии интернет дар таълим, бешубҳа бузург аст. Омӯзгор дигар пояи ягонаи пешниҳоди иттилоот ва ҳақиқат нест ва таҳсили фосилавӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ аллакай рақобатпазир гардидааст. Курсҳо ва озмунҳои фосилавии шабакавӣ машҳур мегарданд. Ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар сатҳи мактаб ё ноҳия маҳдуд нагардида, берун аз ҳудуди он баромад намояд.

Амалия нишон медиҳад, ки бо ёрии шабакаҳои интернетӣ хонандагон одатан ба худомӯзӣ машғул мегарданд, бо ҳамсолони худ муошират намуда, шавқу рағбатҳои умумиро пайдо менамоянд. Лекин, дар аксарияти ҳолатҳо, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ хусусияти таълимӣ надошта, бештар ба вақтгузаронӣ равона карда шудааст.

Дар байни лоиҳаҳои таълимии шабакавӣ метавон лоиҳаҳои озмунӣ, таълимӣ ва омехтаро ҷудо намуд. Ба лоиҳаҳои омехта метавон лоиҳаҳои озмунҳои фосилавии таълимӣ аз рӯи фанҳои гуногун: информатика, математика, география ва ғайраҳоро дохил намуд. Вазифаи чунин озмунҳо баланд бардоштани шавқу рағбати хонандагон ба фан, ташаккули маҳорати муоширати шабакавӣ, табодули таҷриба байни омӯзгорон ба ҳисоб меравад.

Иштирок дар лоиҳаҳои шабакавӣ аз омӯзгорон салоҳиятнокиро дар фанни худ талаб менамояд, зеро кори хонандагонро идора намуда, бо доштани рақибони арзандаву сазовор вазифаҳои гузошташударо ҳал менамояд ва бо ин васила дар якҷоягӣ бо хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад.

Иштирок дар лоиҳаҳои дар сатҳи зарурӣ ташкилшуда метавонад сатҳи дониш ва шавқу рағбатро ба фан баланд намуда, баҳогузории мувофиқи хонандагонро ташаккул медиҳад. Қайд намудан зарур аст, ки

ба роҳ мондани лоиҳаҳои якҷояи хонандагон аз муассисаҳои гуногун диққатҷалбкунанда аст. Чунин тарзи кор маҳорати ҳамкориҳои шабакавиро баланд менамояд ва ба хонандагон имконияти иштирокро дар фаъолияти телекоммуникатсионии лоиҳавӣ пешниҳод менамояд.

Технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ метавонад ҳамчун воситаи рушди равандҳои маърифатӣ, қобилиятҳои эҷодии хонандагон баромад намоянд. Эҷодиёт ин фаъолиятест, ки ба тавлиди чизи сифатан нав равона карда шудааст. Аз ин лиҳоз мавзуе, ки аз тарафи хонандагон тариқи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ таҳия карда мешавад, ҳамеша характери эҷодиро доро мебошад.

Ин дар ҷустуҷӯи тарҳҳои нав ва қарорҳои техникӣ зоҳир мегардад. Технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба хонанда имконият медиҳанд, ки тахаюлоти худро дар “шакли электронӣ” амалӣ намояд ва рақобатпазирии маҳсули эҷодиёти худ, шуҳратсанҷии идеяҳои худро тафтиш намояд.  Ба хотири бунёд намудани захираи шавқовар ва муносиб, ба хонанда зарур аст, ки тамоми иттилоотро аз худ кунад, хусусиятҳои психологии истифодаи онро эҳсос намояд, навоварии онро муайян намуда, аҳамиятии амалии онро дарк намояд. Ин ба ташаккули салоҳиятҳои калидии хонанда, қобилияти самтгирии ӯ дар ҳаёти шахсӣ мусоидат менамояд.

Бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ метавон махзани маълумот оид ба коркардҳои хонандагонро ҷамъоварӣ намуд, ки хонандагонро ба коркардҳои нави эҷоди ҳавасманд намояд. Бо ин мақсад ҳам хазинаи маълумоти иттилоотӣ, ки ба хонандагон дастрас аст ва ҳам сомонаи муассиса, ки ба табодули таҷриба байни хонандагон имконият медиҳад, баромад намоянд. Маҳз бо ин васила имконият пайдо мешавад, ки клуби эҷодкорони хонандагони болаёқат ташаккул ёбад [49,54].

Лекин майли бузург барои омӯзгор истифодаи аз ҳад зиёди барномаҳои таълимии мултемедиявӣ дар машғулиятҳо мебошад. Бо ёрии

чунин воситаҳо метавон миқдори зиёди вақтро, бо гузоштани масъулият ба гузаронидани вақти зиёд ба бунёдгарони ин барномаҳо, банд намуд. Лекин конспект намудани иттилоот аз экран барои чашмон зараровар буда, бо танҳо хондани он хонандагон онро дар хотир нигоҳ дошта наметавонанд. Дар хотир бояд бошт, ки муоширати “зиндаи” хонанда бо омӯзгор ва ҳамсабақонро ҳеҷ як барнома наметавонад иваз намояд, барандаи нисбатан безарари иттилоот барои чашмон китоб ва воситаҳои методӣ буд ва боқӣ мондааст.

Ҳамин тариқ, бартарии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим равшан аст. Онҳо ба мукаммал намудани қобилият ва маҳорати амалӣ мусоидат менамояд; имконият медиҳад то ба таври самаранок раванди таълим ташкил карда шавад; шавқу рағбати хонандагонро ба фанни алоҳида баланд менамояд; фаъолияти маърифатии хонандагонро фаъолтар менамояд. Бешубҳа, технологияҳои мултимедиявӣ ҳамчун воситаи таълим ва имконияти мутобиқати воситаи мантиқӣ ва монандии азхудкунии иттилоот ва фаъол гардонидани раванди таълимӣ аз ҳисоби қувват гирифтани аёниятҳо бартарӣ доранд. Нерӯи методии мултимедия дар он зоҳир мегардад, ки хонандаро бе душворӣ шавқманд ва омӯзонидан мумкин аст, вақте ки хонанда ҷараёни садо ва образҳои айёниро қабул менамояд. Чунин ҳолат ба хонанда на танҳо таъсири иттилоотӣ, балки таъсири эҳсосотӣ мерасонад.

Дар раванди таълим кӯмак намудан ба хонанда дар бунёди стратегияи инфиродӣ бо назардошти қобилият ва соҳаи ҳавасмандиву арзишии шахсият муҳим аст. Ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба раванди таълим метавонад асоси ташаккули шакли нави таҳсилоти фосилавӣ гардад, ки ба худбаҳодиҳии батафсил такя менамояд ва бо воситаҳои технологӣ, натиҷаҳои ҳавасмандии худбаҳодиҳии фаъолияти худомӯзишии инсон дастгирӣ мегардад.

Дар марҳилаи кунунии рушди педагогика дар муайян намудани талаботҳои методологии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ бояд на ба иваз намудани методҳои анъанавии таълим ба методҳои нав, балки оид ба аз нав дида баромадан ва пурра намудани методҳои анъанавӣ бо чунин як мазмуну мундариҷа, ки имконият медиҳад онҳоро дар шароити мавҷуда истифода намуд, сухан рондан мумкин аст [103,47].

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим дар ҳамон ҳолат самаранок мегардад, ки агар шароитҳои муайяни дидактикӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Яке аз чунин шароитҳои дидактикӣ - ба инобат гирифтани нақши пешбари донишҳои назариявӣ мебошад. Ин шароити дидактикӣ ба мақсаднок будани чунин ташкили раванди дидактикӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ нишон медиҳад, ки дар он омӯзиши миқдори нисбатан бузурги маводи таълимӣ, тарзе ба роҳ монда мешавад, ки дар марҳилаҳои аввал хонанда ба таври умумӣ оид ба мундариҷаи назариявӣ тасаввурот пайдо намояд, сипас дар марҳилаҳои ҷорӣ навъҳои алоҳидаи мазмуну мундариҷаи саволҳои алоҳидаи таълимӣ омӯхта шаванд. Дар марҳилаи хотимавӣ омӯзиши тамоми мавзуъ, тамоми навъҳои мазмуну мундариҷаи он то ба сатҳи зарурии азхудкунӣ расонида мешавад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар таълим имконият медиҳад, ки графикаҳо ва технологияҳои нави таълим, ки мутобиқати пайдарҳами назария ва амалия, зиёд намудани доимӣ ва мустаҳками дониш ва қобилиятҳои зеҳниро таъмин менамояд, амалӣ карда шаванд.

Шарти дигари дидактикӣ ягонагии вазифаи таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳандаи таҳсилот ба ҳисоб меравад. Ин шарти дидактикӣ алоқаҳои қонуниятии воқеан мавҷудаи байни вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳиро таҷассум менамояд. Дар ин шарти

дидактикӣ оид ба зарурати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ гуфта мешавад, ки таълим ҳамчун раванди дидактикӣ натанҳо вазифаи таълимӣ, балки вазифаи тарбиявӣ ва ҳам вазифаи инкишофдиҳиро иҷро менамояд. Ин шарт аҳамияти муҳим дорад, амалӣ намудани он имконияти гузариши донишҳоро тариқи ҳиссиёт ва эҳсосот бо эътиқод ва боварӣ таъмин менамояд.

Ҳавасманднамоӣ ва ангезиши муносибати мусбӣ ба таълим шарти дигари дидактикӣ ба ҳисоб меравад. Ин шарт алоқаи қонунии байни фаъолияти маърифатӣ ва бедор кардани шавқу рағбат ба онро таҷассум менамояд. Он ба зарурати бедорнамоии доимии азхудкунии мазмуну мундариҷаи таҳсил нишон медиҳад.

Риоя намудани ин шарт яке аз шароитҳои муҳими истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад. Он баррасии таълимро ҳамчун раванди зоҳир намудани фаъолнокии субъект, ки ба ангезиш ҷавобгӯ аст, пешниҳод менамояд.

Дар марҳилаи гузориши вазифаи дидактикӣ ҷанбаҳои мақсаднокӣ ва мундариҷавии принсипи баррасишаванда амалӣ мегардад, асосҳои ҳавасманднамоӣ ва ангезиш гузошта мешавад, ки сипас дар лоиҳакашӣ ва амалӣ намудани раванди дидактикӣ истифода карда мешавад. Ин бо гузориши саҳеҳи вазифаи системаи мақсадҳои омӯзиш тариқи системаи қобилиятҳо ба даст оварда мешавад, ки хонанда бояд азхуд намояд. Дар чунин ҳолат, ҳар як қобилият ҳамчун амал, ки барои хонанда маънои ҳаётӣ дорад, иҷроиши бомуваффақи он аз сатҳи азхудкунии мундариҷаи маводи таълимӣ вобаста аст [29,265].

Шарти дигари дидактикӣ - мушкилот ба ҳисоб меравад. Ин шарт қонуниятҳоро, ки ба азхудкунии таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ, инчунин азхудкунии эҷодии донишҳо ва воситаҳои фаъолият дахл доранд, таҷассум менамояд.

Моҳияти қонуният дар он зоҳир мегардад, ки азхудкунии таҷриба ҳамчун яке аз навъҳои мундариҷавии таълим ва азхудкунии эҷодӣ бе

дохил намудани субъект ба ҳалли системаи махсусан коркард гардидаи мушкилот ва вазифаҳои проблемавӣ, ки ба бунёд намудани вазъияти проблемавӣ имконият медиҳад, аз хонанда фаъолияти эҷодиро дар сатҳи дастрас ба ӯ талаб менамояд, ғайриимкон аст.

Ин принсип аз омӯзгор дар истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар аввал бунёди вазъияти проблемавиро талаб менамояд. Маҳз бо чунин васила омӯзишро фаъол менамояд ва ба ин раванд хусусиятҳои эҷодӣ, фаъолияти ҷустуҷӯиро медиҳад.

Шарти дигари дидактикӣ пайваст намудани корҳои таълимии коллективӣ бо муносибатҳои инфиродӣ дар таълим ба ҳисоб меравад.

Дар доираи ин шарт аз омӯзгор шаклҳои мувофиқи мақсадноки таълим талаб карда мешавад. Он ба лоиҳакашии таъминоти иттилоотию технологии ҷараёни таълим ба тавре равона карда шудааст, ки онро ҳам дар дарсҳои нақшавӣ таҳти роҳбарии омӯзгор истифода бурдан мумкин аст, ки дар он нақши пешбари мавзуи пешбаранда дар робита ба омӯзиши мустақили хонандагон бе иштироки омӯзгор истифода бурда мешавад.

Муҳити иттилоотӣ ва коммуникативӣ, ки дар он ҳар як хонандаи муосир ҷойгир карда шудааст, барои истифодаи фаъоли воситаҳо ва технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар ҷараёни таълим тамоми шароитро фароҳам меорад, аҳамият ва самаранокии кори мустақилонаро баланд мебардорад. Ин ба туфайли пайваста такмил додани дастурҳои таълимӣ дар асоси технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ имконпазир аст ва ба хонандагон имкон медиҳад, ки маълумоти таълимии пешниҳодшударо мутобиқи қобилияти инфиродӣ мустақилона идора кунанд ва як қисми вазифаҳои омӯзгориро ба хонанда супоранд. Муаллим танҳо хонандаро дастгирӣ мекунад, дар ҷараёни иттилооти таълимӣ роҳнамоӣ мекунад ва дар ҳалли мушкилот кӯмак мекунад.

Самтгирии таълим ба фаъолнокии шахсият шарти дигари дидактикӣ баҳисоб меравад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим дар аввал бояд ба рушди шахсият, ошкор намудани хусусиятҳои хонанда ҳамчун субъект, эътирофи таҷрибаи субъективии ӯ ҳамчун субъекти мустақил ва арзишманд, бунёди таъсири педагогӣ бо такя ба ин таҷриба, ошкор намудани гуногунии инфиродии бадастории дониш тавассути таҳлили воситаҳои таълим равона карда шавад.

Мазмуну мундариҷаи дар таълим пешниҳодшаванда бояд дар ҷараёни азхудкунӣ ва истифода намудан ба тарзи нав фаҳмида шавад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, ки барои таълими инфиродӣ нигаронида шудааст пешниҳод менамояд, ки натанҳо азхудкунии дониш ва малака, балки ташаккули доимии механизми худташкилнамоӣ ва худамалинамоии мутахассиси оянда, инкишофи қобилияти маърифатии ӯ, ба бунёди шароит барои ташаккул ва зуҳуроти сифатҳои шахсии хонандагон, рушди тафаккур, ташаккули шахсияти эҷодӣ, фаъол, ташаббускор, қонеъ кардани ниёзҳои маърифатӣ ва маънавии хонандагон рушди зеҳнӣ, қобилияти иҷтимоӣ ва коммуникативӣ, малакаҳои худомӯзӣ, худинкишофнамоӣ мусоидат менамояд.

Мутобиқати махзани таълимӣ-иттилоотӣ ба мундариҷаи таълим шарти дигари дидактикӣ ба ҳисоб меравад. Ин шарт талаботро ба шароити таълимиву илмии меҳнати омӯзгорон ва хонандагон таҷассум менамояд. Талаботи асосии ин шарт дар номгузории он тақвият гардидааст. Қайд карда мешавад, ки инфрасохтор бояд ба хусусияти меҳнат, ки бо мундариҷаи таълим ва характери раванди дидактикӣ муайян карда мешавад, мувофиқ бошад. Амалӣ намудани талаботҳои ин шарт танҳо дар ҳамон ҳолат имконпазир мебошад, ки бунёди базаи таълимӣ-иттилоотӣ дар асоси талаботҳои илмӣ-педагогӣ, ки аз тарафи омӯзгорон коркард мешавад, амалӣ мегардад.

Тамоми шароитҳои номбаршуда системаи талаботҳоро ба технологияҳо ҳам дар таълими анъанавӣ ва ҳам дар таълим тариқи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ муайян менамояд [95,145].

Барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ метавон талаботҳои асосиро ҷудо намуд, ки ба таъминоти иттилоотиву технологии раванди таълим пешниҳод карда мешаванд:

- ба таври муайян дақиқ намудани нақш ва мақом, таъинот ва вақти истифодаи барномаҳои компютерии таълимӣ;
- нақши пешбари омӯзгор дар гузаронидани машғулиятҳо;
- мутобиқати методикаи таълими компютерии стратегияи умумии машғулияти таълимӣ;
- таъмини сатҳи баланди индивидуализатсияи таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ;
- таъмини алоқаи ҷавобии устувор дар таълим.

Истифодаи маҷмӯи шароитҳои дидактикӣ ва татбиқи талаботи зикршуда оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим ба баланд бардоштани сифати тайёр кардани мутахассиси сатҳи муносиб ва соҳаи мувофиқ дар бозори меҳнат рақобатпазир, ки касбашро хуб медонад ва ба самтҳои марбутаи фаъолият, қобилияти кории ихтисоси худро дар сатҳи ҷаҳонӣ дорад, ба рушди доимӣ, зудҳаракатии иҷтимоӣ ва омодабуда, мусоидат менамояд.

## Хулосаи боби якум

Салоҳиятнокӣ натиҷаи омӯзиш, системаи арзишҳо, самтгириҳо ва одатҳоро муттаҳид менамояд. Илова бар ин, фаҳмиши салоҳиятнокӣ на танҳо ҳамчун мавҷудияти дониш ва таҷриба, балки қобилияти истифодаи онҳо фаҳмида мешавад. Ҳамин тариқ, метавон таъкид намуд, ки мафҳуми "салоҳиятнокӣ" дар муайян намудани сатҳи касбияти инсон истифода гардида, салоҳиятнокии касбии мутахассисро пешниҳод

менамояд. Салоҳиятнокӣ - ин қобилияти шахсият ба амалҳои фаъол ва масъулиятноки ҳаётӣ, ки дар асоси худмуайянкунии арзишӣ, қобилияти ҳамкорӣ бо муҳит ва дар раванди ҳамкорӣ дарк намудан ва тағйир додани муҳит амалӣ мегардад, ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи таҳлили сарчашмаҳои мавҷуда, дар психология ва педагогикаи муосир масъалаҳои муҳими мукаммал намудани салоҳиятҳои асосии хонандагон муносибати гуногунсамтаро талаб менамояд. Метавон хусусиятҳои ҳавасмандӣ ва шахсиятии салоҳияти асосиро баррасӣ намуд. Қайд намудан зарур аст, ки салоҳияти асосӣ хусусияти интегративӣ дошта, динамика ва гуногунмаъногии он мушоҳида карда мешавад, ки мураккабӣ ва мухталиф будани натиҷаи онро муайян менамояд.

Аксарияти муаллифон дар муайян намудани мафҳуми "салоҳиятнокӣ" ба сифати ҷанбаи калидӣ - истифодаи донишро дар фаъолияти амалии инсон ҷудо менамоянд. Мутобиқан, дар шароити таълим сифатҳои асосиро метавон унсурҳои омодагии асосӣ шуморид, дар шароити фаъолияти асосӣ бошад - ин қисми таркибии салоҳиятнокии асосӣ ба ҳисоб меравад.

Салоҳиятҳои асосӣ ҳамчун хусусияти интегралӣ ва серҷанбаи шахсияти мутахассис аст, ки сифати баланди фаъолияти меҳнатиро дар асоси донишҳо, қобилият ва донистани воситаҳои иҷроиши фаъолият таъмин менамояд. В.В.Сериков қайд менамояд, ки салоҳияти мутахассис бо хусусияти ихтисос алоқаманд аст, ки дар маҷмуъ ба донишҳои асосӣ заруранд. Чунин таснифоти салоҳиятнокӣ моҳияти онро дар қобилияти инсон дар истифодаи донишҳои илмӣ ва амалӣ нисбат ба фаъолияти асосӣ ифода менамояд.

Ташаккули салоҳиятҳои асосӣ, мукаммалгардонии минбаъдаи он дар доираи тамоми фанҳо дар раванди таҳсилоти асосӣ бо назардошти алоқаҳои байнифаннӣ амалӣ мегардад. Чунин муносибат имконият медиҳад, ки марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои асосӣ бо

назардошти он, ки рушди ҳар як унсури он дар давраи алоҳида боиси рушди унсурҳои дигари салоҳияти асосӣ мегардад, ҷудо намуд.

Дар таълими технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ маҷмуи метод ва воситаҳои омӯзиш, ки ба ташаккули донишҳои алоҳида, қобилият, маҳорат ва салоҳият равона гардидааст, пешниҳод мегардад. Дар шароити компютеркунонии таҳсилот дар раванди таълим боз як иштирокчии дигар - компютер пайдо мешавад, ки бо таъминоти барномавии зарурӣ маҷаҳҳаз гардонида шудааст. Сатҳи фарҳанги иттилоотии хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ  ин қобилияти кор кардан бо иттилоот дар компютер бо истифодаи метод ва воситаҳои муосир ба ҳисоб меравад.

Мақсади муҳим ва асосии маълумоти миёнаи умумӣ омода намудани мутахассиси рақабатпазир, ки қобилияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсиониро дорад ва омода аст, ки донишҳои худро дар фаъолияти минбаъда бомуваффақият истифода намояд, ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вазифаи ташкили раванди таълиму тарбия бо назардошти иттилоотикунонии маориф ва тамоми ҷомеа гузошта шудааст.

Воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба хонандагон ва омӯзгорон имкон медиҳанд, ки захираҳоеро, ки дар ҷараёни таълим истифода мешаванд, ба монанди презентатсияҳои омӯзишӣ, тестҳо, дастурҳо, барномаҳо барои синфи компютериро эҷод намоянд. Ҳамаи ин воситаҳоро хонандагон таҳти роҳбарии омӯзгор барои истифодаи минбаъда сохта метавонанд, ки имкон медиҳад малакаҳои амалии дар дарсҳо ҳосилшударо тақвият бахшад.

Воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ имконият медиҳад, ки шаклҳо ва услубҳои нав методикаи таълими лоиҳавӣ барои эҷоди лоиҳаҳои байнисоҳавӣ пайдо карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки таҷрибаи фаъолияти хонандагон ташаккул ёбад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим дар ҳамон ҳолат самаранок мегардад, ки агар

шароитҳои муайяни дидактикӣ мавриди истифода қарор дода шаванд. Шароитҳои зерини дидактиқӣ чунинанд:

- ба инобат гирифтани нақши пешбари донишҳои назариявӣ;
- ягонагии вазифаи таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳандаи таҳсилот;
- ҳавасманднамоӣ ва ангезиши муносибати мусбӣ ба таълим;
- мушкилот;
- пайваст намудани корҳои таълимии коллективӣ бо муносибатҳои инфиродӣ;
- самтгирии таълим ба фаъолнокии шахсият;
- мутобиқати махзани таълимӣ-иттилоотӣ ба мундариҷаи таълим.

Истифодаи маҷмуи шароитҳои дидактикӣ ва татбиқи талаботи зикршуда оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим ба баланд бардоштани сифати тайёр кардани мутахассиси сатҳи муносиб ва соҳаи мувофиқ дар бозори меҳнат рақобатпазир дар оянда, касбашро хуб медонад ва ба самтҳои марбутаи фаъолият, қобилияти кории ихтисоси худро дар сатҳи зарурӣ дорад, ба рушди доимӣ, худомӯзӣ, зудҳаракатии иҷтимоӣ ва омода, мусоидат менамояд.

# БОБИ 2. АМСИЛАИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ АСОСИИ ХОНАНДАГОН ДАР ШАРОИТИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

## 2.1. Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун қисми асосии ташаккули салоҳиятҳои хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна

Гузариш ба таълими босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаи рушди қобилияти хонандагон, зоҳиршавии мазмуну мундариҷа ва самтгириҳои амалии таълими фанҳо, рушди маҳорати хонандагон дар ҳалли мустақилонаи вазифаҳо ҳолатҳои номуайяниро ба миён овард. Чунин дигаргуниҳо, дар навбати худ, назди омӯзгорон вазифаи ҷустуҷӯи восита ва технологияҳои нави таълимро мегузорад, ки ба самаранокии омода намудани хонандагон - ба қабули қарорҳо дар вазъиятҳои мухталиф, қобилияти таҳлил ва баҳогузории кор ва фаъолияти худ, услуб ва маҳорати худтакмилдиҳии онҳо равона карда мешавад.

Таҳлили вазъияти имрӯзаи низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ки яке аз самтҳои асосии беҳтар ва самараноккнамоии омода намудани хонандагон ташаккули мақсадноки салоҳияти коммуникативии онҳо ба ҳисоб меравад. Қайд намудан зарур аст, ки салоҳияти коммуникативӣ мавзуи омӯзиши соҳаҳои мухталифи илмӣ оид ба инсон - физиология, психология, сотсиология, педагогика, лингвистика ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ салоҳиятҳои калидӣ, аз он ҷумла салоҳиятҳои коммуникативии хонандагон дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтааст. Хонандагони салоҳиятнокро метавон танҳо дар раванди ҳамкориҳои фаъоли коммуникативӣ тайёр намуд. Аз ин лиҳоз зарур аст, ки дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои рушди маҳорати

таҳлил ва таснифоти иттилоот дар доираи ҳамкориии субъектҳо тамоми шароитҳо таъмин карда шаванд.

Дар таҳқиқоти илмии муосир ба мазмуну мундариҷаи салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун қисми таркибии ташаккул ва инкишофи салоҳиятнокии хонандагон ва роҳу воситаҳои ташаккули он диққати махсус равона карда мешавад. Дар доираи педагогикаи муосир қайд карда мешавад, ки дар амалӣ намудани тарҳҳои мухталифи ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон корҳои амалӣ талаб карда мешаванд.

Дар илми муосир ҷанбаҳои амалии коммуникатсия: лингвистика, коммуникатсияи байнифарҳангӣ, технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, алоқа бо ҷомеа, корҳои иҷтимоӣ ва ғайраҳо мебошанд. Дар шароити имрӯза таҳқиқотҳо, ки бо омӯзиши хусусиятҳои муошират дар соҳаҳои таълимӣ, ҷамъиятӣ, истеҳсолотӣ, сиёсӣ ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ алоқаманд мебошанд, васеъ гардида истодааст. Болоравии миқдори самтҳо бо қувват гирифтани мувофиқгардии ҷараёнҳои иттилоотӣ, ҳамкориҳои байнитамаддунӣ ҳам дар сатҳи байнишахсӣ ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ бо ёрии воситаҳои мухталиф алоқаманд аст.

Салоҳиятнокии коммуникативӣ ин унсури умумии салоҳиятнокӣ аст. Он бо сатҳи азхудшудаи маҳорат ва малакаҳои нутқӣ, ки вазъияти рафтори кории нутқиро муайян менамояд, тасниф карда мешавад. Дар асоси сохтори коммуникатсия, салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун омодагӣ барои дарк кардани шахси дигар ва муошират бо ӯ ва ҳамчун қобилияти муқаррар ва ҳалли навъҳои мушаххаси вазифаҳои коммуникативӣ; муайян намудани мақсад ва стратегияи алоқаҳо, баҳогузории вазъият, ба назар гирифтани ниятҳо ва усулҳои алоқа бо шарикон, тағйири тактика ва стратегияи муошират дар мавриди зарурӣ, тасниф карда мешавад [78,256].

Ба хонандагон зарур аст, ки дорои донишҳо оид ба асосҳои раванди коммуникативӣ ва маҳорати фаъолияти иттилоотӣ ва коммуникативӣ дар соҳаҳои мухталиф, аз он ҷумла дар соҳаи байнифарҳангӣ бошанд; бо хусусиятҳои коммуникатсияи шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ, навъҳои он шинос бошад; хусусиятҳои муҳити коммуникатсиониро донад; дорои қобилияти истифодаи принсипҳои коммуникативӣ дар банақшагирӣ ва таҳлили чорабиниҳои ҷамъиятӣ бошад.

Фаҳмиши хуби тарафайн, алоқаҳои хуб ба роҳ мондашуда омили муҳими муносибати мусбии байни тамоми гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва дар байни онҳо буда, фаҳмиши нодуруст ва ғалат метавонад муноқишаҳо, зиддиятҳо, корпартоӣ ва дигар падидаҳои манфиро ба вуҷуд орад. Аз ин рӯ, шахс бояд кӯшиш кунад, ки усулҳои таъсирбахши муоширатро, яъне қобилияти фаҳмидани дигаронро омӯзад.

Салоҳияти коммуникативӣ як системаи захираҳои дохилӣ мебошад, ки барои эҷоди муошырати самаранок дар доираи муайяни фаъолияти якҷояи шахсӣ зарур аст. Воситаи маъмули муошырати расмӣ забони хаттӣ ва шифоҳӣ мебошад. Ин механизмест, ки тавассути он тафаккури одам инъикос мешавад, таҷриба, фикрҳо ва эҳсосоти ӯ инкишоф меёбанд, хислат зоҳир мешавад.

Ба хотири дуруст интихоб намудани воситаҳои шифоҳӣ барои бунёд намудани системаи зарурии алоқаҳо мувофиқи вазъият, донистани семантика, фаҳмиши маънои онҳо зарур аст. Маънои иҷтимоиву коммуникативӣ воҳиди асосии коммуникатсия ба ҳисоб меравад, ки дар асоси он қабул намудани он, ки гӯянда чӣ мехоҳад ва кадом ангезаҳо ӯро ба гуфтани он водор менамоянд, ҷой дорад [80,61].

Нутқ - воситаи асосии коммуникатсия ва омили рушди тафаккури инсон ба ҳисоб меравад, он шахсиятро ифода менамояд, ӯро бо тамоми зуҳурот ошкор менамояд. Гуфтори нутқӣ ҳамчун шакли мураккаби фаъолият аст, ки аз амалҳои алоҳида иборат буда, ангеза, мақсад, вазифаи гӯяндаро дарбар мегирад. Барои амали намудани муошырати

бомуваффақ бояд назорати ин унсурҳои гуфтор ва интихоби бошуури онҳо амалӣ карда шавад [78,27].

Ба масъалаи ташаккул ва инкишофи салоҳияти коммуникативии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ корҳои зиёди таҳқиқотӣ бахшида шудааст, ки дар ин самт метавон таҳқиқотҳои Н.С. Емелянов, А.В. Брушлинский, В.В. Давидов, Р.М. Фрумкина, Н.В. Кузминро махсусан қайд намуд. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили ин таҳқиқотҳо хусусиятҳои ташкили раванди ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон ошкор карда мешавад. Илова бар ин, як қатор тарҳҳои ташаккул ва инкишофи салоҳияти коммуникативии хонандагон таҳия карда шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза дар раванди таълим ба ташаккули салоҳиятнокии хонандагон, аз он ҷумла ба салоҳиятнокии коммуникативӣ, диққати махсус равона менамоянд. Дар раванди таълим омӯзонидани хонандагон ба муоширати зеҳнӣ вазифаи аввалиндараҷа ҳисобида мешавад, ки дар доираи он хонандагон имконият пайдо менамоянд, ки мустақилона гуфтугӯи коммуникативиро ба роҳ монанд, фаъолона муҳокимаронӣ ва таҳлил намоянд. Истифодаи қобилият ва маҳорати ҳамкориҳои коммуникативӣ аз тарафи хонандагон дар раванди таълим барои ҳаёт ва фаъолияти минбаъдаи онҳо аҳамияти калидӣ дорад.

Барои муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои салоҳияти коммуникативӣ, зарур мешуморем, ки мафҳуми “салоҳияти коммуникативӣ” дар доираи донишҳои назариявии педагогӣ тасниф карда шавад.

Мафҳуми салоҳияти коммуникативӣ аввалин маротиба аз тарафи А.А. Бодалев истифода гардида, ҳамчун қобилияти ба роҳ мондан ва нигоҳ доштани алоқаҳои самаранок бо дигар одамон дар ҳолати мавҷудияти захираҳои дохилӣ, яъне дониш ва маҳорат тасниф шудааст [16,42].

Қайд намудан зарур аст, ки мафҳуми “салоҳияти коммуникативӣ” ҳамчун интихоб ва амалӣ намудани барномаи рафтори нутқӣ дар вобастагӣ аз қобилияти инсон дар ин ё он вазъияти муоиширам, қобилияти ҷудо намудани вазъият дар вобастагӣ аз мавзуъ, вазифа ва муқаррароти коммуникативӣ пайдо мешавад, истифода мегардад.

Баррасӣ ва таҳлили сохтори салоҳияти коммуникативӣ нишон медиҳад, ки то ба имрӯз таснифоти ягона ва қонеъкунандаи мафҳуми “салоҳияти коммуникативӣ” пешниҳод нагардида, оид ба масъалаи муайян намудани қисмҳои таркибии он низ мавқеи ягона ҷой надорад. Як қатор муҳаққиқон унсурҳои салоҳияти коммуникативӣ ва салоҳитяҳои зеҳниро дар алоҳидагӣ баррасӣ намуда, онҳоро мустақил мешуморанд. Гурӯҳи дигари олимон бисёртаркиба будани салоҳияти коммуникативиро таъкид менамоянд, лекин тасаввуроти онҳо нисбати ин масъала хеле мухталиф ба ҳисоб меравад.

М.Н.Вятюнев алоқамандии байни маҳорати коммуникативӣ ва қобилияти зеҳниро таъкид намуда, салоҳияти коммуникативиро ҳамчун воситаи муошират дар фаъолияти меҳнатӣ ва таълимӣ, қонеъ намудани талаботҳои зеҳнӣ муайян намудааст [26,38-45]. Н.И.Гез салоҳияти коммуникативиро ҳамчун маҷмуи қобилиятҳо, ки ба амалӣ намудани робита имконият медиҳад, тасниф намудааст. Салоҳияти коммуникативӣ қобилияти мутобиқ намудани гуфторро бо ҳадафҳои вазъияти муошират, дарки муносибатҳои тарафайни ҷонибҳои муошират, инчунин қобилияти ташкили дурусти муошират бо назардошти меъёрҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии рафтори коммуникативиро дарбар мегирад [28,19]. Ю.Н. Емелянов қайд намудааст, ки салоҳияти коммуникативӣ ин чунин як сатҳи омӯхташудаи ҳамкорӣ бо муҳит аст, ки барои инсон дар доираи қобилият ва мавқеи иҷтимоӣ бомуввафақ амал намудан, талаб карда мешавад [41,37].

Дар шароити имрӯза “салоҳияти коммуникативӣ” ба таври мухталиф тасниф карда мешавад. Чунин мешуморем, ки таснифоти

нисбатан бомуваффақ, муайяннамоии зерин ба ҳисоб меравад: сифати интегралии шахсият, ки дониш ва маҳоратро барои ҳамкории самаранок бо мақсади ивазнамоии иттилоот, ба роҳ мондани алоқаҳо, идоракунии вазъият бо ёрии воситаҳои шифоҳӣ ва хаттӣ пешбинӣ менамояд [115,110-117].

Қайд намудан зарур аст, ки салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун қобилияти интегративӣ, ки дар сифатҳои гуманистии шахсият асос ёфта, ба таъмини натиҷанокии фаъолияти коммуникативӣ равона гардидааст ва аз таҷрибаи муоширати байнишахсӣ, сатҳи омӯзиш, тарбия ва рушд бармеояд, муайян карда мешавад.

Дар натиҷаи ҳамкории субъектҳои раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ ташаккули фаъоли салоҳияти коммуникативӣ ба миён меояд, ки дар он робита ё алоқа нақши муҳим дорад. Асоси мундариҷавии робита, муошират ба ҳисоб меравад. Маҳз дар муоиширатt шакл, навъ ва вазифаҳои равандии ҳамкории одамон амалӣ гардида, дар доираи он раванди омӯзиш, азхудкунӣ, рушд ва таҳкими маҳорати коммуникативӣ ба роҳ монда мешавад [92,231].

Аксарияти муҳаққиқон, раванди муоширатро баррасӣ намуда, онро тариқи мафҳуми марказии ҳамкорӣ таҷассум намудаанд. Дар ҳамкории байни одамон вазифаи асосии муошират - вазифаи танзимӣ амалӣ мегардад. Ҳамкорӣ ҳамчун унсури интегративии сохтори фаъолият фаҳмида мешавад, ки дар он ба манфиат, самтгириҳо ва қолабҳо, одатҳои шахсии ҳар як иштирокчии муошират диққат дода мешавад.

Муошират ин раванди дуҷонибаи робита ва ҳамкорӣ мебошад, ки дар раванди он ивазнамоии иттилоот байни субъектҳои мухталиф амалӣ мегардад. Инчунин, муошират ивазшавии давраҳои ташаккул, пешниҳод, қабул, васеъ намудан ва таҳқиқи иттилоотро дар ҳамкории субъектҳои робита таҷассум менамояд [56,63].

Ҳамкории коммуникативӣ дар асоси нишондиҳандаҳои гуногун навъбандӣ карда мешавад: дар асоси миқдор, характер ва сатҳи ҷалби

субъектҳо ба раванди ҳамкорӣ; шаклҳои ташкилии ҳамкориҳои коммуникативӣ; воситаҳои коммуникативӣ; аз мавқеи манфиати тарафҳо; дар асоси таҷассуми хусусиятҳои психологии ҳамкории коммуникативӣ ва ғайраҳо [105,25-26].

Дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ принсипи асосии тарҳи коммуникативии таҳсил шавқу рағбат ба раванди ҳамкорӣ ба ҳисоб меравад, ки байни омӯзгор ва хонандагон дар дарсҳо ба роҳ монда шуда, ба дарки масъалаи баррасишаванда ва якдигарфаҳмӣ байни тамоми иштирокчиёнӣ ҳамкорӣ равона карда шудааст [11, 279].

Ҳамин тариқ, **дар тамоми таснифотҳо салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун як навъ маҷмуи дониш, маҳорат ва малака фаҳмида мешавад, ки самаранокии равандҳои коммуникатсиониро таъмин менамояд, яъне имконият медиҳад, ки якдигарфаҳмӣ ба даст оварда шуда, таъсири зарурии мутақобила расонида шавад.**

Пас аз истифода гардидани мафҳуми мазкур, як қатор таҳқиқотчиён ба ин масъала рӯй оварда, тахқиқотҳои эмпирикии худро гузарониданд. Умуман, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таҳқиқи салоҳияти коммуникативӣ, дар шароити имрӯза ба таври васеъ ба роҳ монда шудааст. Дар аксарияти таҳқиқотҳо таъкид карда мешавад, ки моҳияти салоҳияти коммуникативӣ ин қобилияти ба роҳ мондан ва нигоҳ доштани алоқаҳои зарурӣ бо одамони дигар  ба ҳисоб меравад [52,53].

Дар консепсияи дарки салоҳияти коммуникативӣ олимон малака ва маҳорати истифодаи муносиб ва моҳиронаи забонро дар вазъияти мушаххаси муошират дохил менамоянд. Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун қобилияти эҷодии инсон дар истифодаи техникаи воситаҳои забонӣ муайян карда мешавад, ки аз дониш ва омодагии истифодаи муносиби онҳо зоҳир мегардад. Л.А.Петровская чунин мешуморад, ки тайёр будан ба гуфтугӯ заминаи салоҳияти коммуникативӣ ба ҳисоб меравад [101,132].

Хусусияти салоҳияти коммуникативии шахсият самтгириҳо дар соҳаи муошират, маърифат ва муносибатҳои байнишахсӣ, донистани қонуниятҳои мантиқӣ, одоби муошırати шифоӣ, технологияҳои коммуникативӣ ба ҳисоб меравад. Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун маҷмуи донишҳои шахсии ташаккулёфта, қобилиятҳои коммуникативӣ ва ташкилотӣ, маҳорати худназораткунӣ баррасӣ карда мешавад. Он дар алоқамандӣ бо хусусиятҳои таъсиррасонии одамон, донишҳо ва малакаҳо дар соҳаи муносибатҳои байнишахсӣ баррасӣ карда мешавад. Инчунин, салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун сифати шахс, ки дар муносибат бо одамони дигар зоҳир мегардад, ҳамчун малакаи коммуникативӣ ва ташкилӣ баррасӣ карда мешавад.

Яке аз масъалаҳои муҳим таркиби салоҳияти коммуникативӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки **салоҳияти коммуникативӣ аз чор унсури алоҳида ва ба ҳам алоқаманд иборат аст. Ин унсурҳо ба якдигар таъсир мерасонанд, зеро мазмун ва мундариҷаи унсури алоҳида тариқи унсурҳои дигар амалӣ мегардад ва дар онҳо зоҳир мегардад:**

- унсури ҳавасмандӣ-арзишӣ, ки арзишҳои коммуникативӣ, талаботҳо, муқаррарот, кӯшиши бунёд, бадасторӣ ва паҳни иттилоот, бадастории дастгирии эҳсосотӣ, арзишҳои шахсӣ таҷассум мегардад;
- унсури маърифатӣ, ки аз системаи донишҳои коммуникативӣ, донишҳо оид ба ҷанбаи арзишиву маъногии муошират, оид ба сифатҳои шахсӣ, ки ба муошират мусоидат менамоянд ё баръакс монеа мегарданд, иборат аст;
- унсури эҳсосотӣ, ки дар бунёд ва нигоҳ доштани алоқаи мусбии эҳсосотӣ бо ҳамсуҳбат, худтанзимнамоӣ ифода мегардад;
- унсури рафторӣ, ки дар қобилияти дарки нафари дигар дар муошират, қобилияти қабул намудан, дарк кардан ва дуруст баҳогузорӣ намудани шарики муошират таҷассум мегардад [37,20].

Мувофиқи муносибати функсионалӣ салоҳияти коммуникативӣ аз унсурҳои иҷтимоиву забонӣ, граматикӣ ва стратегӣ иборат аст. Салоҳияти иҷтимоиву забонӣ ин қобилияти истифодаи воситаҳои забонӣ ба назардошти мавзуъ, нақши иштирокчиён дар муошират ва муҳит ё вазъияти мушаххаси коммуникативӣ, инчунин донистани қоидаи рафтор, ки дар вазъияти мазкур қабул гардидааст, ба ҳисоб меравад. Салоҳияти граматикӣ ба соҳаи донистани қоидаҳои забоншиносӣ, ба монанди хазинаи луғавӣ, калимасозӣ ва сохтори ҷумла тааллуқ дорад.

М.Н. Вятюнев чунин пешниҳод менамояд, ки салоҳияти коммуникативӣ - ин интихоб ва амалӣ намудани барномаи рафтори шифоҳӣ аст, ки аз қобилияти инсон дар самтгирии ӯ дар ин ё он муҳити коммуникативӣ вобаста мебошад: ин маҳорати муайян намудани вазъият дар алоқамандӣ бо вазифа, мавзуъ ва муқаррароти коммуникативӣ аст [26,38].

Ҷанбаи этикии салоҳияти коммуникативӣ риояи меъёрҳои муошират, истифодаи дурусти воситаҳои забониро дар вазъияти ҳаётии муошират пешниҳод менамояд. Дар чунин вазъият кӯшиш карда мешавад, ки натанҳо ба мақсадҳои худ диққат дод, балки манфиати шарикии муоширатро ба инобат гирифт. Таркиби этикии салоҳияти коммуникативӣ ҳамеша хусусияти созандаро доро мебошад, зеро интихоби воситаи рафтор нисбат ба шарики муошират ҳамеша бо назардошти вазъияти мушаххас амалӣ карда мешавад.

Таҳлили шароитҳои имконпазири дидактикии раванди ташаккули салоҳияти коммуникативӣ нишон медиҳад, ки технологияҳои мухталифи фаъолияти таълимӣ ҷудо карда мешаванд. Дар ин самт, технологияи гуфтугӯи стратегияеро амалӣ менамояд, ки дар раванди муошират барои ба даст овардани натиҷаи ба нақша гирифташудаи коммуникативӣ истифода мешаванд. Дар фарқият аз гуфтугӯ, нутқи монологӣ - нутқи нисбатан мутташаккил ба ҳисоб меравад, ки барномарезии муайянро талаб менамояд. Барои монолог тартиби нутқ, мулоҳизаронии пешакӣ

муҳим аст. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки технологияи гуфтугӯӣ ва монологӣ ба ташаккули малакаи коммуникативии хонандагон мусоидат менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон технологияи бозӣ васеъ истифода карда мешавад. Бозиҳои нақшофаринӣ ба бунёди ҳолатҳои мухталифи коммуникативӣ кӯмак менамоянд, имконият медиҳанд, ки асоси самтгириҳои рафтори хонандагон дар ҳолатҳои нутқӣ ташаккул ёбад. Истифодаи бозиҳои нақшофаринӣ ба рушди малакаҳо мусоидат менамояд. Дар гузаронидани бозиҳои нақшофаринӣ имконияти тақлиди вазъияти муошират пайдо мешавад. Чунин технологияҳо ба ҳалли вазифаҳои коммуникативӣ, ба азхудкунии маҳорати бозёфт ва пайванд кардани роҳҳои ҳалли масъала кӯмак намуда, ба ворид гардидани таҷрибаи коммуникативӣ ба системаи омилҳои дохилии муваффақияти иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

Ҳамин тариқ, салоҳияти коммуникативӣ ин тайёрии назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ дар соҳаи муносибатҳои байнишахсӣ, истифодаи моҳирона ва самараноки воситаҳои нутқ дар вазъият ва соҳаҳои мухталиф, донистани одоби муошират,, технологияҳои коммуникативӣ ба ҳисоб меравад. Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун маҷмуи донишҳо, маҳорати коммуникативӣ ва ташкилӣ, қобилияти худназоратнамоӣ баррасӣ карда мешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ташаккул ва рушди салоҳиятҳои коммуникативии хонандагон аз салоҳияти зеҳнӣ вобаста аст, зеро маҳз он ҳамчун заминаи азхудкунии донишҳо дар соҳаҳои мухталиф баромад менамояд. Дар алоқамандӣ бо ин дар хонандагон қобилияти худомӯзӣ - ҷустуҷӯӣ ва коркарди иттилоот, истифодаи технологияҳои навтарини коммуникативӣ, ташкил намудани раванди таълимӣ ва ҳамкорӣ инкишоф меёбад. Ҳамин тариқ, салоҳияти зеҳнӣ ва коммуникативӣ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои камолоти зеҳнӣ баррасӣ карда мешавад.

Қайд намудан зарур аст, ки салоҳияти зеҳнӣ ва коммуникативии хонанда барои фаъолияти минбаъда, инчунин барои худтакмилдиҳии хонанда салоҳияти калидӣ ба ҳисоб меравад. Чунин салоҳиятҳо ҳамчун қобилияти ҳалли ҳолатҳои проблемавӣ баромад менамоянд.

Барои рушди салоҳияти коммуникативӣ муносибати мусбии инсон ба раванди муошират, яъне, мавқеи фаъоли коммуникативӣ, ки дар рафтори мувофиқ зоҳир мегардад, муҳим аст. Дар раванди чунин муошират имконияти дарк намудан ва амалӣ кардани амалҳои якҷоя барои ҳар як иштирокчӣ мавҷуд аст.

Имконияти чунин даркнамоӣ ба рушди зеҳнӣ мусоидат менамояд, зеро маҳз зеҳн дар ташаккули салоҳияти коммуникативӣ нақши муҳим бозида, қисми таркибии қобилиятҳои коммуникативӣ баромад менамояд ва ҳамчун қобилияти баҳогузориву дарки рафтори худ ва рафтори одамони дигар баррасӣ карда мешавад. Ин ҳама сатҳи ташаккули мавқеи салоҳиятнокиро дар раванди муошират ва муваффақияти рушди нерӯи коммуникативии инсон муайян менамояд. Ҳамин тариқ, метавон чунин як муоширатро салоҳиятнок ҳисобид, ки дар доираи он мавқеи салоҳиятнокӣ истифода карда мешавад [38,289].

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки мухталифияти сохтори салоҳияти коммуникативӣ дар таҳқиқотҳо боиси ташаккули муносибатҳои гуногуни муайян намудани мазмуну мундариҷаи он гардидааст. Қайд намудан зарур аст, ки дар шароити имрӯза миқдори зиёди унсурҳои салоҳияти коммуникативӣ пешниҳод карда шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар аввал се унсури асосии салоҳияти коммуникативӣ ҷудо карда мешуд: унсури лингвистӣ, унсури иҷтимоӣ-лингвистӣ ва унсури прагматикӣ.

Сипас, солҳои 80-уми асри XX М.Канейл ва М.Свейн назарияи салоҳияти коммуникативиро идома дода, сохтори онро аз чор унсур иборат донистаанд: дискурсивӣ, иҷтимоиву лингвистӣ, стратегӣ ва лингвистӣ. Дар охири солҳои 90-ум бошад, дар таҳқиқотҳои гуногун

унсурҳои зерини салоҳияти коммуникативӣ ҷудо мегарданд: лингвистӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, иҷтимоӣ-лингвистӣ, стратегӣ, дискурсивӣ, иҷтимоӣ, рафторӣ, шахсиятӣ [57,210].

Таҳлили таркиби салоҳияти коммуникативии пешниҳодгардида нишон медиҳад, ки дар он унсури лингвистӣ афзалият дорад, лекин дар ин сохтор унсури зеҳнӣ ҷой надорад, ки бо рушди қобилияти зеҳнии хонанда алоқаманд аст. Унсури зеҳнӣ дорои аҳамияти бузург мебошад, зеро маҳз он маҷмуи дониш ва қобилиятҳоро, ки дар раванди рушди хонанда зарур аст, пешниҳод менамояд.

Қайд намудан зарур аст, ки таркиби салоҳиятнокии мазкур омӯзиш ва азхудкунии маҳоратҳои коммуникативиро пешниҳод менамояд. Лекин барои хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ чунин сатҳи ташаккули салоҳияти коммуникативӣ нокифоя аст, зеро вазифаи пешбари муассисаи таълимии тайёр кардани хонандаи салоҳиятнок, ки натанҳо муошират карда тавонанд, балки дар раванди фаъолияти худ ҳамкории фаъоли зеҳниву коммуникативӣ дошта, мавқеи худро ба далелҳо тасдиқ намоянд ва хулосабарориҳо кунанд, ба ҳисоб меравад.

Дар таҳқиқотҳои амалишуда масъалаи ташаккул ва инкишофи салоҳияти коммуникативӣ ба таври гуногун баррасӣ гардидааст. Масалан, Е.В. Смирнов ин масъаларо дар заминаи таҳсилоти бефосила таҳқиқ карда, хусусиятҳои рушди салоҳияти коммуникативии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро муайян намудааст, таҳлили муқоисавӣ кардааст, шаклҳои умумӣ ва фарқиятҳоро дар ташаккули салоҳияти коммуникативӣ дар сатҳҳои иҷтимоӣ, педагогӣ ва методии таълим муайян кардааст. Муаллиф коркарди илмии асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон ва сатҳҳои мухталифи тайёр намуданро пешниҳод намудааст [123,270].

Ташаккул ва инкишофи салоҳияти коммуникативӣ дар алоқамандӣ бо салоҳияти зеҳнӣ ба роҳ монда мешавад. Дар чунин ҳолат дар ташаккули салоҳияти коммуникативӣ муносибати босалоҳият мавриди

истифода қарор дода мешавад. Вазифаи асосии таълими хонандагон ташаккули салоҳияти коммуникативӣ ба ҳисоб меравад, ки барои фаъолияти эҷодӣ ва иттилоотии онҳо зарур аст. Дар ин самт зарур аст, ки воситаҳои махсуси дидактикии рушди он мавриди истифода қарор дода шаванд.

Дар асоси таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи як қатор муҳаққиқон, О.В.Михайлов қайд менамояд, ки салоҳияти коммуникативӣ бояд натанҳо воситаи маърифати ҷаҳон ва дастрасӣ ба иттилоот, балки воситае бошад, ки фаъолияти самаранок, муошırати кориро таъмин намояд, ки барои мутахассиси оянда муҳим мебошад [90,127].

Дар як қатор  таҳқиқотҳо таъкид карда мешавад, ки салоҳияти коммуникативӣ яке аз қисмҳои муҳими таркиби салоҳиятнокии асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб меравад, ки барои ташаккули маҷмуии шахсияти ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ зарур мебошад [36,193].

Раванди ташаккул ва инкишофи салоҳияти коммуникативӣ набояд характери стихиявӣ дошта бошад ва коркарди мунтазамии амалҳои муайянро талаб менамояд. Ташаккул ва инкишофи салоҳияти коммуникативӣ ин таъсири системавӣ мебошад, ки танҳо бо чорабиниҳои алоҳида таъмин карда намешавад. Салоҳияти коммуникативӣ на дар доираи фанни алоҳида, балки дар асоси маҷмуи фанҳо, муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти миёна, сатҳи касбии коллективи педагогӣ ташаккул меёбад. Аз ин лиҳоз, бунёди тарҳи муайяни ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ талаб карда мешавад.

Дар шароити имрӯза, дар доираи педагогика тарҳҳои мухталифи ташаккул ва инкишофи салоҳияти коммуникативии хонандагон пешниҳод карда шудаанд, ки метод, услуб ва технологияҳои мухталифи таълимро мавриди истифода қарор медиҳанд.

Яке аз тарҳҳои қолиби рушди салоҳияти коммуникативии хонандагонро Т.А.Слатенин пешниҳод намудааст, ки ба сифати унсурҳои асосии он чунин унсурҳо, ба монанди ҳавасмандӣ - мақсаднокӣ, мундариҷавӣ - просессуалӣ, сатҳӣ - меъёрӣ баромад менамоянд.

Унсури ҳавасмандӣ - мақсаднокӣ мақсад, талабот ба таълимот, мукаммалгардонӣ, худтарбиянамоӣ, худамалинамоӣ; муқаррароти арзишӣ дар фаъолият, талаботи шахс ба донишҳо, азхудкунии воситаҳои самараноки фаъолият ва ҳамкориҳои коммуникативиро дарбар мегирад.

Унсури мундариҷавӣ - просессуалӣ дар худ омодагии назариявӣ, методӣ ва амалиро таҷассум намуда, маҷмуи донишҳои илмӣ - назариявӣ ва қобилияти фаъолиятро пешниҳод менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки унсури мазкур вазифаҳои омӯзишӣ, тарбиявӣ ва ташкилиро иҷро менамояд. Маҷмуи назариявӣ донишҳоро дар самти муошират - вазифаҳои коммуникативӣ, воситаҳо, давраҳо ва услубҳои онро пешниҳод менамояд. Маҷмуи методӣ - методҳо ва технологияҳои муосири таълимро дарбар мегирад. Қисмати коммуникативӣ ба рушди хусусиятҳо ва сифатҳои коммуникативии шахсият равона карда шудааст. Таркиби амалӣ бошад, ба ташаккули қобилият ва маҳорат дар соҳаи воситаҳои шифоҳӣ ва хаттии муошират ва қонуниятҳои ҳамкориҳои байнишахсӣ равона карда шудааст.

Унсури сатҳӣ - меъёрӣ имконияти баҳогузории сатҳи ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии хонандагонро дар марҳилаҳои мухталифи таълим пешниҳод менамояд. Маҳз дар доираи ин унсур имконият пайдо мешавад, ки натиҷаҳои фаъолият ва сатҳи рушд назорат карда шавад [121,90].

Дар таҳқиқоти худ Т.А. Хайновская тарҳи ташаккули салоҳиятҳо ва махсусан салоҳияти коммуникативии хонандагонро пешниҳод менамояд. Муаллиф ба унсурҳои сохтории чунин тарҳ - мақсад, мундариҷа, шароит, воситаҳои раванди таъоими хонандагонро ба фаъолият ва воситаҳои татбиқи он ворид менамояд. Унсури функсионалии тарҳи мазкур

банақшагирӣ, ташкилнамоӣ, ҳавасмандкунӣ, назорат, алоқа мебошанд, ки раванди педагогиро дар ҳаракат ва тағйирот таҷассум намуда, мантиқи рушди онро муайян менамоянд. Тарҳи мазкур аз қисматҳои зерин иборат аст: маҷмуи пешбиниву – мақсаднокӣ - мақсад, муносибатҳо ва принсипҳоро фарогир аст; маҷмуи мундариҷавӣ сохтори салоҳиятҳои коммуникативии хонандагонро инъикос мекунад; маҷмуи ташкиливу методӣ марҳилаҳои ташаккули салоҳият, шароити педагогиро фарогир аст, ки ба ташкили самараноки раванди ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон имконият медиҳад [135,73-76].

Як қатор муаллифон интихоби методҳои ташаккул ва инкишофи салоҳиятнокии коммуникативиро асоснок намуда, қайд менамоянд, ки он бояд дар асоси мақсади таълим, мазмуну мундариҷаи маводи таълимӣ, ҳавасмандии хонандагон, зарурати коркарди қобилият ва маҳорати коммуникативӣ муайян карда мешавад.

Ба сифати чунин методҳо метавон дарсҳои проблемавиро бо иштироки хонандагон, гузаронидани бозиҳо, суҳбатҳои инфиродӣ, тренингҳоро номбар намуд. Роҳҳои амалӣ намудани салоҳиятҳои коммуникативӣ дар он зоҳир мегарданд, ки шаклҳо, методҳо ва услубҳои кор ба он равона карда шудааст ва мазмуну мундариҷаи маводи таълимӣ сарчашмаи ҷустуҷӯи мустақили ҳалли мушкилот бошад [116,78-80].

Дар асоси баррасӣ ва таҳлили тарҳҳои ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои коммуникативӣ ба хулосае омадем, ки то ба имрӯз механизми умумипедагогии ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон пешниҳод нагардидааст. Лекин, дар баррасии тарҳҳои ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои коммуникативӣ, мо ба технологияҳои зерини педагогӣ диққат медиҳем:

- таъминоти дидиктикӣ - технологии ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон бо истифодаи технологияи рушди тафаккури интиқодӣ;

- бунёди муҳити лоиҳавӣ - эҷодӣ, ки ҳамкории гуфтугӯиро дар асоси истифодаи технологияи лоиҳавӣ таъмин менамояд;

- истифодаи муҳити иттиллотиву коммуникативӣ дар натиҷаи истифодаи васеи технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ дар раванди таълим.

Ташаккули салоҳияти коммуникативии инсон як масъалаи таъхирнопазири психология мебошад, ки ҳалли он ҳам барои ҳар як фард ва ҳам дар маҷмуъ барои ҷомеа муҳим аст. Салоҳияти шахс дар муошират баҳогузории дурусти нерӯи равонии шахс, нерӯи шарикӣ, самтгирӣ ба вазъият ва қобилияти дуруст таҳия кардани вазифаро пешниҳод менамояд.

Яке аз ҷузъҳои инкишофи малакаҳои муошират одоби этикӣ мебошад. Этикаи муошират низ ба он дахл дорад. Кӯдак бояд аз калонсолон биомӯзад, ки кадом рафтор қобили қабул аст ва чӣ гуна дар муҳити мушаххас муошират кардан даркор аст. Дар мактаби ибтидоӣ, хонандагон бо одоб аз якдигар фарқ мекунанд. Албатта, ин ба волидайн вобаста аст.

Барои муаллимон ба кӯдакони бесавод дар мактаб мубориза бурдан душвор аст, зеро ин гуна хонандагон аз рушд нисбат аз дигар хонандагон ба таври назаррас қафо мондаанд. Чунин хонандагон барои ба камол расидан душворӣ мекашанд, зеро онҳо комилан намедонанд чӣ гуна дар ҷомеа рафтор кунанд ва робитаҳои шахсиро барқарор кунанд.

Оядаи ҳар як шахс аз салоҳияти коммуникативӣ вобаста аст, зеро ҳамаи мо дар муҳити иҷтимоӣ зиндагӣ мекунем, ки қоидаҳои муайяни рафторро аз мо талаб мекунад. Аз давраи аввали кӯдакӣ, шумо бояд дар бораи тарбияи дурусти фарзандонатон фикр кунед, агар шумо хоҳед, ки фарзанди шумо муваффақ шавад ва мавқеи фаъоле дошта бошад. Аз ин рӯ, ҳама ҷузъҳои салоҳияти коммуникативӣ бояд аз ҷониби падару модарон, хешовандон ва омӯзгорон ҳангоми таълим ва сарф кардани вақт бо хонандагон ба назар гирифта шаванд.

Салоҳияти коммуникативӣ мувофиқи таҳқиқотҳои педагогиву психологӣ аз унсурҳои зерин иборат аст:

- унсури эҳсосотӣ, ки аз эмпатия, қобилияти ҳамдардӣ, диққат ба амалҳои шарик, эҳсосот ба нафари дигар иборат аст;

- унсури маърифатӣ, ки аз қобилияти дар назар доштани рафтори нафари дигар, ҳалли самараноки мушкилоти мухталиф, ки байни одамон пайдо мешавад иборат буда, бо дарк ва маърифати нафари дигар алоқаманд аст;

- унсури рафторӣ, ки қобилияти ҳамкорӣ, фаъолияти якҷоя, ташаббускорӣ, қобилиятҳои ташкилиро таҷассум менамояд.

Метавон қайд намуд, ки тарҳи салоҳияти коммуникативӣ аз унсурҳои зерин, ба монанди салоҳияти дискурсивӣ, салоҳияти иҷтимоиву лингвистӣ, салоҳияти лингвистӣ, салоҳияти стратегӣ, салоҳияти кишваршиносӣ иборат аст.

Сохтори салоҳияти коммуникативӣ аз унсурҳои зерин иборат аст:

- унсури маърифатӣ: системаи намояндагӣ дар бораи намудҳои муошират бо забонҳои модарӣ ва хориҷӣ, шифоҳӣ ва хаттӣ, ғайримустақим ва мустақим, нутқӣ ва ғайринутқӣ.

- унсури аксиологӣ: ангезаҳо ва ҳадафҳои иртибот: табодули иттилоот, дархости иттилоот, итминон, муаррифӣ, изҳори эҳсосоти эмотсионалӣ, радкунии асоснок.

- унсури интерактивӣ: амалҳои универсалӣ ва воқеии коммуникативӣ ва усулҳои ба он алоқаманд: монолог, муколама, паём, гуфтор, баҳс, гуфтугӯ, далелҳо, савол, радкунӣ, мактуб, гуфтугӯи телефонӣ, телеграмма,

- унсури эмпирикӣ: инъикоси иртибот дар асоси мониторинги мундариҷаи иртибот, ислоҳи роҳи муошират ва арзёбии ноил шудан ба ҳадафи коммуникатсия.

Тарҳи салоҳияти коммуникативӣ дар асоси муносибати дусатҳа, ки дар аксарияти тарҳҳои мавҷуда ҷой дорад, бунёд карда мешавад. Дар чунин ҳолат метавон оид ба “дониш - амалинамоӣ” сухан ронд.

Салоҳияти коммуникативӣ асосӣ ва ҳалкунанда ҳисобида мешавад, зеро тамоми салоҳиятҳои дигарро маҳз он ташкил медиҳад. Салоҳияти коммуникативӣ бояд дар иртиботи зич бо маҳоратҳои таълимӣ ва иттилоотӣ пайваста ташаккул ёбад. Инкишофи малакаҳои коммуникативӣ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бояд натанҳо ҳамчун ҳадаф, балки ҳамчун воситаи муваффақона истифода бурдани ҳама гуна донишу маҳоратҳои фаннӣ баррасӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, салоҳият шарти ташаккул ва зуҳури салоҳиятнокии мувофиқ буда, дар навбати худ, шарти татбиқи бомуваффақияти иқдомҳои дахлдор мебошад. Тафовути куллии салоҳият ва салоҳиятнокӣ дар он аст, ки салоҳият ташаккулёбии рӯҳии дохилӣ, моликияти беназири шахс аст ва салоҳиятнокӣ мутобиқат ба маҷмуи муттаҳидшудаи қудратҳо ё талабот мебошад, ки берун аз рӯи параметрҳои нақши иҷтимоии дахлдор муайян карда шудаанд.

## 2.2. Ташаккули салоҳияти хонандагон дар раванди таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ

Шароити муосири иҷтимоӣ - иқтисодии давлат зарурати баланд бардоштани сифати таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ талаб менамояд. Муқаррароти муҳими мазмуну мундариҷаи соҳаи маориф таъмини сифати таълим ба ҳисоб меравад. Ба ҷомеа шахсони босалоҳият зарур мебошанд, ки тавонад мустақилона дониш, маҳорат, малакаро аз худ карда, дар амалия истифода намояд, вазифаҳои худро бо истифода аз метод ва воситаҳои муосир ҳал намояд.

Ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон дар давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти умумӣ амалӣ мегардад, зеро дар марҳилаи худогоҳӣ ва ҷаҳонбинӣ ташаккули шавқу рағбат ба миён меояд, ангезаҳои

маърифатӣ қувват мегиранд, қарорҳои мустақил қабул мешаванд, худмукаммалнамоӣ ва худинкишофдиҳии шахсӣ амалӣ мешаванд [21,55].

Дар амалияи педагогӣ ташаккул ҳамчун истифодаи метод, услуб ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба шахсият бо мақсади бунёди системаи донишҳо, маҳорат, малака, тарҳи муайяни хотира ва тафаккур тасниф карда мешавад. Зери ибораи “ташаккули салоҳиятҳо”-и хонандагон раванди бунёди шакл ва шароити бадастории натиҷаи муайян, яъне ташаккули салоҳиятҳои хонанда, ки барои таъмини имкониятҳои идомаи минбаъдаи таҳсил заруранд, фаҳмида мешавад [25,87-94].

Дар муассисаи таълимӣ ташаккули нуқтаи назар ва муносибат амалӣ гардида, таҷассуми маънавӣ ва эстетикии воқеият рушд менамояд, ташаккул ва мустаҳкам гардидани доираи характер, одатҳо ва муқаррарот ба миён меояд. Дар ин марҳила азхуднамоии тамоми системаи нақшҳои иҷтимоӣ: таълимӣ, шаҳрвандӣ, меҳнатӣ ва сиёсӣ, ки дар мустақилияти хонанда ифода мегардад, амалӣ мегардад.

Саъю кӯшиш ба мустақилият дар асоси зиёд гардидани мушкилоти худшиносӣ ва худмуайянкунӣ, ки ҳалли онҳо ба хонанда мушкилӣ меорад, шарҳ дода мешавад. Сатҳи афзудаи худшиносӣ ба рушди сатҳи талаботи хонанда ба худ ва ба одамони муҳити атроф мусоидат менамояд. Онҳо нисбатан танқидгар ва худтанқидгар гардида, ба одамони муҳити атроф талаботҳои сатҳи баландро пешниҳод менамоянд. Давраи хонандагӣ - давраи марказии ташаккули тамоми системаи самтгирӣ ва ҳавасмандӣ - арзишӣ, ташаккули фардияти нотакрор ва эҷодӣ, ташаккули системаи зеҳнӣ ва шахсият ба ҳисоб меравад.

Яке аз хусусиятҳои асосии рушди маънавии хонандагон қувват бахшидани ангезаҳои бошуури рафтор мебошад ва дар ин самт сифатҳо, ташаббускориҳо, мақсаднокӣ, боҷуръатӣ, мустақилият, суботкорӣ, масъулиятшиносӣ мустаҳкам мегардад.

Муваффақияти фаъолияти таълимӣ бо азхудкунии салоҳиятҳои асосии хонандагон муайян карда мешавад. Дар раванди таълим мақаррароти арзишӣ ташаккул меёбад, хусусиятҳои инфиродии сифатҳои шахсияти хонанда рушд менамоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки хонандагон дар таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бештар бо мушкилоти таълимӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Пайдо шудани чунин мушкилот бо мавҷуд набудани маҳорат ва малакаи корҳои мустақилона, ҷой надоштани қобилияти конспекти маводҳои дарсӣ, кор бо сарчашмаҳои мухталиф, таҳлилнамоӣ, муқоисанамоӣ, хулосабарорӣ намудани иттилооти азхудшуда, баёни ақида ва мавқеи худ, инчунин мавҷуд набудани қобилияти истифодаи маҳорату малакаи азхудшуда алоқаманд мебошанд.

Аз ин хотир, зарур аст, ки омӯзгор фаъолияти хонандагонро ба азхудкунии салоҳиятҳо равона намояд. Хонанда бояд дарк намояд, ки ӯ фаъолиятро барои ҳалли вазифаҳо, барои азхудкунии донишҳо, малака, маҳорат, на барои бомуваафақият супоридани санҷишу имтиҳонот амалӣ менамояд.

Муносибати анъанавӣ дар таҳсилот ба ташаккули маҷмуи донишҳо, қобилият ва маҳорат равона гардидааст. Ин ба он оварда мерасонад, ки хонанда наметавонад иттилооти азхудшударо дар фаъолияти амалии худ истифода намояд. Хатмкунанда танҳо хонандаи хуб иттилоотонидашуда ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, дар шароити имрӯза зарурат ба миён омадааст, ки дар раванди таълим технология, шакл ва методҳои нав мавриди истифода қарор дода шаванд.

Истифодаи технология, шакл ва методҳои нав дар раванди таълим ба ташаккул ва инкишофи мустақилият, худташкилнамоӣ, худомӯзӣ, худинкишофдиҳии хонанда мусоидат намуда, муқаррароти арзишӣ пайдо мешавад. Ин ба хонанда имконият медиҳад, ки вазифаҳоро дар асоси донишҳо, малакаву маҳорат, мавзуъ ва модулҳои фаъолият, услубҳо, воситаҳо ва технологияҳои азхудшуда ҳал намояд. Дар ин самт

истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ мувофиқи мақсад аст. Зеро онҳо имконият медиҳанд, ки самаранокии раванди таълим таъмин карда шавад.

Ислоҳоти системаи маориф дар Тоҷикистон ба ворид гардидани як қатор тағйиротҳои назаррас ба тамоми раванди таълим оварда расонид. Яке аз дигаргуниҳои ҷиддӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ гузариш аз машғулиятҳои синфӣ ба омӯзиши мустақилона дар асоси истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, дар шароити имрӯзаи ислоҳоти маориф ва раванди таълим, зарур аст, ки ҳар як хонанда малакаи истифодаи мустақили компютер ва технологияҳои иттилоотиро дошта бошад.

Раванди ворид гардидан ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба таври мухталиф амалӣ мегардад. Ворид гардидани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ҳамчун асоси ташаккули шаклҳои нави таҳсилот  хизмат менамояд, ки ба худбаҳогузорӣ такя менамояд. Истифода гардидани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ самаранокии раванди таълимро таъмин намуда, ба мукаммал намудани мазмуну мундариҷаи нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо, воситаҳои таълимӣ мусоидат менамояд.

Яке аз технологияҳои муҳими педагогӣ дар истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ ва имконияти васеи онҳо, ки ворид намудани онҳо сифати дарсҳои таълимиро ба сатҳи баланд мебардорад, раванди таълимро диққатҷалбкунанда мегардонад, ҳавасмандии амалӣ намудани фаъолияти коммуникативиро баланд менамояд, зоҳир мегардад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муошироти таълимӣ ва беруназтаълимӣ мақсаднок аст. Аз сифат ва сатҳи коркарди мазмуниву методии воситаҳои мувофиқи технологияи компютерӣ самаранокии фаъолияти таълимӣ вобаста аст.

Таҳқиқотҳо дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар таълим нишон медиҳанд, ки истифодаи онҳо дар раванди таълим нисбатан самаранок аст. Ҳолати мусбӣ дар он зоҳир мегардад, ки хонандагон метавонанд миқдори зиёди вазифаҳои иловагии инфиродиро иҷро намоянд, вазифаҳо метавонанд шавқовар ва диққатҷалбкунанда бошанд. Илова бар ин истифодаи технологияи компютерӣ хонандагонро ба ташаббускорӣ ҳавасманд менамояд, ки дар доираи таълимоти анъанавӣ ғайриимкон аст.

Як қатор муҳаққиқон технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсиониро ҳамчун воситаи самараноки таълим, ки дорои бартариҳои муайян мебошанд, тасниф кардаанд. Аз ҷумла, муқаррар кардаанд, ки он дорои вазифаи ҳавасманднамоӣ мебошад; барномаҳои таълимии компютерӣ диққати хонандагонро нисбат ба вазифаҳои анъанавӣ бештар ҷалб менамояд; ҳамкориҳои доимӣ тариқи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ амалӣ мегардонад [81,36].

Таҳлил ва мушоҳида нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон, гарчанде дар муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ компютерҳо мавҷуданд, лекин истифодаи онҳо ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Новобаста аз оне, ки Барномаи умумидавлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ аллакай амалӣ гардидааст, лекин имрӯз низ норасоӣ мушоҳида карда мешавад. Аз тарафи дигар, дар асоси инкишофи босуръати технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, аксарияти он компютерҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Тоҷикистон истифода мешаванд, аз ҳисоби қобилияти барномавӣ кӯҳна ҳисобида мешаванд.

Масъалаи дигар, ин миқдори компютерҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёна умумӣ, ки ба миқдори хонандагон бо мувофиқ нест. Албатта, чунин вазъият ба таъмини самаранокии раванди таълиму тарбия халал ворид менамояд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ тибқи ҳисоботи оморӣ шумораи умумии омӯзгорони фанни технологияи иттлоотӣ 283 нафар, 5318 адад компютер, 1284 адад принтер, 424 адад тахтаҳои электронӣ, 529 адад проекторҳо ва 166 кабинети технологияи иттилоотӣ мавриди истифода қарор дорад. Ҳамагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти таълимии ҷумҳурӣ 1749 адад компютер ба шабакаи Интернет пайваст мебошад.

Яъне, дар шароити Тоҷикистон вазъияти компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ беҳбудиро талаб менамояд. Зарур аст, ки дар асри иттилоотӣ, дар ҳолати иттилоотикунонии соҳаи маориф технологияҳои иқтидори охирин, ки истеҳсол шудаанд, мавриди истифода қарор дода шаванд.

Масъалаи дигар ин мавҷудият ва мавриди истифода қарор гирифтани барномаҳои мухталифи компютерӣ мебошад, ки ба ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон мусоидат менамояд. Дар таҳқиқоти мазкур мавриди баррасӣ қарор додани тамоми шароит ва сатҳи истифодаи тамоми барномаҳои комютерӣ ғайриимкон аст. Аз ин хотир, ба хулосае омадем, ки мавриди истифода қарор гирифтани технологияи мултимедӣ ва тахтаи рақамиро дар шароити кишвар баррасӣ намоем.

Дар шароити имрӯза, дар аксарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври васеъ технологияҳои мултемедӣ истифода карда мешаванд. Нақши онҳо дар таълим бузург мебошад. Мултимедия ин маҷмӯи технологияҳо мебошад, ки ба компютер имкон медиҳад то коркард, ҳифз, интиқол ва намоиши матн, графика, аниматсия, расмҳои рақамӣ, видео, садо, нуткро амалӣ намояд. Ба воситаҳои мултимедиа китобҳои дарсӣ, энсиклопедияҳои электронӣ, барномаҳои гуногуни таълимии компютерӣ, интернет ва ғайраҳо дохил карда мешаванд.

Истифодаи воситаҳои таълимии мултимедиявӣ марҳилаи табии рушди технологияҳои педагогӣ мебошад. Технологияҳои мултимедиявӣ

ҷараёни таълимро суръат мебахшанд, ба боло рафтани шавқмандии хонандагон ба фан ва ба азхудкунии сифатии маводҳо мусоидат менамоянд, имконияти инфиродигардонии раванди таълимро таъмин менамоянд.

Технологияи мултимедиявӣ ба рушди тафаккури мултимодалии хонандагон мусоидат менамояд. Модалият - ин таснифоти таассурот ва ҳиссиёт мебошад, ки хусусияти воқеияти объективиро дар қолаби махсуси рамзигардонидашуда таҷассум менамояд. Масалан, ранг бо биниш, оҳанг бо шунидан, буй бо шаммидан эҳсос карда мешавад.

Ба хотири мутобиқати модалияти қабул ва коркарди маводи таълимӣ бояд чунин технологияҳои таълим истифода карда шаванд, ки имконияти пешниҳоди иттилоотро дар доираи истифодаи воситаҳои мухталифи интиқоли иттиллот таъмин намоянд. Дар чунин ҳолат сухан дар бораи матн, расм, видео ва садо меравад.

Технологияи мултимедиявӣ ин технологияи иттилоотӣ дар асоси маҷмӯи дастгоҳи барномавӣ бо пайваст намудан бо таҷҳизоти садоӣ ва видеоӣ аст. Технологияи мултимедиявӣ имконият медиҳад, ки ҳалли вазифаҳои автоматикунонии фаъолияти зеҳнӣ, пайвасти имконияти мошинаи ҳисоббарор бо воситаҳои анъанавии пешниҳоди садо ва видео бо мақсади синтези сода, матн, графика ва видео таъмин карда шавад. Ба афзалиятҳои воситаҳои мултимедӣ метавон болоравии интиқоли иттилооти садоиву видеоӣ, васеъ гардидани имкониятҳои интерактивӣ, аёнияти бузурги маводи пешниҳодшаванда, имконияти ҷудо намудани иттилоот, такмили методҳои дастрасӣ ба иттилоот, истифодаи CD-ROM-ро ворид намуд.

Дар асоси хусусиятҳои таъсиррасонии худ, воситаҳои мултемедиявӣ ба навъҳои мухталиф ҷудо карда мешаванд:

- ҳамкориҳои синхронӣ: видеоконференсияҳо, конференсияҳо, суҳбатҳо;

- ҳамкории асихронӣ: конференсия дар доираи интернет, лаҳзаҳои садоӣ, расмҳои оморӣ, лаҳзаҳои водеоӣ, маводҳои таълимии электоронӣ, фиттаҳои садоӣ ва видеоӣ;

- дар асоси истифодаи технологияҳои мухталифи мултимедиявии телекоммуикатсионӣ: матн, объектҳои хаёлӣ, видео, садо, графика.

Зери мафҳуми "мултимедиа" технологияи компютерӣ фаҳмида мешавад, ки имконияти идора намудани ҷараёнҳои интиқоли иттилооти мухталифро дар шакли графика, мусиқӣ ва ғайраҳо таъмин менамояд. Мултимедия ин воситаи барномавӣ ва компютерӣ аст, ки барои интиқоли иттилооти мухталиф истифода карда мешавад.

Мултимедия - ин воситаи маҷмуии дастгоҳӣ ва барномавӣ ба ҳисоб меравад, ки ба истифодабаранда имконияти кор карданро дар муҳити интерактивӣ бо далелҳои мухталиф, ки дар шакли муҳити ягонаи иттилоотӣ ташкил карда шудааст, таъмин менамояд. Зери мафҳуми технологияи мултимедиявӣ технологияи педагогӣ фаҳмида мешавад, ки тартиби коркард, амалнамоӣ ва истифодаи воситаҳои коркарди иттилооти модалиятҳои мухталифро муайян менамояд.

Таҳсилоти муосир бе истифодаи технологияҳои мултимедиявӣ ҳамчун воситаи такмил ва мувофиқ намудани раванди таълим ғайриимкон аст. Мултимедиа ҳамчун технологияи муосири компютерӣ фаҳмида мешавад, ки дар низоми компютер матн, садо, расм, видео, тасвири графикиро пайваст менамояд. Истифодаи воқеияти хаёлӣ дар раванди педагогӣ самаранок буда, тағйироти тамоми низоми таълим ва тарбияро таъмин менамояд.

Имконияти интиқоли маводҳои зиёди иттилоотӣ ба хонандагон тариқи наздикшавии бевосита ба объект ва падидаҳои омӯхташаванда, моделсозии ҳолатҳои тарбиявӣ, ки дар он хонанда мувофиқи вазъияти мавҷуда қарор қабул менамояд, пайдо мешавад. Ҳамин тариқ, имкониятҳои дидактикии воситаҳои мултимедиявӣ бо рушди сатҳи техникиву технологӣ ва барномавӣ - методологии онҳо васеъ мегардад.

Истифодаи технологияи мултимедиявӣ ба ҷанбаҳои зерин мусоидат менамояд:

- инфиродигардии раванди таълимӣ - тарбиявӣ бо назардошти сатҳи омодагӣ, қобилият, шавқу рағбат ва талаботи хонандагон;

- тағйирёбии характери фаъолияти маърифатии хонандагон, рушди мустақилият ва фаъолияти ҷустуҷӯӣ;

- ҳавасманднамоии кӯшиши хонандагон ба худтакмилдиҳӣ ва омодагӣ ба азнавомӯзии мустақилона;

- қувват гирифтани алоқаҳои байнифаннӣ дар таълим, омӯзиши маҷмуии падида ва ҳодисаву равандҳо;

- болоравии чандирӣ, мобилияти раванди таълим, таҷдиди доимии он дар шароити муосир;

- тағйири шакл ва методҳои ташкили фаъолияти синфӣ ва ғайрисинфии хонандагон ва ташкили вақти холии хонанда.

Ҳамин тариқ, истифодаи технологияҳои мултимедиявӣ боиси тағйир ёфтани раванди таълиму тарбия гардида, самаранокии онро таъмин менамояд, лекин дар шароити Тоҷикистон технологияи мултимедиявӣ дар сатҳи зарурӣ истифода карда намешавад. Имрӯз низ, дар аксарияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ методҳои анъанавии таълим мавриди истифода қарор дода шудааст, ки албатта таҷдид ва такмили заруриро талаб менамояд.

Дар раванди таълим як қатор методҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд: методи лоиҳавӣ, методи захираҳои иттилоотӣ, бозиҳои дидактикӣ.

Қайд намудан зарур аст, ки муҳити мавзугии иттилоотиву коммуникативӣ дар алоқамандӣ бо унсурҳои асосии он - воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ва системаҳои иттилоотӣ, таъминоти захиравӣ ва методӣ мавҷуд аст. Баррасии муҳити мавзуии иттилоотиву коммуникативӣ имконият медиҳад, ки оиди хусусияти

муҳими алоқаи таркиби он сухан ронд: тағйирот дар яке аз қисмҳои таркибӣ ба дигаргуншавии дигар унсурҳои таркибӣ, алоқаи байни онҳо ва муҳит оварда мерасонад; устувории алоқаҳо дар доираи муҳити мавзуии таълимии иттилоотиву коммуникативӣ бо раванди таълим бо дастгоҳи мафҳумӣ таъмин карда мешавад, ки тариқи он алоқа характери системавӣ пайдо менамояд.

Новобаста аз хусусиятҳои мавзуии салоҳиятҳои ташаккулёбандаи хонандагон, муҳити мавзуии иттилоотиву коммуникативӣ як қатор вазифаҳоро иҷро менамоянд. Дар ин самт метавон чунин вазифаҳоро қайд намуд: дастрасии фаврии иттилооти таълимӣ ба хонанда; амалӣ гардидани вазифаи коммуникативӣ байни тамоми иштирокчиёни раванди таълим ва алоқаи ҷавобӣ бо омӯзгор; таъмини кори мустақилонаи гурӯҳӣ ва инфиродӣ. Дар ин самт, чунин мешуморем, ки баланд бардоштани самаранокии тайёр кардани мутахассисон вазифаи муҳим ба ҳисоб меравад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим имкониятҳои навро ба миён меорад: мутобиқати самаранокии иқтисодии баланд ва чандирии раванди таълим, истифодаи васеи захираҳои иттилоотӣ, васеъ намудани имкониятҳои шаклҳои анъанавии таълим, имконияти бунёди шаклҳои нави самараноки таълим, ки барои самаранок ва дастрас гардидани раванди тайёр намудани хонандагон мусоидат менамоянд [108,22].

Ташаккули салоҳиятҳои хонандагон дар ҷараёни таълим бояд бо истифода аз китобҳои электронӣ ва луғатҳои электронӣ, коркарди маҷмуи таълимиву методии электронӣ, гузаронидани бозиҳои нақшофариниву сужавӣ бо ёрии интернет, сабти матнҳои назоратӣ бо ёрии компютер барои санҷидани худ ва назорати омӯзгор, тамошои сабтҳои видеоӣ, иҷроиши лоиҳаҳо дар мавзуъҳои мухталиф амалӣ мегардад.

Ғояи асосӣ дар интихоби мувофиқи шаклҳои ташкилии машғулиятҳои таълимӣ, интихоби метод ва воситаҳои таълим ва ташхис, ки ба мақсад ва вазифаҳои машғулиятҳо мувофиқанд, ҷудо намудани вақт барои иҷроиши навъҳои муайяни вазифаҳои таълимӣ зоҳир мегардад.

Дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ хонандагон имконият пайдо менамоянд, ки салоҳиятҳои худро ташаккул диҳанд. Қайд намудан зарур аст, ки технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ҳам сарчашмаи бадастории иттилоот ва ҳам воситаи бадастории иттилоот баромад менамояд. Дар чунин ҳолат хонандагон имконияти зиёди бадастории иттилоотро пайдо менамоянд.

Омӯзгор дигар ҳамчун сарчашмаи ягонаи дониш баромад намекунад ва ташкилкунандаи раванди таълим, коркарди иттилоот, ҳамоҳангсози таҳқиқотӣ, бунёди корҳои эҷодии хонандагон мегардад. Қайд намудан зарур аст, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ сифатҳои иҷтимоӣ ва психологиро низ инкишоф медиҳад: боварии хонандагон ба худ ва қобилияти фаъолияти инфиродӣ ва дастаҷамъона; фазои зарурӣ барои таълим ва ҳамкорӣ.

Технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба баланд гардидани ҳавасмандӣ муосидат менамояд ва аксарияти қобилияти хонандагонро инкишоф медиҳад. Технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ натанҳо ҳамчун технологияи таълим, балки ҳамчун воситаи ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ баромад менамояд. Дарки натиҷаҳои фаъолияти коммуникативии худ ба рушди унсури рефлексии салоҳиятнокӣ мусоидат менамояд.

Г.Ю.Богдан дар таҳқиқоти худ барои ташаккули салоҳиятнокии хонандагон дар соҳаи истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар фаъолият системаи сатҳиро пешниҳод менамояд, ки аз се марҳила иборат аст: тайёрии заминавии назариявӣ -педагогӣ (технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ҳамчун воситаи таълим

истифода мешаванд); маълумоти иловагӣ (технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ҳамчун мавзуи таълим истифода карда мешаванд); омодагӣ ба фаъолият (технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ҳамчун воситаи фаъолияти истифода карда мешаванд).

Қайд намудан зарур аст, ки ҳар як марҳила барои тайёрнамоӣ истифода мешавад, тамоми маҷмуъ бошад ба ҳалли вазифаи асосӣ - ташаккули омодагӣ ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар фаъолият мусоидат менамояд [15,87].

Дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ салоҳияти хонандагон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ нақши муҳим дорад. Ба масъалаи ташаккули салоҳият дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ муҳаққиқон Е.Ю.Кулик, Е.В.Сидоров, Л.А.Шевтсов, О.В.Урсов таҳқиқотҳои худро амалӣ намудаанд.

Хусусияти таълими хонандагон дар он зоҳир мегардад, ки истифодаи умумитаълимӣ ва технологии воситаҳои компютериву иттилоотӣ бояд дар алоқамандӣ бо қобилияти психологиву педагогии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим ва бо такя намудан ба таҷрибаи ташаккулёфтаи хонандагон ба роҳ монда мешавад.

Раванди рушди салоҳият дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ бояд характери бисёрсатҳа дошта бошад, ки ҳар як сатҳ бо раванди тағйирпазирии фаъолияти педагогӣ алоқаманд бошад. Дар шароити имрӯза муносибатҳои мухталифи омӯзиши марҳила ва сатҳҳои ташаккули салоҳиятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ҷудо карда мешаванд.

М.Б.Лебедева ва О.Н.Шилов се марҳилаи ташаккули салоҳияти технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсиониро ҷудо намудаанд: заминавӣ, умумӣ, махсус. Салоҳияти заминавӣ асоси ташаккули салоҳиятҳои умумӣ аст, ки дар навбати худ заминаи зарурии ташаккули салоҳияти махсус баромад менамояд.

Фарқияти салоҳияти умумӣ аз салоҳияти заминавӣ дар истифодаи васеи барномаҳо амалӣ зоҳир мегардад. Салоҳияти махсус дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ин қобилияти ҳал намудани вазифаҳо бо истифодаи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотиву коммуникативӣ мебошад [76,95-100].

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар доираи салоҳиятҳои махсус истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ унсурҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

- ҷустуҷӯ ва интихоби иттилооти иловагӣ барои таълим бо истифода аз захираҳои интернет, пешниҳоди иттилооти таълимӣ бо истифода аз воситаҳои мухталифи компютерӣ;

- иштирок дар фаъолияти иттиҳодияҳои мухталифи шабакавӣ, конференсияҳои шабакавӣ;

- бунёди барномаҳои омӯзишии компютерӣ ва пешниҳоди иттилооти таълимӣ бо истифода аз замимаҳо ва системаҳои муқаррарӣ;

- таҳияи восита ва маводҳои таълимӣ дар барномаҳои электронӣ бо истифода аз замимаҳо ва воситаҳои муқаррарӣ, истифодаи коркардҳои тайёри мултимедӣ бо мақсади таълимӣ ва тарбиявӣ;

- идора намудани раванди таълимӣ ва тарбиявӣ бо истифода аз замимаҳои муқаррарӣ ва барномаҳои махсус [76,97].

Л.Н. Горбунов ва А.М. Семибратов пешниҳод менамоянд, ки сатҳи салоҳиятнокии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ бо танзим ва тақсими салоҳият байни муассисаҳои системаи маълумоти иловагӣ алоқаманд карда шавад. Дар чунин ҳолат сатҳи аққалӣ (саводи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ), қобилиятӣ (салоҳияти иттилоотӣ) ва салоҳиятнокии пурраи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ҷудо карда мешавад [30,91-96].

А.А.Елизаров сатҳи заминавӣ ва мавзуиву самтгириро ҷудо менамояд. Дар сатҳи заминавӣ сатҳи дониш, қобилият ва таҷриба, ки барои ҳалли масъалаҳо заруранд, фаҳмида мешавад. Сатҳи мавзуиву

самтгирӣ, азхудкунӣ ва ташаккули омодагӣ ба ворид намудани захираҳои мухталиф ва технологияҳои махсусро ба фаъолият пешниҳод менамояд [40,116-117].

Ташаккули салоҳиятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионии хонандагон дар соҳаи таҳсилот дорои хусусиятҳои худ мебошад, зеро воқеияти муосир гузариш ба ҷомеаи иттилоотиро тақозо менамояд, ба омӯзгорон зарур аст, чунин хатмкунандагонро тайёр намоянд, ки тавонад ба чунин ҷомеа ворид гардад. Барои хонандагон зарур аст, ки салоҳиятҳои мавзуиро, ки ба дарки методикии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ мувофиқ аст, ба таври дақиқ аз худ намоянд.

Истифодаи фаъоли технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ имконият медиҳад, ки самаранокии тайёрии хонандагон баланд бардошта шавад, хонандагон ба истифодаи дастовардҳои рушди илмӣ-техникӣ дар фаъолияти минбаъда шинос гарданд.

Ташаккули салоҳияти иттилоотиву коммуникативии хонандагон, дар шароити имрӯза, яке аз вазифаҳои муҳими системаи маълумоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб меравад. Ташаккули салоҳиятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионии хонандагон, бешубҳа воситаи муваффақияти иттилоотигардонии раванди таълим ва тарбияи системаи маълумоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб меравад.

Воқеияти муосир муносибатҳои навро нисбати ташаккули салоҳиятҳои хонандагон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, ки ба технологияҳои рақамии босуръат рушдкунанда мувофиқ мебошанд, талаб менамояд.

Қайд намудан зарур аст, ки раванди ташаккули салоҳияти хонандагон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ҷанбаҳои зеринро пешниҳод менамояд: ба даст овардани дониш, қобилият ва маҳорати кор натанҳо бо технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионии базавӣ, балки бо барномаҳои амалӣ; истифодаи

технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар тайёр ва гузаронидани дарсҳо аз фанҳои гуногун; пешбинии натиҷаҳо – тайёр намудани хонандагон, ки ба сатҳи талаботи ҷомеаи иттилоотӣ мувофиқ аст.

Дар асоси таҳлил мухолифати байни суръати иттилоотигардии ҷомеа ва амалияи мавҷудаи иттилоотигардии маълумоти миёнаи умумӣ; зарурати объективии ташаккули салоҳиятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ва мавҷуд набудани системаи мувофиқ дар соҳаи маълумоти миёнаи умумӣ ошкор карда шуд.

Бо ворид намудани технологияҳои нави иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба раванди таълимиву тарбиявӣ омӯзгори муосир омили бузурги рушди эҷодии худро ба даст меорад. Омӯзгор технологияҳои муосири иттилоотӣ - коммуникатсиониро дар тайёр намудани хонандагон, ки дар ҷомеаи иттилоотӣ бояд худро амалӣ намоянд, истифода намуда, сифати таҳсилот, сатҳи тайёрии хонандагонро баланд намуда, бо ин васила маҳорати касбии худро дучанд менамояд. Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза, вазифаи муҳими маълумоти миёнаи умумӣ ташаккули салоҳияти иттилоотиву коммуникативии хонандагон ба ҳисоб меравад, ки бояд ба технологияҳои рақамии босуръат рушдкунанда мувофиқ бошанд.

Мақсади асосии таълим ташаккули салоҳиятҳои шахсият, ки дар шароити рақобати сатҳи баланди қобилияти эҷодӣ ва фаъолнокии иҷтимоӣ мебошад, ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, дар шароити имрӯза дар тайёр намудани хонандагон муносибати босалоҳият ба таври васеъ истифода карда мешавад.

Ба сифати яке аз роҳҳои ҳалли методологии вазифаи гузошташуда дар сохтори стандарти таълимии маълумоти миёнаи умумӣ салоҳиятҳои умумӣ ҷудо гардидаанд, ки тайёр намудани бомуваффақи хонандагонро таъмин менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки гурӯҳи салоҳиятҳои умумӣ (иҷтимоӣ - меҳнатӣ ва аҳамиятӣ - семантикӣ) на танҳо дар соҳаи таълим, балки дар

корҳои беруназсинфӣ низ бомуваффақият ташаккул меёбанд. Фаъолияти таълимиро дар муассисаҳои таълимӣ ҳамчун раванди мутамарказ ва нигаронидашудаи ташаккули ҳавасмандии хонандагон, ташаккули фарҳанги онҳо муайян кардан мумкин аст.

Ду самти асосии такмили ҷараёни таълим дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии муосир муайян карда шуд, ки усулҳои ташкили онро муайян кардаанд. Равиши иттилоотӣ тамоюлҳои информатизатсия, хусусияти оммавӣ, табиати фундменталӣ ва муттасилии таълимро фаро мегирад. Татбиқи он дар ҷараёни таълим боиси истифодаи фаъоли унсурҳои таҳсилот дар таҷрибаи амалӣ, таҷдиди мундариҷа ва технологияҳои таълимӣ мегардад.

Ҳадафи ин равиш ташаккул додани қобилияти хонандагон барои истифодаи самарабахши воситаҳои мавҷуда ва доимо такмил додани манбаъҳои иттилоотӣ мебошад. Муносибати фардӣ ба донишҳои шахсӣ беназир, ки ба шахси мушаххас хос аст ва ба ин хотир, махсусан арзишманд аст. Ин усул тамоюлҳои инсондӯстии таълим, самтгирӣ ба рушди шахсият ва сифати ҳаётро дар бар мегирад.

Нуктаи муҳим дар татбиқи ин усул фароҳам овардани шароит барои равандҳои тағйирот мебошад: иттилоот - дониш - иттилоот. Ба ин истифодаи технологияҳои фаъоли педагогӣ дар заминаи таълими контекстӣ мусоидат мекунад, ки имкони моделсозии муошират ва фаъолиятро дар муҳит фароҳам меорад, ки муошират яке аз воситаҳои муҳими таълим аст [30,94].

Як қатор муаллифон дар таҳқиқоти худ мушкилоти сифати таълимро бо сатҳи зарурии салоҳиятнокӣ, ки хонанда дар ҷараёни таълим аз худ менамояд, алоқаманд менамоянд. “Салоҳият омодагӣ ва қобилияти ҷавононе, ки мактаби миёнаро хатм мекунанд, барои масъулияти шахсӣ барои беҳбудӣ ва беҳбудии ҷомеа масъул аст” [55,93].

Салоҳиятнокӣ ҳамчун маҷмуи салоҳиятҳои муайяни дорои хусусияти иттилоотӣ, коммуникативӣ ва мурофиавӣ ташаккул меёбад.

Мо боварӣ дорем, ки салоҳият маънои шахсро барои иҷрои босифати фаъолият, инчунин арзишҳо ва муносибат ба фаъолиятро ҳамчун арзиш дорад. Хонандагони салоҳиятдор барои рушди худ бояд потенсиали эҷодӣ дошта бошад, танҳо дар ин сурат метавонанд фаъолияти самаранок дошта бошанд [76,97].

Якчанд гурӯҳи салоҳиятҳоро чудо менамоянд:

- салоҳиятҳои умумии фарҳангӣ: маҷмӯи дониш, малака, унсурҳои таҷрибаи фарҳангиро дар бар мегирад, ба хонанда имкон медиҳад, ки василаҳои илмҳои омӯхташуда, намудҳои гуногуни технологияҳо ва дигар соҳаҳои фаъолияти инсонро, ки дар мавзуъҳои таълимӣ ва соҳаҳои таълимӣ инъикос ёфтааст, озодона соҳиб гардад; онҳо истифодаи озодонаи консепсияҳо, қонунҳо, принсипҳо, усулҳо, назарияи асарҳои матнӣ, бадеӣ ва дигарро, ки дастовардҳои бунёдии инсоният ҳисобида мешаванд, пешбинӣ мекунанд, ки ба хонанда имкон медиҳад, ки дар муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ворид гардад, дар доираи унсурҳои он амал намояд;

- дар ҷараёни азхудкунии фанҳо салоҳияти умумии хонандагон, ки аз рӯи соҳаҳои умумии самтҳои таълимӣ хусусияти систематикӣ ва бисёрҷабҳа доранд, ташаккул меёбад;

- салоҳиятҳои тахассусӣ ба қобилияти хонандагон ҷиҳати ҷалби донишҳо ва малакаҳое, ки дар доираи соҳаи мушаххас оид ба ҳалли масъалаҳо ташаккул ёфтаанд, алоқамананд; дар раванди азхудкунии фанҳо ташаккул ёфта, маҷмуи дониш, малака ва қобилиятҳои равишҳои назариявӣ ва методологии интихобшударо дар бар мегиранд [76,56].

Фаъолияти лоиҳавӣ, имрӯз яке аз намудҳои пешрафтатарини фаъолият мебошад, ки метавонад шахси эҷодкор, технологӣ ва фарҳангӣ ташаккул ёбад.

Дар фаъолияти таълимии хонанда - фаъолияти лоиҳавӣ яке аз навъҳои махсуси фаъолият ба ҳисоб меравад, ки бо пешбинӣ, банақшагирӣ ва моделсозӣ алоқаманд буда, барои коркарди тамоми

навъҳои лоиҳаҳои таълимӣ, инчунин ҳалли мушкилот ва масъалаҳои мухталифи таълимии назариявӣ ва эмпирикӣ равона карда шудааст.

Шарти ҳатмии фаъолияти лоиҳавӣ мавҷудияти ғояҳои қаблан таҳияшуда дар бораи маҳсулоти ниҳоии фаъолият, марҳилаҳои тарҳрезӣ ва амалисозии лоиҳа, аз ҷумла инъикос ва инъикоси натиҷаҳои фаъолият мебошад.

Таҳлили назариявии адабиёти психологӣ ва педагогӣ оид ба мушкилоти истифодаи муносибати лоиҳавӣ дар таълим нишон дод, ки асосан тарроҳӣ ҳамчун як намуди фаъолияти махсус дар ҷараёни таълим тавассути усули лоиҳавӣ, инчунин дар шакли унсурҳои инфиродӣ, ки хонандагон дар иҷрои корҳои таълимӣ истифода мебаранд, истифода мешавад [30,91-96].

Дар таълим ташкили фаъолияти лоиҳавӣ вақте имконпазир аст, ки хонандагон корҳои амалии махсусро иҷро намоянд. Ҳадафи таҳқиқот ва лаиҳакашӣ ба даст овардани донишҳои нав, омӯзиши объектҳои маъруф, систематизатсия ва мустаҳкам кардани донишҳои назариявӣ, шинос шудан бо технологияҳои мавҷудаи истеҳсолӣ, рушди малакаҳои ҳисоббарорӣ, графикӣ ва қобилияти кашидани расмҳо мебошанд. Мавзуи чунин корҳо ва лоиҳаҳо метавонанд аз ҷониби хонандагон мустақилона интихоб карда шаванд, агар онҳо масъалаи тадқиқот ё технологияи истеҳсолиро амиқ омӯхта бошанд.

Лоиҳаи таълимӣ аз нуқтаи назари хонанда як имконияти баланд бардоштани нерӯи эҷодӣ мебошад. Ин фаъолиятест, ки ба шумо имкон медиҳад, ки худро дар алоҳидагӣ ё дар як гурӯҳ исбот кунед, қобилияти худро санҷед, донишатонро татбиқ кунед, фоида ба даст оред, натиҷаҳои ба даст овардаатонро нишон диҳед. Ин фаъолиятест, ки ба ҳалли масъалаи ҷолиб нигаронида шудааст, ки онро аксар вақт худи хонандагон дар шакли мушкил ташаккул медиҳанд, дар сурате ки натиҷаи ин фаъолият - роҳи пайдошудаи мушкил - амалӣ, дорои

аҳамияти зарурӣ мебошад, ки барои кашфкунандагон ҷолиб ва муҳим аст [55,93].

Амалисозии лоиҳаҳо як раванди эҷодӣ мебошад, худамалинамоии мустақилона, хонандагонро ба эҷодкорӣ наздиктар месозад, яъне фаъолияти лоиҳа раванди худидоракунии таълимро ташвиқ мекунад, ки эҷодкориро ҳавасманд мекунад ва ба ташаккули салоҳиятҳо мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, ҷомеаи муосир, ки ба инноватсия асос ёфтааст, аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омода кардани хонандагони босалоҳиятро талаб мекунад, ки қодиранд муошират кунанд ва ҳамкорӣ кунанд, қобилияти гирифтан ва коркарди иттилоот, қабули қарорҳои фавриро дар ҳолатҳои ғайристандартӣ доранд. Аз ин рӯ, мушкилоти ташаккули салоҳиятҳо дар ҷараёни таълим дар заминаи ислоҳоти таълимӣ муҳим аст ва ҳалли он тавассути такмил додани ҷараёни таълим дар самти баланд бардоштани фаъолияти хонандагон дар синф ва пас аз дарсҳо имконпазир аст, ки ба ташаккули хонанда ҳамчун субъекти ҷараёни таълим мусоидат мекунад ва ин ба идеологияи салоҳият комилан мувофиқ аст.

Дар шароити иттилоотигардонии маълумоти миёнаи умумӣ, ба таркиби салоҳиятҳо метавон салоҳияти иттилоотиро низ ворид намуд. Соҳаи салоҳиятҳои шахсӣ инчунин як ҷузъи иттилоотӣ мебошанд, ки қобилияти хонандаро дар ҷамъоварӣ, ҳифз ва коркарди иттилоот нишон медиҳад. Ин унсур нишон медиҳад, ки хонанда то чӣ андоза омода кардани фаъолияти касбии худро дар заминаи равандҳои афзояндаи иттилоотӣ дар ҷомеа, вақте ки манбаи иттилоотӣ ба мақоми захираҳои моддӣ баробар мешавад, омода менамояд.

Ҳамин тариқ, таркиби зерини сохтори дохилии салоҳиятҳоро пешниҳод кардан мумкин аст:

- эпистемологӣ (гирифтан ва ҷамъ намудани донишҳои нав);

- фаъолият (малака);

- шахсӣ (сифатҳои шахсӣ);

- инъикос (қобилияти худбаҳодиҳӣ);

- далеловарӣ-арзиш (ангезаҳо ва муносибати арзиш);

- коммуникативӣ (доштани малакаҳои муошират бо одамон, малакаҳои гурӯҳӣ);

- иттилоотӣ.

Ҳамаи ин таркибҳо бо ҳам алоқамананд ва ягонагиро дар шуури хонандагон ташкил медиҳанд ва вобастагии онҳо тавассути системаҳои коммуникативӣ амалӣ мешаванд.

Рушди салоҳиятҳо ҳамчун раванди такмили он бо роҳи азхуд кардани дониш ва малакаи ҳалли мушкилот нигаронида шудааст. Тибқи консепсияи иттилоотисозии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳадафи стратегии информатизатсия ба таҳсил ташаккули ягонаи иттилоот мебошад. Муҳите, ки фаъолияти таълимӣ, илмӣ, таълимӣ ва ташкилӣ - идоракунии муассисаи таҳсилоти миёнаро дар асоси технологияҳои муосири иттилоотӣ, мултимедия ва телекоммуникатсия таъмин ва дастгирӣ менамояд.

Ҷанбаҳои зерини иттилоотисозии ҷараёни таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷудо кардан мумкин аст:

- рушди фазои иттилоотии муассиса, аз ҷумла иттилоотонии ҷараёни идоракунии муассисаҳои таълимӣ;

-истифодаи захираҳои электронии таълимӣ дар раванди таълим, ҳангоми таълими хонандагон аз фанҳои гуногуни таълимӣ ва назорати донишҳои бадастомада;

- истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи таъмини фаъолияти хонандагон.

Муайян аст, ки информатизатсиякунонии ҷараёни таълим дар системаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд дар заминаи равиши маҷмуӣ (беҳбуди заминаи моддию техникӣ, ба даст овардани барномаҳои зарурии литсензионӣ, зиёд кардани хоҳиши омӯзгорон дар истифодаи

технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим, таҳияи дастгирии мувофиқи методикӣ ва ғайра) амалӣ карда шавад.

Бояд қайд кард, ки меъёрҳои возеҳи баҳогузории сатҳи информатизатсия дар муассисаҳои таълимӣ ҳоло муайян карда нашудаанд. Одатан, танҳо нишондиҳандаҳои микдорӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд (шумораи компютерҳо ба ҳар як хонанда, мавҷудияти шабакаи компютерии маҳаллӣ, микдори дастрасӣ ба Интернет, мавҷудияти вебсайт дар муассисаи таълимӣ ва ғайра). Ҳамзамон, нишондиҳандаҳои сифатии самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ба назар гирифта намешаванд.

Самти асосии информатикунонии ҷараёни таълим истифодаи технологияҳои гуногуни иттилоотӣ барои ташаккули шахсияти хонанда, қобилияти эҷодӣ ва ташаккули салоҳиятҳои ӯ мебошад. Шарти асосии ин таъсиси озмоишгоҳҳои махсус барои моделсозии компютерии масъалаҳои саноатӣ, мавҷудияти китобхонаҳои электронӣ аз ҳуҷҷатҳои пурраи матнӣ ва ғайра мебошад.

Мутаассифона, бо вуҷуди иқтидори мавҷудаи системаи бозомӯзии муаллимон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аксар вақт ба истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим омода нестанд. Бисёре аз онҳо то ҳол имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсиониро дар фаъолият ба таври кофӣ истифода намебаранд, онҳо танҳо муҳаррирони матниро истифода мебаранд. Дар робита ба ин, бояд самаранокии ташаккули омодагии омӯзгор барои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим зиёд карда шавад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими информатикунонии маълумоти миёнаи умумӣ масъалаи рушд ва такмили минбаъдаи муҳити иттилоотии муассисаи таълимӣ мебошад. Дар ин ҷо мо автоматизатсияи идоракунии оперативии ҷараёни таълим (ҷадвал, тақсимоти сарбории таълимӣ), компютеркунонии фаъолияти молиявию иқтисодии муассисаи таълимӣ, сиёсати кадрӣ, ҳуҷҷатгузорӣ ва ғайраро қайд карда метавонем.

Комилан возеҳ аст, ки информатизатсиякунонии маълумоти минаи умумӣ танҳо ҳамон вақт самараи зарурии педагогӣ дода метавонад, ки технологияҳои татбиқшудаи иттилоотӣ қисми ҷузъи системаи анъанавии таҳсилот набошанд, балки табиатан ба модели мавҷудаи таълим дохил карда шаванд.

Ташаккули тафаккури эҷодӣ дар байни хонандагон яке аз муҳимтарин принсипҳои омӯзиш мебошад. Тайёр кардани хонандае, ки дорои тафаккури мустақили эҷодӣ мебошад, вазифаи таҳсилоти миёнаи умумии муосир мебошад. Танҳо чунин хонанда қодир аст, ки дониши худро пайваста такмил диҳад, малака ва қобилияташро рушд диҳад, ба технологияҳои нави истеҳсолӣ мутобиқ шавад ва ба корҳои мустақили илмӣ қодир бошад.

Мувофиқи равиши ба фаъолият асосёфта ба таълим, тафаккур моҳиятан донишест, ки ба ҳалли мушкилот ё вазифаҳои дар назди инсон гузошташуда оварда мерасонад. Рушди фаъоли тафаккур ва азхудкунии дониш танҳо дар сурате пайдо мешавад, ки агар супориш дар вақти омӯзиш гузошта шуда бошад, мушкилоте ба миён меояд, ки хонандагонро барои ҷустуҷӯи ҳалли инноватсионӣ ва нав водор мекунад.

Яке аз масъалаҳои асосии таҳсилоти муосир инъикоси пасти эҷодии хонандагон мебошад. Аксар вақт, хонандагон қобилияти ҳалли пурраеро барои ҳалли мушкилоте нишон медиҳанд, ки алгоритми стандартии ҳалли онҳоро надоранд. Дар психологияи тафаккури эҷодӣ инъикос ҳамчун раванди фаҳмидан ва аз нав ташаккул додани стереотипҳои хонандагон фаҳмида мешавад, ки шарти зарурии пайдоиши навовариҳо мебошад.

Ин истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ мебошад, ки ба хонандагон маводи таҳқиқшударо дар дурнамои нав нишон медиҳад, имкониятҳои нави ғайричашмдоштро мекушояд ва илова бар ин таваҷҷӯҳи хонандагонро ба дарсҳои омӯзишӣ афзун мекунад. Ин ҳама дар ниҳоят ба хонандагон имкон медиҳад, ки

малакаҳои заруриро ҳам дар ҷараёни таълими синфӣ ва ҳам дар кори мустақилона ташаккул диҳанд.

Рушди тафаккури эҷодӣ худ як ҳадаф нест, балки танҳо васила, василаи ташаккули салоҳиятҳо мебошад. Тавре ки аллакай қайд карда шуд, рушди тафаккур танҳо дар раванди ҳалли мушкилоти нав ба амал меояд. Хонандагон бояд барои ҳалли вазифаҳо таваҷҷӯҳ дошта бошанд ва бештар ба ин раванд ҷалб карда шаванд.

Зарур аст, ки технологияҳои интерактивии таълими иттилоотӣ дар раванди таълим фаъолона истифода карда шаванд, аз қабили дарсҳои проблемавӣ бо презентатсияҳои компютерӣ, мизҳои мудаввар бо иштироки мутахассисони ширкатҳои бузурги истеҳсолӣ ва ҳукумат (бо истифодаи технологияҳои телеконференсия, видеоконфронс), бозиҳои бизнес ва нақшҳо, дар синфҳо ворид кардани унсурҳои «тундбод» ва ғайра.

Дар ин бобат имкониятҳои васеъ аз ҷониби Интернет фароҳам оварда шудаанд. Истифодаи потенсиали коммуникативӣ ва ҷустуҷӯии он ба хонандагон ва омӯзгорон имкон медиҳад, ки бо навовариҳои инноватсионии соҳаи таҳқиқшаванда ҳамгиро шаванд.

